**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**Мирзораҳматова Гулнора Миралиевна**

# Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик

**Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор Икромов Искандар**

**Душанбе-2019**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима** .......................................................................................... 3

**БОБИ I. ҶАРАЁНИ ЗИНДАГӢ ВА МЕРОСИ АДАБИИ МИРЗО ҚАДАМ**

1.1.Доираи адабии Роғ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX..... 11

1.2.Зиндагиномаи Мирзо Қадам .......................................................... 28

1.3.Мероси адабии Мирзо Қадам ........................................................ 39

**БОБИ II.МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ МИРЗО ҚАДАМ**

2.1. Мавқеи жанрҳои хурди лирикӣ дар эҷодиёти Мирзо Қадам ва мӯҳтавои асосии онҳо ....................................................................... 52

2.2. Андешаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ дар ашъори ғанонии Мирзо Қадам ............................................................................................... 68

**2.3. «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам**

2.3.1. Сохту мӯҳтавои «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ................................ 76

2.3.2. Аҳамияти тарбиявии «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам................................................................................................... 97

**БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ САБКИВУ БАДЕИИ АШЪОРИ МИРЗО ҚАДАМ**

3.1. Забону сабки баёни ашъори Мирзо Қадам ва марҳилаҳои ташаккули он ......................................................................................... 109

3.2. Хусусиятҳои бадеии ашъори Мирзо Қадам................................... 120

Хулоса ................................................................................................... 138

Китобнома ............................................................................................. 142

# МУҚАДДИМА

**Аҳамияти мавзӯъ:** Адабиёти форсии тоҷикӣ, ки умри зиёда аз ҳазорсола дорад, дар тамоми даврони мавҷудияташ дар рушду такомул, таҳаввул ва пешрафт буда, он лаҳзае сукуту таназзул надоштааст. Аз он ҷумла, дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, ки ба истилоҳ даврони таҳаввулоти мадиду фарогир ва маҷмӯан, давраи интибоҳи мардум арёбӣ кардаанд, бо анъанаву суннатҳои устувору побарҷои пешинаи худ идома ёфтааст. Намояндагони адабиёти ин давра дар шаҳрҳо, ноҳияҳо ва атрофу акнофи Бухорои Марказӣ ва Шарқӣ пайи кору эҷод будаанд. Вобаста ба рӯй додани воқеоти сиёсию иҷтимоӣ ва табаддулоти азиме, ки ҷомеаи гуногунмиллати Осиёи Миёнаро фаро гирифта буд, адабиёти ин давра ба хусусус, адабиёти Бухорои Шарқӣ ва намояндагони маъруфи он ба таври муфассал ва яклӯхт баррасӣ нашудааст. Ин холатро аҳли таҳқиқ асосан, ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна аз ҷониби шимол ва ба муддате мустамликаи инглисҳо табдил ёфтани Ҷумҳурии Афғонистон аз ҷануб арзёбӣ намудаанд, ки то андозае ба ҳақиқат рост меояд.

Ин ба он маъност, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX чунин рӯйдодҳои таърихӣ бар он сабаб шудаанд, ки робитаҳои адабӣ коста гардида, мардуми Бухорои Шарқӣ ба бумбасти фарҳангӣ мувоҷеҳ гарданд ва он чи аз осори адабӣ рӯйи авроқ оварда буданд, муддате аз назарҳо дур монанд. Дар кишвари мо баъди ғалабаи Инқилоби Октябр ба омӯзиши адабиёти ин давр, бо сабаби дастнорас будани асарҳои навишташуда, камтар таваҷҷӯҳ рафта буд. Ба хусус адабиёти асрҳои XIX - XX Бухорои Шарқӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Аҳамияти мавзӯи мавриди назар пеш аз ҳама, аз ҳамин нигоҳ маншаъ мегирад.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ.** Дар омӯхта шудани доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ, махсусан ҳавзаи адабии Роғи асри Х1Х ва аввали асри ХХ, ки Мирзо Қадам намояндаи маъруфи он аст, устод Садриддин Айнӣ бо навиштани “Намунаи адабиёти тоҷик” [2] аввалин

қадамҳо гузоштааст, вале аз сабаби дастрас набудани маводи зарурӣ чеҳраҳои тобони қисмати кӯҳистонии ин адабиётро фаро гирифта натавонистааст. Новобаста ба ин, пайраҳаи кушодаи С.Айниро баъдтар Е.Э. Бертелс, А.Мирзоев, И.С.Брагинский, Р.Ҳодизода, А.Абибов, И.Икромов, А.М. Хуросонӣ, Қ. Наимов дар мақолаву рисолаҳои илмии худ идома бахшидаанд.

Бо вуҷуди ин, то кунун доираи адабии Бухорои Шарқӣ, ки дар он дар асрҳои XIX-XX доираҳои адабии Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Бадахшон, Муъминобод ва Роғ, ки намояндагонашон асосан, берун аз дарбору мирнишиниҳо фаъолияти амалӣ доштанд, ба таври ҷамъбастӣ таҳқиқ нагардидааст.

Доираи адаби Роғ ва атрофу акнофи он бошад,қариб ки то давраи Истиқлолияти Тоҷикистон дар гӯшаи фаромӯшӣ буд. Аз ин доираи адабӣ танҳо номи чанде аз намояндагонаш, монанди Мирзо Мӯсои Мухлис, Мулло Бурҳони Бисмил дар баъзе тазкираҳои он давра ёд шудаанду халос.

Рисолаи Қ. Наимов «Муҷрим ва ҳавзаи адабии Роғи охири асри XIX ва аввали асри XX» [8] ва корҳои таҳқиқӣ-матншиносии И. Икромов атрофи рӯзгору осори Мирзо Қадам, Муҷрими Роғӣ, Мухлис, Мисраъ, Мирзо Булбул, Лиқои Роғӣ ва Бисмил [65] масарратбахш буда, дар ин роҳи пажӯҳиши удабои фавқуззикрқадамҳои боэътимод дониста мешавад.

Пас аз дастрас шудани бойгонии Мирзо Қадам адабиётшиносе, ки бевосита ба ҳаёту эҷодиёти ӯ то андозае диққат додааст, Искандар Икромов мебошад. Дуруст аст, ки то вай адабиётшиноси дигари тоҷик А. Абибов дар китоби худ «Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ» [1, 52-84] вобаста ба доираи адабии Кӯлоб аз Мирзо Қадам ду дафъа ҳамчун суханвари ин доираи адабӣ ном бурдааст, аммо зиёда аз ин чизе нагуфтааст.

Диққати И. Икромовро ҳаёту эҷодиёти Мирзо Қадам хеле барвақт ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, вай баъди ҷамъоварии маводи лозима, пурсуҷӯи ҳамсафони ҳаётии суханвар, шогирдонаш ва фарзандонаш Абдулҳамид (1910-1987), Валӣ (1914-2006), Ҳабиб (1926-2007), аввал дар як мақола [4] ва баъд дар китоби «Шоирони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик» [5,12-30] мухтасари зиндагиномаи шоир ва намунаи ашъори ӯро ба табъ расонид.

Соли 2009 бо заҳмати И.Икромов бо ҳамкории Шерхон Ватанов «Девон»-и Мирзо Қадам дар ҳаҷми 184 саҳ. [7] чоп гардид, ки дар он И. Икромов аз рӯзгору осори Мирзо Қадам ва равиши таҳияи матни китоб муқаддимаи муфассал навишта, пешкаши хонанда намудааст. Илова ба ин, И. Икромов ва Ш. Ватанов соли 2010 «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадамро [8], дастраси хонанда намудаанд. Ин асари бо назм эҷод гардида, дар заминаи матни мансури «Қасас-ул-анбиё» эҷод шудааст. Ҷои хушҳолист, ки ба ганҷинаи бебаҳои адабиёти мо акнун «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ворид гардид.

Дар заминаи корҳои анҷомёфта роҷеъ ба мероси адабии Мирзо Қадам, хеле мухтасар бошад ҳам, С. Ҳакимов дар мақолаи худ «Дараҷаи омӯхта шудани адабиёти Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик» [11, 36-40] низ ишора кардааст. Зиёда аз ин, хотираю ёддоштҳои фарзандону дӯстон ва наздикону ҳамқаламони шоир ва баъзе лаҳзаҳои ҳаёти Мирзо Қадам, Искандар Икромов ва бародараш Зафар Икромов ва муаллифи ин сатрҳо навишта гирифтаем, ки чун маъхази гаронбаҳое барои омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Новобаста ба ҳамаи ин, дар заҳматҳои ёдшуда рӯзгору мероси адабии Мирзо Қадам ба таври монографӣ ҷамъбаст нагардидааст ва биноан, зарурати навиштани ин рисоларо ба миён гузошт.Бо омӯхтани рӯзгору осори бадеии Мирзо Қадам, агар дар навбати аввал яке аз чеҳраҳои хуби ҳавзаи адабии Роғӣ охири асри XIX ва аввали асри XX

муаррифӣ шавад, аз ҷониби дигар он дар пажӯҳиши минбаъдаи таърихи адабиёти тоҷик муфид хоҳад буд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Дар рисолаи мавриди назар масъалаи асосии таҳқиқ омӯзиши пурраю ҳамаҷонибаи ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии яке аз адибони камшинохтаи ҳавзаи адабии Роғ дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX тоҷик Мирзо Қадам, ба хусус «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ, муайян намудани сохту мӯҳтаво, хусусиятҳои услубӣ ва бадеӣ-эстетикии мероси адабии шоир ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Роғи тоҷик мебошад.

Барои баррасии ҳамаҷонибаи мавзӯъ масъалаҳои зайл мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтаанд:

-нигоҳи мухтасар роҷеъ ба доираи адабии Роғ дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик, вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии замон;

-барқарор намудани зиндагиномаи Мирзо Қадам дар заминаи манбаъҳои мавҷуда ва эҷодиёти худи шоир;

-дарёфт ва муайян намудани мероси адабии Мирзо Қадам дар асоси манобеъи муътамад;

-муайян намудани мавқеи ашъори лирикӣ ва анвои онҳо дар эҷодиёти адиб;

- баррасии андешаҳои ахлоқии Мирзо Қадам ва нишон додани аҳамияти онҳо дар замони имрӯз;

-нишон додани нақш ва мавқеи «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам дар адабиёти тоҷик ҳамчун падидаи тозаи адабӣ ва як навъ ибтикороти адиб;

- таҳқиқи паҳлӯҳои тарбиявии «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми адиб;

- муайян намудани сохту муҳтавои «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир;

- пажӯҳиши баъзе аз масоили забону сабки ашъори Мирзо Қадам ва нишон додани вижагиҳои он;

- таҳлили хусусиятҳои бадеии ашъори Мирзо Қадам ва баррасии маҳорати суханофаринии шоир;

- муайян намудани норасоиҳои забонӣ ва ҳунарӣ дар осори боқимондаи Мирзо Қадам.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ба ҳайси сарчашмаи пажӯҳиш, пеш аз ҳама, «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам истифода гардид, ки он дар дасти фарзандонаш Абдулҳамид (1910-1987), Валӣ (1914-2006), Ҳабиб (1926-2007) маҳфуз буданду акнун, дар бойгонии шахсии наберагонаш нигаҳдорӣ мешавад. Зимнан, ба осори дигари адабӣ таваҷҷӯҳ зоҳир шуда, дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо фаровон кор гирифтаем, ки асомиашон дар бахши китобнома дарҷ ёфтаанд.

**Объекти таҳқиқ.** Осори илмӣ ва бадеии адабиёти классикӣ, дар бастагӣ ба маводи меҳварии пажӯҳиш, адабиёти ибтидои садаи бисти тоҷик, осори манзуми намояндагони маъруфи доираи адабии Бухорои Шарқӣ, махсусан, доираи адабии Роғ аз нимаи дуюми асри 19 то солҳои 20-30 садаи 20.

**Предмети таҳқиқ.** Рӯзгор ва осори Мирзо Қадам: девони шоир, “Қасас-ул-анбиё”-и ӯ гузоришу мақола ва китобҳое, ки дар онҳо ба рӯзгору осори Мирзо Қадам дахл карда шудааст.

**Метод ва методологияи таҳқиқот.** Диссертатсия бар пояи методи муқоисавӣ – таърихӣ, шинохти осори адабӣ, таҳлили сохторӣ ва таҳлили оморӣ бар осори адабӣ, ки дар адабиётшиносӣ корбурд дорад, навишта шудааст. Муҳаққиқ дар пажӯҳиши худ ба таври васеъ аз дастовардҳои адабиётшиносону шарқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла асару мақолаҳои илмии донишмандоне чун С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, И. С. Брагинский, Я. Рипка, С. Табаров, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, У. Каримов, З. Сафо, М. Шукуров, Х. Отахонова, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. Кӯчаров, А. Маҳмадаминов, И. Икромов дигарон судмандона ва ба маврид истифода намудааст.

**Навгониҳои илмии рисола.** Ин рисола дар адабиётшиносии муосири тоҷик аввалин пажӯҳиши монографист, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам, ба хусус таҳлилу баррасии «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми адиб бахшида шуда, дар ин замина маҳорати шоирии вай мавриди таҳкиқ қарор гирифтааст. Бояд таъкид кард, ки «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам дар адабиёти форсии тоҷикӣ бозёфти нодир буда, он дар зиминаи асари ҳамноми мансури худ эҷод шудааст. Муаллиф дар рисола ба фаъолияти ҳамешагию машғулиятҳои рӯзмарраи Мирзо Қадам, осори бозмондаи вай, сохт ва мавзӯю мундариҷаи осори адиб, забон ва ҳусни баёни ӯ,ҷойгоҳи вазну қофия дар ашъори мавсуф, муносибати эҷодии ӯ бо адибони доираи адабии Роғ, зиёда аз ин бардоштҳои суханвар аз мероси адабии ниёгон монанди Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Ҳофизи Шерозӣ, Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ, Лиқои Роғӣ, ки таҳкурсии боварибахши офаридаҳои бадеии адибанд, диққати вижа дода, махсусиятҳои ашъори шоирро ҳамаҷиҳата баррасӣ кардааст.

**Арзиши назарӣ ва амалии пажӯҳиш.** Диссертатсияи мазкур барои омӯзишу пажӯҳиши масоили камтар таҳқиқшудаи адабиёти тоҷик, аз ҷумла зиндагинома ва мероси адабии Мирзо Қадам ва равшан намудани ҳавзаи адабии Роғ, ки охири асри XIX ва аввали асри XX ҷойи махсус дошт, муфид ва аҳамиятнок шуморида мешавад.

Маводи диссертатсия зимни таҳияи асарҳои илмӣ доир ба таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ ва навиштани рисолаву мақолаҳои илмиву оммавӣ, аз ҷумла дар рафти таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти адибони дигар арзишманд дониста мешавад. Илова бар ин, диссертатсия дар омӯзишу пажӯҳиши дигар ҷиҳатҳои осори Мирзо Қадам, инчунин навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ, курсҳои махсуси лексионӣ ва амалӣ барои донишҷӯён метавонад бевосита хизмат кунад.

Таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Қадам барои амиқтар аз худ кардани таъриху фарҳанги тоҷик, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва завқи эстетикии ҷомеа низ беманфиат нахоҳад буд.

**Масъалаҳои асосие, ки ба дифоъ пешкаш мегарданд:**

1. Маълумоти фишурда доир ба раванди доираи адабии Роғи тоҷик дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX вобаста ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии давр;
2. Барқарор намудани зиндагиномаи Мирзо Қадам дар асоси ашъори шоир ва хотироту ёддоштҳои мавҷудаи ба лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёти суханвар алоқаманд;
3. Муайян намудани сохт, жанр ва ҳаҷми мероси адабии шоир, ки то замони мо омада расидааст;
4. Таҳлилу баррасии осори лирикии шоир, анвоъ ва мӯҳтавои онҳо;
5. Таҳлилу баррасӣ, устухонбандӣ ва мундариҷаи ғоявию бадеии «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам;
6. Аҳамияти тарбиявии «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир дар рӯзгори имрӯз;
7. Корбурди фасоҳати забон ва таъмини ҳусни баён дар осори адабии Мирзо Қадам;
8. Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Мирзо Қадам, басомади истифодаи ороякҳои лафзӣ ва маънавӣ дар ашъори шоир;

**Апробатсияи рисола**. Рисола дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (Суратҷаласаи №6 аз 24.01.2019) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия гардидааст.

Мӯҳтавои меҳварии рисола дар 4 мақолаи муҳаққиқ, ки дар маҷаллаи илмии “Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” нашр шудааст, ифода ёфтааст. Баъзе фаслҳои рисола дар конференсияҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ва ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ интишор

гардидаанд (2010-2017). Номгӯи мақолаҳои нашршуда дар китобномаи автореферат дарҷ гардидааст.

**Сохти рисола.** Рисола «Рӯзгор ва осори адабии Мирзо Қадам» ном дошта, аз муқаддима, се боб, шаш фасл, ду зерфасл, хулоса ва китобнома иборат аст.

# БОБИ I. ҶАРАЁНИ ЗИНДАГӢ ВА МЕРОСИ АДАБИИ МИРЗО ҚАДАМ

## 1.1.Доираи адабии Роғ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX

Дар нимаи дувуми асри XIX ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ё аниқтараш Осиёи Миёнаро мутеъи худ намудани Русия сабабҳои худро дошт. Яке аз онҳо ин буд, ки ҳанӯз пеш аз ба Русия ҳамроҳ намудани Осиёи Миёна аз замонҳои қадим байни ин ду кишвар робитаҳои пайвастаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мавҷуд буд. Ин муомилот ба хусус, дар асри XVII ривоҷ ёфта, мустаҳкамтар шуд. Зеро алоқаи Осиёи Миёна баъди воқеаҳои хунини байни Сафавиҳо ва Шайбониҳо алоқаи тиҷорату иқтисодро бо ҳамсоягони ҷанубӣ-шарқии худ канда кард ва ба ин восита аз бозори ҷаҳонӣ ҷудо шуд. Ягона роҳ он буд, ки ашёҳои хом ва маҳсулоти ҳунармандии худро ба бозори Русия бароварад ва аз Русия барои худ молҳои зарурии рӯзгорро ворид намояд. Русия, ки рӯ ба тараққиёти капиталистӣ ниҳода буд, ба ашёи хоми Осиёи Миёна ниёз дошта ба ин тиҷорат манфиати зиёд медид [54,627-656].

Дувум ин ки аз ҷониби ҷанубӣ-шарқии Осиёи Миёна, яъне аз Афғонистон, ки дар асри XX мустамликаи Англия ба ҳисоб мерафт, хавфи ба Осиёи Миёна ҳуҷум овардани англисҳо буд ва ин ба Русия метавонист ҳам зиёни сиёсӣ ва ҳам зиёни иқтисодӣ расонад. Русия, пеш аз ҳама намехост, ки ашёи хоми гаронбаҳои Осиёи Миёнаро аз даст диҳад. Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки Русия барои тақсим кардани ғаниматҳои Осиёи Миёна бо Англия қариб ба ҷанг даромада буд [54,641]. Зиёда аз ин, ҳатто Хитой низ кӯшиши ба Помири Шарқӣ даромаданро мекард. Дар Помири Ғарбӣ бошад, вазъият то рафт ошуфтатар мегардид. Дар кӯмак ба бадахшониён дасти Русия кӯтаҳӣ мекард. Ҳокимони маҳаллӣ Шоалимардон дар Вахон ва Юсуфалихон дар Шуғнон, ки аз тарафи Абдураҳмони афғон маъзул гардида буданд, ба халқ якҷоя бар зидди афғонҳо муборизаи беамон мебурданд. Қисми

зиёди вахониҳо диёри худро тарк карда, ба Туркистони Шарқӣ кӯч бастанд.

Дар ин давра, бештар аз пештар аз ҷониби аморати Бухоро ба сари халқ фишорҳои таҳаммулнопазир мерасид. Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Бухоро дар Осиёи Миёна ҳамчун маркази таассуби динӣ ва реаксияи феодалӣ баромад менамуд ва дар замони ҳукумронии ду амри охирони он: – Абдулаҳад (1885-1910) ва Олимхон (1910-1920) давраи тиратарину мудҳиштарини мардуми кишвар, ба хусус тоҷикону ӯзбекон буд. Агар дар охири асри XIX ва аввали асри XX Бухорои қарнҳо машъалбардори фарҳанги асили форсии тоҷикӣ бад-ин ҳол афтода бошад, пас дар атрофу акнофи он, махсусан, Бухорои Шарқӣ чӣ ҳодисаҳое, ки рӯй намедод? Ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии аморати Бухоро наметавонист, Бухорои Шарқии дурдастро зери назорати пурраи худ қарор диҳад.

Бинобар ин, мардуми Бухорои Шарқиро ба ихтиёри ҳокимони маҳаллӣ гузошта, ба қадри ҳолу тавон аз онҳо боҷу хироҷ талаб мекарду бас. Ҳокимони маҳаллӣ бошанд, аз рӯйи «инсоф»-и худ бо зердастон муомила менамуданд. Ин ҳолатро дар Бухорои Шарқӣ, ҳам дар Хатлон, ҳам дар Қаротегин, ҳам дар водии Ҳисори Шодмон тақрибан, якранг метавон мушоҳида намуд. Нотавонии пардохти андозҳои миёншикан мардумро парешон ва ҳокимгурез намуда буд, ки ин ба доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ бетаъсир набуд. Бояд гуфт, ки ин доираҳои адабӣ низ ба таври шоиста амал намекарданд. Ҳатто эҷодкорон дар мавқеи якхела қарор надоштанд.

Ҳамин раванди зиндагӣ барои мардуми Хатлон ва доираҳои адабии атрофу акнофи он низ хос буд ва яке аз чунин доираҳои адабӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX доираи адабии Роғ ба шумор мерафт. Доир ба Роғу роғиён, асли баромади онҳо, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии ин мардум, гузашта аз ин шеваи гуфторашон дар мақолаю гузоришҳо ва рисолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, монанди И.Л. Яровский [118], Ю.В. Гонковский [49], Р. Ҳодизода [122;

123], Б.Н. Искандаров, М.С. Андреев [29], А. Абибов [22], И. Икромов [63; 64; 65], С. Ҳакимов [117;118;119], метавон маълумоти заруриро дарёфт, ки онҳо ҳама дар ҳаллу фасли ҳадафи мо судманд ва ҳамчун дастёри беминнат хидмат хоҳанд кард.

Ин ҷо бояд сари он андешем, ки Роғ чӣ маънӣ дорад ва чаро мардуми он мавзеъ деҳи худро Роғ ном ниҳодаанд? Дар луғатҳои тафсирии маъруфу эътимодбахш, аз ҷумла: «Ғиёсу-ал-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин [4,362], «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [109], «Фарҳанги сурурӣ», «Фарҳанги рашидӣ»-и Абдуррашиди Таттавӣ, «Фарҳанги низом»-и Муҳаммадалии Дорулислом Ҳайдарободӣ, «Бурҳона қотеъ»-и Бурҳон Муҳаммадҳусейн ва ғайра қариб ба таври зайл маълумоти якхела дода шудааст: Роғ-“домани кӯҳ, ки аз ҷониби саҳро бошад” ва домани фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор”[109, 146]. Ҳамаи ин маъниҳо дурусту воқеӣ буда, ба табиати мавзеи мазкур ва ҷуғрофияи он мувофиқ асту як навъ баёнгари ҳақиқати манзараи деҳи Роғ аст.

Тибқи маълумоти мавҷуда, мардуми Роғ, ки имрӯз дар вилояти Хатлон сукунат доранд, асосан аз қисмати Роғи Бадахшони Афғонистон ба ин диёр ё кӯч бастаанд ё муҳоҷир гардидаанд. Сабаб дар чист? Сабаби асосӣ он аст, ки дар ин диёр баробари сусту заиф гардидани ҳукумати Бухоро, ки дар асри XIX бо русҳо даст ба гиребон шуда бошанд, аз ҷониби дигар, мустамликадорони англис ба Афғонистон даст дароз намуда, аҳволи иҷтимоии мардумро тоқатфарсо карда буданд. Шоҳу ҳокимони Афғонистонро мебоист, ҳам худ ва ҳам мустамликадоронро таъмин намоянд, то ҷонашонро дар амон нигоҳ доранд. Ин зарбаи сахти амлокдорону ҳокимони он тарафи рӯдхонаи Панҷ, минҷумла роғиёни Бадахшони Афғонистон ба мардуми одӣ таъсири ҷонкоҳ расонида буд.

Мардум аз ӯҳдаи додани боҷу хироҷи пешниҳодкардаи амлокдорон баромада наметавонистанд ва ба онҳо гуруснагии ҷонкоҳ лаҳза ба лаҳза таҳдид мекард.

Ҳатто дар миёнаҳои асри XIX таҳдиди аз рӯдхонаи Панҷ ба хоки шоҳи Бухоро гузаштани мустамликадорони англис хеле равшан эҳсос карда мешуд. Подшоҳи рус ин нияти ғаразноки англисҳоро ҳис намуда, тавонист Бадахшонро ба тобеияташ дарорад ва онро ва ба зери назорати худ қарор диҳад. Вале русҳо қудрати тамоми Бадахшонро, ки дар ду соҳили рӯдхонаи Панҷ воқеъ буд, ба зери назорати худ даровардaнро надошт надоштанд. Бинобар ин, бо англисҳо ва шоҳи Афғонистон забон як намуда, сарҳадро лаблаби рӯдхонаи Панҷ ҷудо намуданд. Ин ба он маъност, ки соҳили рости рӯдхона ба шоҳигарии Бухоро ва соҳили чапи он ба Афғонистон мутааллиқ гардид. Ба ин мувофиқанома англисҳо низ ризоият доданд [23,18]. Пурсида мешавад, ки чаро русҳо ин корро карданд? Ҷавоби мухтасару мушаххас ҳамин аст, ки Осиёи Миёна чун манбаи гаронбаҳо ва арзони маводи хоми заводу фабрикаҳои Русияи подшоҳиро ҳатталимкон таъмин мекард. Бо Бадахшонро ба зери назорати худ даровардани русҳо ба мардуми таҳҷоӣ то андозае сабукиҳо расид. Ин оромии нисбӣ онҳоро ҳам аз зулми мустамликадорон ва ҳам аз истибдоди ҳокимони маҳаллӣ то ҷое паноҳ медошт. Бадахшониёни тарафи рости рӯдхонаи Панҷ ва поёнтар, як қисми Хатлониён акнун ҳарос аз шоҳу ҳокимони Афғонистон ва мустамликадорони онҳо надоштанд. Дигар ин ки зулми даҳшатноки амири Бухоро ба онҳо, ки хеле масофа дур буд, камтар эҳсос мешуд. Бадахшонро ба тасарруфи худ даровардани ҳукумати подшоҳии рус ба мардум сабукиҳое овард. Вале Бадахшониёни тарафи чапи рӯдхонаи Панҷро шиканҷа бештар буд.

Подшоҳи Афғонистон Абдураҳмонхон, ки солҳои 80-уми асри XIX ба Самарқанд ҳиҷрат намуда буд, ба ватан баргашта, пеш аз ҳама вилоятҳои марказии Бадахшонро бо зӯрӣ мутеи худ менамояд. Ҳатто вай соли 1882 аз беиттифоқии ҳокими Шуғнон Юсуфалихон бо мардум пай бурда, мақсади забти Шуғнонро мекунад ва барои иҷрои ин ҳадаф соли 1882 Сарвархон ном саркардаро бо сипоҳи зиёд ба он ноҳия мефиристад. Сарвархон бо макру ҳиял Юсуфалихонро ба даст даровaрда, маҳбус

карда, ба Кобул мефиристад [80,18]. Ҳокимияти афғонҳо дар тамоми минтақаи Бадахшони кӯҳӣ то соли 1895, то созишномаи байни Русия ва Англия идома ёбад ҳам, тавре ишора рафт, минбаъд беҳбудие ба назар намерасид. Бадахшон ду тақсим гардида буд. Дар Бадахшони ҷониби чапи рӯдхонаи Панҷ ҳоли Бадахшониён аз буда, бадтар гардидааст. Зиддиятҳои мазҳабӣ ва беинсофии амалдорон рӯз ба рӯз меафзуд. Мардум ҷойи осудатареро ихтиёр мекардагӣ шуданд ва ҳамоно бештарашон роғиёни он сӯйи рӯдхонаи Панҷ буданд ва онҳоро зарурат пеш меояд, ки ҳиҷрат кунанд. Тибқи назари забоншиноси рус Ю.И. Богорад, ки дар мавриди гӯйишҳои роғии забони тоҷикӣ пажӯҳиши пурарзише анҷом дода, онро интишор намуда буд [46], ватани аксари мардуми Роғро сарзамини бостонии Бадахшон медонад.

Дар ҳақиқат, қисми бештари ин мардум имрӯз ҳам дар вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, яъне дар ватани бумии ниёгонашон зиндагию фаъолият доранд. Ин муҳаққиқи шевашинос боварии комилу қавӣ ва итминонбахш дорад, ки роғиёни имрӯз дар қисми ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунатдошта, ки асосан, дар минтақаи Кӯлоб ва атрофу акнофи он, алалхусус ноҳияи имрӯзаи Шӯрообод буда, давоми насли он роғиёне мебошанд, ки аз ҷабру зулм ва ҷафою беадолатии бераҳмонаи ҳокимони худхоҳу бадкеши афғон роҳи гурез пеш гирифта, иҷборан тарки зодгоҳу маҳалли зист намудаанд ва ба тарафи чапи дарёи Панҷ гузашта, маскун шудаанд [46]. Ин фикр баъдтар дар китобу осори илмии Б. Искандаров [67; 68], А. Абибов [22,52-77], И. Икромов [65], Қ. Наимов [81] дастгирӣ ва таъйиди худро ёфтааст.

Адабиётшинос И. Икромов, ки ба таҳқиқу омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии як зумра адибони доираи адабии Роғи тоҷики асрҳои XIX-XX корҳои зиёда арзишмандеро ба анҷом расонида, доир ба ин мавзӯъ китобу мақолаҳо интишор намуда, пешкаши аҳли таҳқиқ карда, ақидаи Ю.И. Богорадро дар мавриди маҳз вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон будани ватани бумии мардуми Роғ ҷонибдорӣ менамояд, сабабҳои макони таваллуду маҳалли зисташонро

иваз намудани эшон ҷонноктару муфассалтар ба таври зайл таъкид кардааст: «Дар ҳақиқат, тоҷикони Роғ, ки дар қишлоқҳои Зердеҳ, Деҳшор, Бузкуш, Шингон, Зӯ, Морҷ, Майдон, Қандоб, Сада, Ёвон, Барроғ, Хулдуск ва Яфтали Бадахшон зиндагӣ мекарданду аҳолии муқимию таҳҷоии ин мавзеъ буданд, дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX аз сababи зиндагии сахт: кам будани заминҳои ҳосилхез, хунукии қаҳратун ва авҷи зулму золимии ҳокимони давр яке пеш ва дигаре баъдтар он диёрро тарк карда, ба тарафи чапи дарёи Панҷ (қаламрави ҳозираи Дашти Ҷум ва Шӯрообод) муроҷиат менамоянд» [65,4-5].

Қобили зикр аст, ки муҳоҷирони роғӣ низ монанди аксари дигар муҳоҷирони тоҷики аз кӯҳистон ба водиҳо кӯчбастаю кӯчонидашуда ба маҳаллу деҳот ва мавзеи ҷойи нави иқомати худ дар бештар мавридҳо номи аслии мавзеъ ё деҳотеро мегузоштанд, ки қаблан макони зисташон будааст. Бешубҳа, ин нишонаи меҳру муҳаббати бепоёни табиии мардум ба ҷою сарзамине мебошад, ки ба қавле, хуни нофашон дар он ҷо рехтааст.

Ҳамин тавр, аз сарчашмаҳои адабию таърихӣ, нақлу ривоятҳо ва осори маҳфузмондаю дастрасгардидаи солҳои охири адибони ин давраи минтақа маълум мегардад, ки тоҷикони зиёде аз деҳоти зиёди Роғи Бадахшони Афғонистон бо сababҳои гуногуни дар боло зикршуда дарёи Панҷро убур намуда, дар мавзеи Дашти Ҷум, дар наздикиҳои доманакӯҳҳои Шӯрообод (ноҳияи Шамсиддин Шоҳини имрӯза М.Г.), ки пештар Дашти Терай унвон дошт, сукунат ихтиёр менамоянд. Ин аст, ки имрӯз дар ноҳияи Шӯрообод минтақаи ҷуғрофии машҳуру зебоманзаре бо номи Роғ доман паҳн кардааст. Номи Роғ ба ин мавзеъ, ки дар ҳақиқат, минтақаи кӯҳии рӯ ба ҷониби саҳрост, хеле мувофиқ афтодааст. Аз он ки роғиёни ноҳияи Шӯрообод дар ҳақиқат, мардумони омаданд, ин андешаи Розиқи Сидиқ хеле ҷолиб аст: «Мардуми таҳҷоии мавзеи имрӯзаи Шӯрообод дар давраҳои гуногун ба Терайзамин омада, маскан гирифтаанд. Ҳамин аст, ки онҳо дар деҳаҳои алоҳида гурӯҳ-гурӯҳ омада,

макони доимии зисти худро интихоб намудаанд. Инҳо мардумони роғӣ, ёхсучӣ, ховалингӣ ва дарвозӣ мебошанд» [98, 76].

Чун сухан аз доираи адабии Роғ меравад, пеш аз ҳама гуфтан зарур аст, ки аслан, доираи адабии Роғ аз нигоҳи ҷуғрофӣ хеле васеъ ва сернамоянда буда, қисмати ниҳоят зиёди адибони роғӣ дар ватани аслии хеш-дар Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зиндагию эҷод кардаанду мактаби адабиашон имрӯз ҳам дар он диёр идома дорад. Мо дар рисолаи худ дар бораи ҳавзаи адабии Роғи тоҷик ва як нафар намояндаиасили он - Мирзо Қадам ва эҷодиёти ӯ баҳси илмӣ оростанием.

Ин роғиён решапайвандони ҳамон роғиёне мебошанд, ки аслу насабашон аз Роғи Бадахшони Афғонистон буда, сабабҳои ишорашуда онҳоро минбаъд парешон кардааст. Маҳдуд намудани мо доир ба доираи адабии Роғи ду соҳили рӯдхонаи Панҷ аз он ҷиҳат аст, ки он ба ҳаҷми рисола вобастагӣ дорад.

Тавре аз маъхази мавҷуда, сарчашмаҳои таърихӣ ва омӯзишу пажӯҳиши аҳли таҳқиқ бармеояд, дар сарзамини Роғ, ки мардумонаш амсоли кулли тоҷикони дигар минтақаҳо адабиётдӯсту шоирпарвар ва шеърдӯсту шоиртабиат мебошанд, дар суханпардозию ҳозирҷавобӣ устод буда, адибону суханварони зиёде дар як доираи адабии маълуму машҳури ба ном доираи адабии Роғ дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX, новобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва нобасомониҳои замон баробари пеш бурдани рӯзгори қашшоқона ба корҳои эҷодӣ низ камар баста будаанд. Ба андешаи солими муҳаққиқ И. Икромов, муайян намудани сароғози шеъру шоирӣ дар сарзамини Роғ кори саҳл нест.

Сабаби асосӣ ин дар он аст, ки роҷеъ ба рӯзгору осори боқимондаи адибони ин сарзамин то асри XIX сарчашмаҳои адабӣ ва манобеи таърихӣ ба нудрат ва ҳатто ками кам метавон дучор омад. Иллати равшани ин ҳолат дар он аст, ки чи сарзамини Роғ ва чи аксари аҳли илму адаб ва фарҳангдӯстони он аз марказҳои шуҳратёри илмию адабии тоҷикони он давра, монанди: Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Шаҳрисабз,

Балх, Ҳирот ва ғайра хеле дур буданд ва зиёда аз ин нодорию тангдастӣ ва вазъи нобасомони қарнҳои мавриди назар барои таҳсили илму такмили дониш дар он марказҳо имконияте надоштанд. Бинобар ин, бештари онҳо дар мадрасаҳои маҳаллии диёр ё ба таври худомӯзӣ ба ҷодаи илму адаб қадам монда, фориғ аз кору бори рӯзгор санҷиши қалам менамуданд. Муҷрими Роғӣ, Мирзо Раҷаб, Лиқои Роғӣ, Мирзо Қадам, Мулло Бурҳон (Бисмил), Мирзо Булбул, Мирзо Наими Сафедобӣ, Мухлис, Валии Роғӣ, Мисраъ, Абдулҳамиди Қадрӣ, Абдии Сафедобӣ ва дигарон аз шоирони шинохтаи доираи адабии Роғи асри XIX ва аввали асри XX- и баршумурда шудаанд, ки дар мадрасаҳои диёр бо худомӯзӣ таълиму тарбия ёфтаанд. Масалан, Муҷрими Роғӣ ва Мирзо Раҷаб дар мадрасаҳои диёри худ таҳсил намудаанд. Мирзо Қадам бошад, пас аз хатми мактаби ибтидоии динии Зордеҳ асосан, ба худомӯзӣ машғул гардидааст. Вале вай аз боиси камбағалӣ ва бебизоатӣ умуман, таҳсилро дар деҳи Сари Намак қатъ карда, дунболи зиндагонии бечорагии худ шудааст.

Яке аз сабабҳои дигари ҳолати мазкур, ба андешаи мо, дар он аст, ки аксарияти мутлақи адибони он замона дар масҷиду мадрасаҳои деҳаҳои Морч, Майдон, Ёвон ва ғайра ва ё дар назди муллоҳои ҷудогона таҳсили илм намуда, хатту савод баровардаанд ва асосан, улуми диниро вобаста ба тақозои давру замон, фаро гирифтаанд. Омӯзишу азхудкунии мероси адабии гузаштагони адабиёти форсии тоҷикӣ низ аз машғулиятҳои пайвастаи онҳо будааст. Бо вуҷуди он ки муҳити адабии Роғ аз марказҳои пешрафтаю муқтадири адабию фарҳангии замон дар масофаи дуртар ҷойгир аст, вале ҳатталимкон таълиму тадриси девони Хоҷа Ҳофиз, «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ, «Шоҳнома»-хониҳо, «Бедил»-хониҳо ва ғайра ба роҳ монда шуда будааст.

Чуноне ки таъкид гардид, нахуст дар бораи доираи адабии Роғ И. Икромов [65] ва Қ. Наимов [81] амиқтар маълумот додаанд. Агар И.Икромов дар рисолаи тазкирамонанди худ «Шоирони Роғи охирҳои

XIX ва ибтидои асри XX тоҷик» бо овардани намунаҳои ашъор аз рӯзгору мероси адабии 8 нафар суханварони доираи адабии Роғ: Мирзо Қадам, Муҷрими Роғӣ, Мухлис, Мисраъ, Мирзо Булбул, Лиқои Роғӣ, Бисмил ва Мир Раҷаб ба таври хеле мухтасар ёд карда бошад, дувумӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Муҷрими Роғӣ рисолаи номзадӣ ба сомон расонидаву дифоъ намудааст, ки бо фушурдаи он аҳли таҳқиқи соҳа ошноянд. Мақолаҳои С. Ҳакимов «Дараҷаи омӯхта шудани адабиёти Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик» [118, 36-40] ва «Ҳаёт ва эҷодиёти Лиқои Роғӣ [119, 38-42] низ андешаҳои хуби илмӣ дошта, дар пурратар шинохтани доираи адабии Роғ ва намояндагони маъруфи он аҳамияти вижа доранд.

Искандар Икромов дар омӯзишу пажӯҳиши доираи адабии охирҳои асри XIX ва аввали асри XX нисбат ба дигар муҳаққиқон фаротар рафта, доираи адабии Роғи тоҷикро то ба имрӯз ба се насли ба ҳам пайванд мансуб медонад, ки мо онро ба таври зайл дастабандӣ намудем:

Насли аввале, ки ӯ ишора намудааст, инҳоянд: Муҷрими Роғӣ, Мирзо Қадам, Мирзо Раҷаб, Лиқои Роғӣ, Мулло Бурҳон (Бисмил), Мирзо Булбул, Мирзо Наими Сафедобӣ, Мухлис, Валии Роғӣ, Мисраъ, Абдулҳамиди Қадрӣ ва дигарон.

Насли дуюми ин ҳавзаи адабӣ: Абдии Сафедобӣ (Саттор Зикруллоев) ва писари ӯ Муслим Сатторов, ки бо тахаллусҳои Абдӣ ва Муслим асар менавишт ва Бурҳонов Абдуҳалим, мутахаллис ба Бурҳониро мансуб донистем.

Ба насли сеюми ин ҳавзаи адабӣ: Раҷабалии Роғӣ, Рашиди Қодириён, Шермадӣ, Ҷиёнхони Латифӣ, Мадхони Шариф, Сангмади Шарифӣ, Аҳмади Билол, Шамси Хатлонӣ, Ёрии Роғӣ, Файзимад, ки бештарашон дар нимаи дувуми асри XX ба дунё омадаанду дар қайди ҳаётанд ва дар баробари шуғлу пешаи ҳамешагии худ ба эҷоди осори бадеӣ машғуланд, шомил мешаванд.

Самара ва дастовардҳои эҷодии насли севуми доираи адабон Роғи тоҷик, ки ба рӯзгори мо рост меояд, саҳми онон дар пешрафти ҳаёти ҷомеаи минтақа ва берун аз он назаррасу ҷолиб аст. Дар байни номбаршудагон Раҷабалии Роғӣ [15], Рашиди Қодириён, Шермадӣ [19], Ҷиёнхон Латифӣ соҳиби китобҳои алоҳидаи шеърӣ мебошанд. Бешак, адибони насли сеюм тарбиятёфтаю бакамолрасидаи даврони Шӯравианд ва аз соли 1991 инҷониб шаҳрванди Тоҷикистони соҳибистиқлоли худанд, аз ду насли аввалӣ дида, бо рушду такомули савияи дониш ва огоҳона сайқал додани маҳорату малакаю истеъдод ва фарогирии мавзӯъ комёбтаранд. Ба хусус, мавзӯю мӯҳтавои эҷодиёти насли севуми доираи адабии Роғи тоҷик ҳамқадами замон буда, тараннумгари ҳаёти воқеии даврон мост, ки баҳсест доманадору алоҳида.

Доираи адабии Роғи тоҷик дар асри XIX ва ибтидои асри XX, ки аз ҷумлаи доираи адабии дорои суханварони зиёди сермаҳсули ҳамин давраи ноҳияҳои атрофу акнофи Кӯлоб маҳсуб мегардад, имрӯз аз ҳарвақта дида, ба таҳқиқу пажӯҳиш ва ба омӯзиши мукаммалтару саҳеҳтар ниёзе бештар дорад. Чаро? Барои он ки мо ба доираҳои адабии Хатлон ба таври бояду шояд маълумоти зарурӣ диҳем, ҳатман доираи адибии Роғи тоҷик бояд дар мадди назар бошад ва ҳатто дар навиштани таърихи адабиёти Хатлон низ корояи дониста мешавад. Зеро бештари корҳои ба ин доираи адабӣ суратгирифта характери умумипажӯҳишӣ ва таърихӣ дошта, пайдоиш, заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва омилҳои асосии ташаккулёбӣ ва таҳаввули он ношинохта мондааст. Зиёда аз ин, паҳлӯҳои гуногуни осори адибони ин доира, монанди мавзӯю мӯҳтаво, жанрҳои бадеӣ, хусусиятҳои сабкии адибони алоҳидаи он пурраю дақиқ ва дар муқоисаю муқобила мавриди баҳодиҳӣ ва таҳқиқи ҷиддии илмӣ қарор нагирифтаанд.

Намунаи ашъори шоирони ин давраи Роғи тоҷик дар навбати аввал анъанавӣ буда, аз ғазал, қитъа, муаммо, чистон, фардбайтҳо, маснавиҳои хурд ва ниҳоят қасида иборат мебошанд. Аммо қасида бо сабабҳои сахт таназзул ёфтани ин жанр ва набудани давлати

муттамарказ мавқеи асосӣ надошт [65,74]. Масалан, дар маснавӣ, мухаммас, мусаддас ва рубоӣ Муҷрим, Мухлис, Мисраъ, Мирзо Қадам пешдаст будаанд. Мусаммату тарҷеъбанд ва қитъаро Мисраъ ва Мирзо Қадам бештар гуфтаанд. Дар «Девон»-и Мирзо Қадам танҳо як қасида дучор омад, ки дар фасли «Мероси адабии Мирзо Қадам» дар ин бора муфассал, бо замон ва зарурати эҷоди онро баррасӣ намудаем. Дар ин маврид И. Икромов баъди ҷамъбасти мулоҳизаҳои худ оид ба жанрҳои адабии доираи адабии Роғи охирҳои асри XIX ба хулоса меояд, ки «жанри аз ҳама ривоҷёфтаи ин давра ғазал мебошад. Аксар шуарои ин аҳд ғазалсаро буда, маҳорату истеъдоди худро дар эҷоди ин навъи шеърӣ санҷидаанд. Баъзе ғазалҳои шуарои давраи мазкур нисбат ба асрҳои гузашта калонҳаҷмтаранд» [65,74]. Масалан, ғазале, ки бо матлаи:

Бишнав ғазале, ин соли ҳирмон омад,
Айёми баҳору барфу борон омад [13, 86].

аз Мирзо Қадам аст, ба мавзӯи иҷтимоӣ бахшида шудааст, ки он аз 32 байт иборат мебошад [13,107-109].

Дар баробари жанрҳои хурди лирикӣ забон ва сабки шоирони ин давраи Роғи тоҷик хуросонӣ ё ироқӣ ва каломашон содаву равон буда, дар онҳо истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқиро зиёд дучор меоем. Масалан, мақоли «Хори ватан аз мулки Сулаймон беҳтар»-ро шоири ин давр Мисраъ чунин ба назм овардааст:

Зи гулгашти ҳузури ғурбат озори ватан хуштар,
Зи дасти шафқати бегона силиҳои ихвон беҳ [87].

Вақте ба тамоми осори муҳфузмондаи адибони Роғи тоҷик таваҷҷӯҳи амиқ намоем, маълум мешавад, ки онҳо аз адабиёти классикии форсии тоҷикии то замони худ бархурдор будаанд. Дар намунаҳои асарҳои лирикии онҳо таъсири Аттори Нишопурӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва таъсири доираҳои адабии форсигӯёни Ҳинду Покистон равшан ва мушоҳида мешавад. Як қисми шоирони Роғ бо лаҳҷаҳои маҳаллӣ низ шеър гуфтаанд, ки дар онҳо таъсири адабиёти шифоҳӣ бештар мушоҳида мешавад. Ин шеваи

нигориш бештар дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам ҷой дорад, мисли вожаи «авқот», ки онро Ю.И. Богорад «лаҳҷаи роғӣ» [46] номидааст.

Аз ин ҷост, ки ҳам дар эҷодиёти даҳонакии халқ, ҳам дар осори шоирони мавриди назар сурудаҳои зиёдеанд, ки бо лаҳни зебои маҳаллӣ садо медиҳанд, онҳо на танҳо барои аҳли маҳал, балки барои ҳамаи тоҷикзабонон (даризабонону форсизабонон), ки реша аз як забони ягона доранд, гӯшнавозу шуниданианд. Барои мисол ба ин рубоии халқии хеле машҳури мардуми Кӯлоб мутаваҷҷеҳ мешавем:

Чархофалако, маро ба чарх овардӣ,
Кӯлобӣ будам, маро ба Балх овардӣ.
Кӯлобӣ будам, оби ширин мехӯрдам,
Баргашта маро ба оби талх овардӣ [27,13].

Дар хусуси аз соҳили чапи дарёи Панҷ ба соҳили рости он иҷборан фирор намудани роғиҳо ва ба ғарибӣ афтодани онҳоро ин рубоии мардуми Роғ ҳикоят менамояд:

Рафта Сари Наврангаву дидам Роға,
Дар синаи реши худ бимондам доға.
Гуфтам, намирам, як бор бинам Роға,
Армон ба дилам бимонд, надидам Роға [28,4].

Сари Навранга дар баландии деҳаи Порвори Шӯрообод (Теҳрай) ҷой дошта, аз он ҷо ба чашм намоён будани Роғи қисми Афғонистон баёнгари он аст, ки роғиёни аз рӯдхона гузашта, аввал дар Терайзамин сукунат намуда, бо мурури замон ба ноҳияҳои дигари Хатлон парешон гашта будаанд.

Аз шоирони доираи адабии Роғи тоҷик Сангмади Шарифӣ, ки худ эҷод мекарду навиштаҳояшро ба оҳанг дароварда месароид, ба адабиёти шифоҳию хаттии мардуми Роғ назари гарму некбинона дошт ва мулки Роғ ва бузургони ин сарзаминро бо муҳаббати зиёд ситоиш намудааст. Вай аз бузургону азизон, чашмасорону обҳои зулоли рӯдхонаҳои Роғ,

боғҳои сермеваю шакаристони он, мардони зӯру бихрадаш ёд карда, чунин замзама менамояд:

Ҷойи бузургон дар мулки Роғай,
Ҷамъи азизон дар мулки Роғай.
Оби зулолу сарду шифобахш,
Заб чашмасорон дар мулки Роғай.
Дар боғҳояш чӣ мева хоҳӣ,
Чун шакаристон дар мулки Роғай.
Мардию зӯрӣ хосай ба роғӣ,
Заб паҳлавонон дар мулки Роғай.
Духтари роғӣ, мисли парии,
Бас хубрӯён дар мулки Роғай.
Аз дами аспаш номард гурезон,
Заб човандозон дар мулки Роғай.
Ҳамдарси Айнӣ андар Бухоро
Домулло Бурҳон дар мулки Роғай.
Булбули Роғӣ, Муҷриму Мухлис,
Мирзо Қадамҷон дар мулки Роғай.
Аз ҳофизони шӯридаи Роғ,
Садири хушхон дар мулки Роғай.
Кардӣ,Шарифӣ, ёди бузургон,
Моро ниёгон дар мулки Роғай [65,7].

Мулло Бурҳон мутахаллис ба Бисмил аз шоирони барҷастаи охирҳои асри XIX ва солҳои 70-уми асри XX-и тоҷик маҳсуб меёбад. Ӯ таҳсили ибтидоии диниро дар деҳаи Хоҷағалтони ноҳияи Шӯрообод гирифта, чанд муддат дар мадрасаи Тебалай ба дарёфти илму дониш машғул будааст. Баъд Мулло Бурҳон ба Бухоро рафта, бо устод Садриддин Айнӣ шарикдарси мадраса гардида, дубора ба ватан бармегардад ва бо тахаллуси Бисмил шеър мегӯяду дар тарбияи фарзандони ташнаи дониши диёр ҳиссагузорӣ менамояд.

Тавре ишора рафт, аксар шоирони роғӣ, ки акнун паҳну парешон шуда буданд, танҳо аз бобоёни худ ёд менамуданду халос. Дубора ба диёри бобоӣ - Роғи Бадахшон баргаштан ғайриимкон буд. Масалан, дар як ғазали Мирзо Қадам аз зодгоҳи азизаш Деҳшор ва Зардеҳ бо ҳасрат ёд мешавад:

Чӣ гӯям, эй мусулмонон, ман андар ҳасрати Деҳшор,
Дигар з-он Зордеҳи ҷонон, аз он ҳар як ниҳоли хор.
Чу булбул бо дили зорам, зи дида ашк меборам,
Дили пурдарди садпорам, надорам тоқати гуфтор.
Дареғ аз умри меҳмонам, гузаштӣ чун зимистонам,
Ҷудо аз боғу бӯстонам, ба меҳмонхонаи ағёр.
Ба дил доғе, ки дорам ман, зи ҳасратҳои Деҳшорам,
Ба ёрони ватандорам зи даҳ якро кунам изҳор…[13, 91].

Чуноне ки таъкид гардид, удабои доираи адабии Роғи асри XIX ва ибтидои асри XX ҳаёти сиёсию иҷтимоии вазнинро аз сар гузаронидаанд. Бо вуҷуди ин, роғиёни эҷодкор, ба душвориҳои мавҷуда, ки аз ду тараф гӯё иҳота шуда буданду барояшон роҳ ба марказҳои бузурги илму фарҳанги форсу тоҷик баста буд, вале онҳо хастанопазирона ҳам масолеҳи рӯзгори худро муҳайё мекарданд, ҳам дар лаҳзаҳои фориғ аз заҳмат бо кори эҷодӣ машғул мешуданд. Ин ба он маъност, ки аз ҷониби амири Бухоро ба онҳо фишорҳои миёншикан мерасид, илова ба онҳо фишори ҳукумати русҳо сарборӣ буд.

Аз ҷониби Афғонистон бошад, мустамликадорони англис бо ҳукумати Абдураҳмон ба сарашон боҷу хироҷи миёншикан гузошта буданд. Бо ин ҳама маҳдудиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ адабиёт роҳи худро дар ин ҳавзаи адабӣ равшан нигоҳ дошта омадааст. Далели ин танҳо дар боло номбар гардидани намояндагони ин доираи адабӣ андешаи моро таъйид менамояд.

Ин ҷо зикри ин нукта зарур аст, ки дар илми адабиётшиносии тоҷик то ба имрӯз на фақат ҳаёт ва эҷодиёти суханварони боқимондаи доираи адабии Роғи тоҷик, ҳатто намояндагони машҳури он пурра ва ба таври

зарурӣ омӯхта нашудааст. Зиёда аз ин, доир ба анвои осори бадеӣ, жанрҳои адабӣ, мазмуну мундарича ва мӯҳтавои ашъори шоирони ин доираи адабӣ таҳқиқоти комили илмӣ рӯйи кор наомадааст. Сабаби ин шояд, пеш аз ҳама, дар дастрас набудан ё камтар дастрас будани дафтару девони ашъори бисёре аз шоирони маълуму машҳур ва ҳам каммашҳуру гумноми пешини доираи адабии Роғи тоҷик дар набудани маълумоти хаттӣ ва ишораҳо дартазкирҳова ҳаҷми осори бамеросмондаи ин суханварон бошад.

Ҳамин норасоиҳо иҷрои муваффақонаи ин нияту мақсадро вазнин ва душвор гардонидаанд, ки ин ба осори маҳфузмондаи Мирзо Қадам ва ҳамасронаш бетаъсир набудааст. Сабабҳои асосӣ, ба андешаи мо, аз инҳо иборатанд:

1. Баъзе ва шояд бисёре аз эҷодкорони ин доираи адабӣ, ки табъи хуби эҷодӣ доштанду шеъри равон мегуфтанд, ба сабаби нобасомониҳои рӯзгорашон ба чакидаҳои хомаи хеш беэътиноӣ мекарданд, ашъори гуфтаашонро дар шакли девон ё маҷмӯа гирд намеоварданд, дафтари ашъор мураттаб наменамуданд. Биноан, аз онҳо ба ҷуз авроқе чанд парешону бетартиб чизе дар ихтиёр нест.

2. Азбаски пешаи асосӣ ва василаи рӯзгузаронии бештари адибони ин давра ва ин доираи адабӣ на шеъру шоирӣ, балки кишоварзию деҳқонӣ, боғдорӣ ва косибӣ будааст, онҳо ҳосили ғизои ҷисмониро аз ғизои рӯҳӣ бартар гузоштаанд.

3. Чун эҷодкорон барои ба шакли дафтару девон даровардани офаридаҳои бадеияшон намекӯшиданду беэътиноӣ ва бепарвоӣ зоҳир мекарданд, наздикону пайвандон ба лозим будани он гуфтаҳо дар оянда чандон эътиборе надодаанд.

4. Нобасомонии рӯзгор, ташвишу сарсониҳо, муҳоҷиратҳои маҷбурӣ, хорузоршавии аҳли илму адаб ва ҳунар эҷодкоронро, ки табъу завқи нозуку дили ҳассос доштанд, дар масъалаи ҷамъоварию китобат кардани осорашон дилсарду бетараф месохт.

5. Ҷабру ситами ҳокимони давр чи дар соҳили чапи рӯдхонаи Панҷ ва чи дар тарафи рости он, андешаҳои вазнин ва ғайра, аз манзиле ба манзиле кӯч бастан, баъзан ба талафёбии асарҳои бо хуни дил навиштаи адибон боис мегардид.

6. Ба орият гирифтани дафтари шеър ё девони ин ё он адибу дубора барнагардонидани он низ ба талафёбии осори адибони асри XIX ва аввали асри XX сабаб шудаанд. Масалан, чунин ҳолати нохуш ба сари қисми аввалу охири «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам рух додааст, ки сарнавишти он дар поёнтари рисола шарҳ дода мешавад.

7. Азбаски аксарияти мутлақи шахсони бофазлу дониш ва дар ҷодаи эҷод соҳибҳунар дар масҷиду мадрасаҳо ва назди муллоҳо саводу хат омӯхта буданд, ки дар ашъорашон мавзӯоти мухталифи ҳаётӣ бештар аз нигоҳи динӣ матраҳ мешуд, барои идеологияи баъдтар ба сари ҳокимият омадаи давлати Шӯравӣ ва ҳизби коммунист нолозим ва ҳатто хатарнок шуморида мешуд, омӯзиш ва паҳн намудани ин қабил асарҳо мамнӯъ буд.

8. Дар солҳои 1930-1950 дар айни шиддати муборизаи идеологӣ дар Давлати Шӯравӣ, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба авҷи аълояш расида буд, бисёр асарҳои нодир ва бузурги илмӣ ва адабиёти классикии форс-тоҷик, аз ҷумла баъзе асарҳои адибони доираи адабии Роғи тоҷик, ба монанди шарҳи муфассал ба девони Хоҷа Ҳофиз навиштаи Мирзо Қадам бо «айби зарарнок» будан, дар қатори китобҳои мӯътабари динӣ сӯзонда шуданд.

9. Пас аз даргузашти баъзе шоирон наздикону пайвандони мутаассифона, аз илму адаб дури онҳо дафтару китоби ашъорро маҳфуз надошта, сабабгори гумшавӣ ё нестшавиашон гардидаанд.

10. Ба эҳтимоли зиёд ҳанӯз ҳам намунаҳои осор ва шояд девон ё дафтарҳои шеъри шоироне, ки номаълум ё ноомӯхта боқӣ мондаанд, дар дасти ашхосе бошанд, ки бо сабабҳои ноаён онҳоро на ба бойгонӣ медиҳанду на ба дасти муҳаққиқе барои омӯзиш ва ба табъ расониданy дастраси оммаи васеъ гардонидани онҳо.

11. Аз ҳама чашмрастараш ба назар аз баландии имрӯз он аст, ки доираи адабии Роғи тоҷик дур аз марказҳои фарҳангии ҳамзабонон бесару сарвар ва раҳнамо амал мекард. Бо сабабҳои камбағалию нодорӣ онҳо барои гирифтани таълимоти мукаммал ба шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Хӯқанд ва ғайра рафта натавониста, дар мадрасаҳои диёр ё мехонданд ё худомӯзӣ мекарданду ҳаёт ва осорашон «аз мадди назари муаллифони тазкиранависи он давр берун» [118,194] монда буданд. Тӯфони ҳаводиси замон ҳамаро парешон нигоҳ медошт, камтар имконият мешуд, ки адибони эҷодкор ҷамъ оянду суҳбате ороянд, ба осори якдигар баҳо диҳанд, андешаҳо радду бадал намоянд ва ғ.

Ҳамин тавр, воқеаҳои ба сари мардуми Роғ овардаи замон ва сабабҳои дар боло як-як барчида боис шудаанд, ки дафтари шеър ё девони ашъори суханварони зиёди Роғ умуман, Роғи тоҷик аз асри XVIII то нимаи дувуми асри XX, дар як муддати дарози таърих, то замони мо камтар боқӣ мондаанд, ки корро дар пешбурди ҳадафи мукаммали ҷустуҷӯ ва таҳқиқу баҳодиҳӣ ба ҳунар ва вижагиҳои эҷодиёти онҳо ва баррасии паҳлӯҳои услубии осори маҳфузмондаашон мувоҷеҳи мушкилот месозанд.

Бо вуҷуди нокифоя ва нокомил будани пажӯҳишҳои дар ин самт баанҷомрасида айён аст, ки намояндагони ин доираи адабӣ дар рушду такомули жанрҳои мухталифи адабиёту фарҳанги тоҷик, хоса қисмати ҷануби Тоҷикистон ё ба ибораи дигар Бухорои Шарқӣ ҳиссаи назаррас гузоштаанд.

Яке аз намояндагони соҳибдевон ва миёни мардуми бумии ҷануби мамлакат нисбатан маълуму машҳури доираи адабии Роғ Мирзо Қадам мебошад, ки таҳқиқоти мо ба рӯзгору осори ӯ бахшида шудааст, ки то ба имрӯз хеле кам омӯхта шудааст. Итминон дорем, ки он ҷои холимонда ва наомӯхтаи ин доираи адабиро дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX пурратар мегардонад ва ба омӯхтани ҳаёту эҷодиёти намояндагони дигари ин доираи адабии низ мусоидат менамояд.

## 1.2. Зиндагиномаи Мирзо Қадам

Тавре ки дар фавқ ишора шуд, Мирзо Қадам аз симоҳои барҷастаи доираи адабии Роғ аст. Вай рӯзгори аҷибе ба сар будааст, ки омӯзишу баррасиаш бо он ки як саҳифаи тозаеро дар адабиётшиносии мо боз менамояд, барои насли ҷавону наврас намунаи ибрат хоҳад буд.

Мирзо Қадам ибни Абдурраҳмон, мувофиқи ҷустуҷӯҳову дарёфти асноди дастраси адабиётшинос И. Икромов [13,12-30], соли 1870 дар деҳаи Зордеҳи Роғи Бадахшон, дар оилаи сарвари деҳа, марди хатту саводдошта, ба дунё омадааст.

Ҳаёти бачагию наврасии шоири оянда то синни 20-солагӣ, яъне то соли 1890 дар зодгоҳаш сипарӣ мешавад. Мирзо Қадам дар баробари дастгирии ҳамешагӣ ёфтан, аз падар хондану савод бароварданро аз писари холааш Мулло Муҳаммад Мӯсо, ки дар деҳа соҳибмактаб ва ба таълиму тарбияи фарзандони аҳли деҳ машғул буд, фаро гирифтааст. Вай то 15-солагӣ дар баробари омӯхтану азбар намудани «Ҳафтяк» ва пораҳои асосии «Қуръони маҷид», ба илмҳои асоситарини замон таваҷҷӯҳ намуда, бо бештари онҳо ошноӣ пайдо менамояд. Зеҳни гиро ва нутқи бурро доштааст. Баъдтар бо ҳамсабақонаш ба омӯхтани ашъори Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки аз китобҳои таълимӣ дар мадраса буд, «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ, эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар қисматҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна, то Бухоро шуҳрат дошту бедилхонӣ дар ҳамаи доираҳои адабии замони Мирзо Қадам дар авҷ буд, баҳра гирифтааст.

Қадам номи аслии шоир аст, ки волидайнаш ба ӯ ном гузоштаанд ва минбаъд ӯ ҳамин номро чун тахаллуси адабӣ қабул намудааст. Баъдтар вай ҳамчун шахси бомаърифат, босавод ва зиёда аз ин, ҳамчун хушнавис шӯҳрат ва камол ёфтааст, ки ба монанди бисёр адибони форсу тоҷик ба номаш Мирзо илова мегардад. Зиёда аз ин, шояд дар зодгоҳаш Зордеҳи Роғи Бадахшон, ки падараш Абдурраҳмон деҳдор буд, масъулияти хурдеро бар дӯш доштаву дафтардории падарро анҷом

медодааст. Вале бо ин ҳама дар зодгоҳи Мирзо Қадам ва ҳамдеҳагони ӯ ноором ихо, бо сабаби ба хоки Афғонистон омадани мустамликадорони ангилис, ҷабру ҷафо бештар аз пештар ба авҷ мерасад. Ҳокимони афғон барои таъмини рӯзгори худ ва муҳайё кардани талаботи истилогарони англис ба сари мардуми чи водиҳо ва чи кӯҳистонӣ ҳар гуна ҷабру зулмро раво дида, ба сари мардум боҷу хироҷи дандоншиканро ду баробар бор меафзоянд. Роғи Бадахшон як пораи танги кӯҳистон буд, хеле замини ками киштбоб дошт. Мардуми Роғи Бадахшон аз ҳамин сабаб дар зодбуми худ ба танг омада, чорае ҷуз фирор аз диёр надоштанд. Деҳдори Роғи Бадахшон Абдурраҳмон - падари Мирзо Қадам кӯч мебандад ва ҳамдеҳагон дунболи ӯро мегиранд.

Тавре ишора рафт, дар соҳили рости рӯдхонаи Панҷ баъди мудохилаи русҳо, оромии нисбие ҳукумфармо шуда, овозаи он ба роғиёни тарафи чапи рӯдхонаи Панҷ расида буд. Аҳли оилаи Абдурраҳмон бо чанд бунаи дигар рӯ ба соҳили рости рӯдхона меоранд. Зиндагӣ барои ин мардум, ки дар соҳили рости рӯдхонаи Панҷ ғайр аз доштани ин ё он хеши дур барояшон сарпаноҳе набуд, аз аввал бадтар мегардад. Тибқи маълумоти шифоҳии писари калонии Мирзо Қадам Абдулҳамид (1910-1987), ки И. Икромов китобат намудааст, роғиёни ба ин тарафи соҳили Панҷ гузашта, дар водии Кӯлоб парешон мешаванд [13]. Аҳли оилаи Абурраҳмон деҳаи Аҳмади Поён имрӯза ноҳияи Шӯрообод ро ихтиёр менамоянду барои худ сарпаноҳи ғарибӣ бино менамояд. Он вақт деҳаи Аҳмади Поён дар баробари камаҳолӣ будан, ҷойи барҳавою соҳиби замини зиёду обҳои равон буд ва имконият барои пеш бурдани рӯзгорро дошт, вале боз ҳам ба душворӣ. Зеро ҳокимон дар ҳама ҷо ҳоким анд ва бо ҳар роҳе дороии мардумро меситониданд, то ҳиссаеро ба сарварон бирасонанд. Яъне, роғиёни муҳоҷиршуда дар ин ҷо ҳам осудагиро камтар медиданд. Баъдтар Мирзо Қадам бо умеди рӯзҳои нек зулму золимиро маҳкум карда гуфта буд:

Ҳар чи дидӣ ту, Қадам, ғам махӯр аз гардиши он,
З-он ки охир бунаҳи зулм фано мебинам [13,172].

Соли ба тарафи чапи рӯдхонаи Панҷ ҳиҷрат кардани Мирзо Қадам ва аҳли оилаашон дар ҷойе сабт нашудааст. Агар ба синну сол ва дар деҳаи Аҳмади Поён таҳсилро идома додани адиби оянда таваҷҷӯҳ намоем, тақрибан метавон гуфт, ки ин муҳоҷират байни солҳои 1885-1888 мелодӣ ба амал омада будааст. Чун Мирзо Қадам ба илмомӯзӣ майл ва шавқу завқи беандоза дошт, дар деҳаи Амади Поён бо дилгармӣ сабақомӯзиро дар назди охунди Сайид идома медиҳад. Ӯ «барои идомаи таҳсил ба Сари Намак ва муддати се моҳ дар мадрасаи он ҷо ба ҳар чи бештар фаро гирифтани илму дониш меравад» [65,14]. Устоди ӯ дар он ҷо домулло Абдурауф ном мадрасадор будааст. Мавсуф дар ин мадраса дар баробари фаротар рафтан ба улуми динӣ доираи донишашро васеъ намуда, аз илмҳои фалсафа, ҳикмат, таърих, тасаввуф, адабиёт ва риёзат ба қадри имкон муваффақ мегардад. Вале дар ин муддат падараш аз дунё дармегузарад ва бори хонавода бар дӯши ӯ бо ҳама гаронихояш меафтад ва бо ҳамин омӯзишаш қатъ мегардад. Зиёда аз ин таҳсил накардааст.

Омӯзиши зиндагиномаи Мирзо Қадам касро ба хулосае меоварад, ки агар ин марди дар ҷодаи илм заҳматкашу фозил ва дар кор қобил шароиту имконияти аз бачагӣ дар ягон мадрасаи бонуфузи марказҳои илмию адабии Самарқанду Бухоро ва ё дигаре таҳсили илм карданро медошт, бешубҳа, дар сухангустарӣ чолоктар мешуд. Бо вуҷуди ин, баъдтар хоҳем дид, ки ӯ аз суханваронест, ки бо ҷасорати зиёд «Қасас-ул-анбиё» барин як асари мукаммал ва мураккабро ба риштаи назм кашидааст. Вале ба сабаби ноороми замон, падарро аз даст додан ва камбизоатию дасткӯтаҳӣ монанди ҳамзамонону ҳамватанон ва ҳамқаламонаш Муҷрими Роғӣ ва Мирзо Раҷаб дар мадрасаҳои диёри хеш таҳсил карда, омӯзишро дар мадрасаи Сари Намак кӯтоҳ мекунад.

Баъди ба деҳаи Аҳмади Поён омадану дар хидмати падар шудан, пешаи асосӣ ва ҳамарӯзаи Мирзо Қадам дар баробари таҳсилу таълифу эҷоди бадеӣ деҳқонӣ ва боғдорӣ будааст. Вале вай барои таъмини бештари эҳтиёҷоти рӯзгори хонавода ба мардикорӣ низ даст зада, чанд муддат дар итоати ҳокими Хован (дар худуди имрӯза Ҷумҳурии Исломии

Афғонистон) бо дигар мардикорон ҳамроҳӣ мекунад ва бар ивази музди ночиз дар сангобҳо ба тиллокобӣ машғул шудааст. Албатта, ин кор барояш аз ноилоҷӣ буд. Мардикорони бечораю бенаво дар бештар мавридҳо тилло наёфта, холӣ бармегаштанду ба ғазаби амалдорон гирифтор мешуданд ва маҷбур буданд, ки «мувофиқи шартнома ба ҳоким хироҷ (сарона) диҳанд. Мирзо Қадам низ аз қабили онҳо будааст» [65-14]. Вай дар яке аз қасидаҳояш ба хони Хован аз қашшоқию дармондагии мардикорон арз карда, ӯро мадҳу ситоиш менамояд ва ниҳоят аз хони номбурда хоҳиш менамояд, ки ӯро аз азоби сарона озод намояд. Қасида ба хони Хован писанд меояд ва ӯ шоирро аз додани хироҷи иловагӣ озод менамояд. Шоир дар ин қасида, ки аз 8 байт иборат аст, мегӯяд:

Ҳокимо, уммедгоҳо, арза дорам бо Шумо,
Ақлу давлатро муносиб дидааст бо ту Худо…
Мо ҳаме урёну ҳам қашшоқ, саргардон шудем,
Омадем акнун ба Сангов, андар ин мулки Шумо.
Ҳеҷ кас огаҳ набошад ғайри Ҳақ аз ҳоли мо,
Инчунин бечораю дармондае монанди мо…
Пеши ту вақте ки оям, кори худ бо худ кунам,
Дар паноҳи давлатат ман як ғариби бенаво.
Ҳокимо, мавлои ман, аз ҷон дуогӯйи туам,
Гар бибардорӣ ҳамин дастурро аз рӯйи мо [13,173].

Дар ин ҷо мисраи охир «Гар бибардорӣ ҳамин дастурро аз рӯйи мо» маънии бекор кардани хироҷ (сарона)-ро дорад, ки шоир аз номи худ ва ҳамроҳони мардикораш гуфтааст.,

Ҳаёти Мирзо Қадам монанди дигар табақаҳои заҳматкаши пешазинқилобии мардуми кӯҳистони тоҷик бо камбағалӣ ва ҳатто нодорӣ сипарӣ шудааст. Кори деҳқониаш на ҳамеша дар ривоҷ ва натиҷаи дилхоҳ медод. Гоҳе авқот ҳосили бо арақи ҷабин рӯёнидаи ӯ сари вақт ва дар мавридаш ҷамъоварӣ намегардид. Дасти кӯтоҳ ва қувваи кории дигаре надошт, ҳосили бо арақи ҷабин рӯёнида ва замини

ҳосилхез дода, зери барфу борон мемонд ва ин аҳволи душвори иқтисодии хонадонашро дучандон вазнину душвор мегардонид. Ӯ ҳамин ҳолатҳои бади ба сараш омада ва ҳамкасбони деҳқонашро дар шеъре бо номи «Хирманкӯбӣ» хеле хуб тасвир кардааст, ки бозтоби ҳолати рӯҳии шоир ва қаҳрамони лирикии ӯ мебошад:

Панҷаву панҷ чигина,
Гандум буда-ст, ина.
Ҳама-ш балочи пина
Аз кори мурдори мо.
Дар рӯзи наҳси Акбар,
Савораш кардем чапар.
Ҳаргиз наёфта зафар,
Мушкили душвори мо.
Ҳар чор шохин ба даст,
Чун тагу рӯ кардан аст.
Ҳар шабу ҳар рӯзе ҳаст,
Ин буд бозори мо.
Бо ҳамдигар надомат,
Дорем з-ин маломат,
Дар гӯр кори хомат,
Боргири бисёри мо.
Чор кас, ки надорем хов,
Аз дасти шӯр-шӯру гов,
Аз кӣ металабем гов,
Фикри ҳамин чори мо.
Бечораи Амрулло,
Вай ҳам чунин дар бало,
Монанди мову Мирзо,
Абдулҳафиз ёри мо.
Дар Чолиштак Ҳақназар,
Гандумаш зери чапар,

Бечора андар хатар,

Монандаи кори мо! [13, 175-176]

Ин шеър зарурате ба таҳлилу барасии доманадор надорад. Фақат ҳамин қадар метавон гуфт, ки дар он ҳаёти иҷтимоии деҳоти Шӯроободи замони шоир, заҳмати дандоншикану камнатиҷаи мардумони он ҷо хеле равшан баён гардидааст.

Чунин аҳволи вазнин ва зиндагии мушкил Мирзо Қадамро маҷбурсохтааст, ки аз давлатманде қарз гирад. Ин давлатманд Маҳмадрасул ном бойи мумсики деҳа будааст. Мирзо Қадам бо қарз мушкилии худро рафъ намуда, қарзро бармегардонад. Дар вақти баргардонидани қарз ҳамагӣ як тангааш намерасад. Маҳмадрасул то гирифтани он як танга дар ҳама ҷо шоирро шармсор карда, аз он танга талаб мекунад. Ин ҳолат дар як шеъри шоир, ки беш аз 25 байт асту дар баргардон баъзе мисраъҳо афтода ё такрор шудаанд [65,84-85], ҳузнангез тасвир ёфтааст, ки дар боби дувуми рисола дар ин бора боз таваққуф хоҳем кард. Шояд ин қарз ба он хотир буда, ки вай сари танҳояшро ҷуфт намояду умрро зоеъ нагузаронида аз худ фарзандон барои пайванди минбаъдаи авлод гузорад.

Мирзо Қадам бо Тоифамоҳ ном духтари ҳамдеҳааш – аз Аҳмади Поён ақди никоҳ мебандад ва аз онҳо се писар – Абдулҳамид (1910-1987), Валӣ (1914-2006) ва Ҳабиб (1926-2007) ба дунё меоянд, ки минбаъд онҳо низ ба водӣ кӯч баста, деҳаҳои Гулообод, Навобод ва Арпатагӯлдии ноҳияи Восеъро макони истиқомат ихтиёр менамоянд. Мирзо Қалам бо номи Аброр бародаре низ доштааст. Муҳоҷирати фарзандони Мирзо Қадам ба ноҳияи Восеъ баъди Инқилоби Октябр барои корам кардани заминҳои найзору душворгузари ин ноҳия ба вуқӯъ пайвастааст. Ин таърих ба солҳои 30-40-уми асри гузашта, ки кӯҳистониёнро аз деҳаҳои танг барои ободонӣ ба водиҳо мекӯчонидаанд, рост меояд. Модари ин фарзандон соли 1952 дар ноҳияи Восеъ даргузаштааст.

Айни ҳол, фарзандони Мирзо Қадам дар ноҳияи Восеъ бо дунё падруд гуфта бошанд ҳам, фарзандони онҳо Маднабӣ, Ҷумъахон, Қадам,

Муслим ва дигарон дар деҳаҳои зикршуда кору зиндагӣ ва фаъолият доранд. Ҷойи зикр аст, ки он чи аз ҳаёти шоир ин ҷо оварда мешавад, аз нақли хешовандону наздикон ва фарзандони ӯянд, ки ҳиссаеро И. Икромов ва ҳиссаи дигарро муаллифи ин сатрҳо дар заминаи экспедитсияи илмие, ки бо мақсади омӯзиши рӯзгори сипаришудаи Мирзо Қадам ва мероси бозмондаи ӯ дошт, ҷамъоварӣ ва таҳияву тадвин кардааст. Дар ин ҷода фаъолияти мо дар тобистони солҳои 2006-2007, ки бо устод И. Икромов якҷоя гузашт, хеле натиҷабахш мебошад.

Мирзо Қадам бо вучуди ин ҳама душворию нобасомонии рӯзгор, марде хоксору озода, хушсуҳбат, зиндадилу ҳаётдӯст, ҳозирҷавоб ва маҳфилоро будааст. Назар ба маълумоте, ки аз писарону хешовандони Мирзо Қадам дарёфтем, вай бадоҳатан дар равияи халқӣ шеър мегуфтааст. Ба нақли писари калониаш Абдулҳамид ӯ боре ба тарафи деҳаи Риҷоб (ин деҳа ҳоло ба вайрона табдил ёфта, дар қаламрави ҳозираи Шӯрообод қарор дорад) сафар карда, дар хонаи яке аз хешовандонаш меҳмон мешавад. Ба назди меҳмон мардуми зиёде ҷамъ меоянд. Бегоҳӣ маҳфиле мураттаб месозанд. Дар маҳфили ҳамоншаба чанд тан муллобачаҳо, ки завқи шеъргӯӣ доштанд, низ ҳозир будаанд. Мизбон онҳоро ба Мирзо Қадам муаррифӣ менамояд.

Муллобачаҳои ҷавону хундарҷӯш мехоҳанд, ки Мирзо Қадамро имтиҳон кунанд. Яке аз онҳо шеъри зеринро, ки дар шакли чистон гуфта шудааст, дар ҳузури аҳли давра хонда, ҷавобашро аз меҳмон талаб менамояд. Шеър дар вазни дубайтӣ будааст:

Аҷаб дидам ду шавҳар, як нисое,
Миёни ҳар сешон бошад вафое.
Валекин он ду шавҳар зодаи ӯст,
Ба ҳар мазҳаб раво бошад никое (никоҳе) [65,17].

Мирзо Қадам ҷавоби чистонро, ки ҷома аст, фавран мегӯяд, ҳатто ба он бо назм низ ҷавоб мегардонад, ки ин аст:

Чӣ хуш гуфтӣ: ду шавҳар - читу карбос,
Нисояш пахта дар мобайни онҳост.

Ки меруяд ҳама аз як гулистон,

Ба ҳар шоху гадое зинатафзост [65,18].

Аҳли маҳфил бо як овоз ба Мирзо Қадам аҳсану офарин мехонанд ва ба ҳозирҷавобияш қоил гардаанд.

Новобаста ба камбизоатию машғулиятҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ Мирзо Қадам вақту фурсат ёфта, ба кӯдакону ҷавонон савод меомӯзонду мураббӣ ва тарбиятгари ҷавонони соҳибистеъдод буд.

Яке аз шогирдони хушзавқи вай Мирзо Раҳимҷон ном дошт. Мирзо Раҳимҷон монанди устодаш таъби модарзоди шоирӣ дошта, дар эҷоди шеър ӯро падари маънавии худ хонда буд. Устоду шогирд пайваста байни ҳамдигар, чи дар як ба як будан ва чи дар байни мардум, баҳсу мунозираҳо мекарданд. Дар ин бора байни мардуми Шӯрообод ва мардуми Восеъ нақлҳои зиёде мавҷуданд, ки шаммаеро ин ҷо ҳам аз бойгонии худам оид ба Мирзо Қадам, ки шунидаҳоямро навишта гирифта будам, ҳам аз китоби И. Икромов «Шоирони Роғи охирҳои асри XIXва ибтидои асри XX тоҷик» ба риштаи нақл мекашам: «Боре мардуми деҳаи Аҳмади Поён иди Наврӯзро таҷлил намуда, ба муносибати ин ҷашни фархунда хурсандӣ мекунанд ва барои меҳмонону мизбонон оши палав тайёр менамоянд. Ошпази ҳамин маъракаи баҳорӣ Мирзо Раҳимҷонро, ки ҳунари таббохӣ касби авлодиашон буд, интихоб менамоянд. Мутаассифона, Мирзо Қадам ба сабаби касалӣ ба оши наврӯзӣ расида наметавонад. Аҳли маърака, аз ҷумла Мирзо Раҳимҷон низ ӯро фаромӯш карда, барояш ош намефиристанд. Шоир аз ин кор сахт ранҷида, ба таври гилаомез шеъре менависад ва ба Мирзо Раҳимҷон мефиристад, ки матнаш ин аст:

Ало, Мирзо Раҳимҷон, нури дида,

Бигӯ бо он раиси баргузида,

Ки ҳою ҳую ғавғо буд дирӯз,

Ки гӯшам бишниду чашмам надида? [63,18-19]

Баробари ба дасти Мирзо Раҳимҷон расидани шеър, дар ҷавоб қоил мешавад, ки дар ҳақиқат, устодро аз ёд баровардааст ва дар

навбати худ гила аз писари шоир Абдулҳамид мекунад, ки дар хона мондани падарро ба ӯ ёдрасӣ накардааст:

Худовандо, касе аз по намона,
Надидам тавфиқе дар ин замона.
Бикардам ман туро аз ёд ғофил,
Нагуфт Абдулҳамид, падар да хона [12, 9].

Ин гилаи Мирзо Қадам беасос набуд. Аз рӯйи ишораи фарзандони шоир мавсуф дар баробари аз нигоҳи иқтисодӣ хеле миёнаҳол будан, кӯшиш менамуд, ки дар ин ё он маҳфили хоссаи хонаводагӣ шогирдони худро низ чун фарзандон гирди хон хонад. Аз ин рӯ, гилааш аз шогирдон асос дошт.

Мирзо Қадам бо як зиракии хос, ки зиндагӣ барояш ҳадя кардааст ва ҳисси шогирдию устодию рафиқию дӯстӣ, ба қавле шогирдашро ин тавр шарм медоронад:

Боракалло, эй писар, бо ин ҷавоби дилпазир,
Ман намедонам, ки ғайр аз Ҳақ набошад дастгир.
Лек гуфтам аз рафоқат як-ду ҳарфи бовафо,
Нест фарқе андар ин ҷо ман муридам ё ту пир [12, 9].

Шогирди доно ишораи устодро хеле дуруст пай мебарад ва пеш аз оне, ки рӯзе қарзи ошро ба ҷо хоҳад овард, танбеҳро қабул намуда, худро маломат менамояд:

Шунидам ин суханро ҳамчу нунам,
Миёни лола доман ғарқи хунам.
Аз ин гуфта маро додӣ ба дӯзах,
Дар он дӯзах намедонам, ки чунам![12,10]

Мирзо Раҳимҷон баъди танбеҳи устод ҷойи нишаст наёфта, рӯзи дигар ба бозор рафта, дастурхони дигари наврӯзӣ ороста, қарзи оши наврӯзиро ба ҷо меорад. Баъди ҷуброн намудани Мирзо Раҳимҷону хӯрдани оши қарз Мирзо Қадам даст ба дуо бардошта гуфта будааст:

Эй хоҷаи меҳрубон, хайру баракат,

Номе ба ҷаҳон зи нон, хайру баракат.
Мақбул шавад савоби ин оши палав
Бар рӯҳи гузаштагон, хайру баракат! [12,10]

Аз рӯйи нақли писари дигари Мирзо Қадам Валӣ падараш дар ҳозирҷавобию қофиягӯӣ беҳамто буд. «Қофиягӯйиҳои вай, ки бештар оҳанги ҳаҷвро доштанд, бо Мирзо Раҳимҷон, ки ӯро Шайх Мирзо ҳам мегуфтанд, мегузашт. Боре Мирзо Қадам бо Шайх Мирзо баҳри ҷамъоварии амруду қаюм ба кӯҳ рафта, дар зери дарахте хоб мераванд. Ба сабаби он ки шаб хунук буд, оташ меафрӯзанд. Ҳамон шаб, лаби ҷомаи Мирзо Қадам месӯзад. Ин воқеаро субҳ Шайх Мирзо дида, бадоҳатан мегӯяд:

Аброр наям, биёрам нунат,
Амруду қаюм балои ҷунат.
Наншастӣ чаро ба хонаи худ,
Эҳтиёт накардӣ, насӯзад …унат.

(Аз бойгонии муаллиф)

Инро шунида Мирзо Қадам филфавр чанд байти ҷавобия мегӯяд ва Мирзо Раҳимҷонро огоҳ менамояд, ки:

Тоби сухан надорӣ, дар мову ман барорӣ,
Дар назарам ғуборӣ, беҳудагӯйӣ макун!

Ва ё:

Надорӣ тоби дастам, эй Раҳимбег,
Макаш бар ҷойи тоқин бар сарат дег»…

(Аз бойгонии муаллиф)

Давраи нисбатан осудаи зиндагии Мирзо Қадам дар деҳаи Аҳмади Поён баъд аз Инқилоби Октябр ба вуқӯъ мепайвандад. Вай фарзандонаш Абдулҳамиду Валӣ ва Ҳабибро ба мактаби Шӯравӣ дода, савод меомӯзонад ва соҳибмаълумоту соҳибкасб менамояд. Акнун ба сари ӯ ҳокимони мазлуму хунхор ва ғоратгарони даврони амрӣ мушт боло намекарданд. Лекин ба тану ҷони Мирзо Қадам зарбаҳои бебозгашти ҳокимони золими ду соҳили рӯдхонаи Панҷ кораи амиқ расонида буд.

Вай, тибқи маълумоти додаи Абдулҳамид ва Валиҷон, дар охирҳои умр ба касалии фалаҷ гирифтор мешавад. Дасту пояш чандон дуруст кор намекарданд. Ана дар ҳамин вақт, ба мураттаб сохтани девони худ шурӯъ мекунад. Вале ба сабаби касалӣ наметавонад, ашъорашро бори дигар таҷдиди назар кунаду аз рӯйидевонсозии гузаштагон ҷо ба ҷо гузорад.

Назар ба маълумоти фарзандон, Мирзо Қадам умри тӯлонӣ надида, соли 1935, дар 65-солагӣ, аз дунё дармегузарад. Ӯро дар қабристони тарафи чапи деҳаи Аҳмади Поён, ки мавзеи сарсабзу сердолу дарахт будааст, ба хок месупоранд. Имрӯз он қабристон ба нестӣ расида, дарёфтани оромгоҳи Мирзо Қадами шоир муҳол гузашта бошад ҳам, дар дили ҳамдиёрон барои ҳамешагӣ маскану маъво дорад.

### 1.3. Мероси адабии Мирзо Қадам

Мероси адабии суханварони тоинқилобии тоҷик, ки тавассути нусхаҳои қаламии осорашон, тазкираҳо, луғатномаҳои тафсирӣ, баёзу гулчинҳо, баъзан девону куллиёт ва ғайра то ба мо расидаанд, якранг набудаанд. Аҳли таҳқиқи соҳаро маълум аст, ки осори бозмондаи Одамушшуро Рӯдакӣ ва ҳамасронаш бо чи душвориҳо ҷамъу таҳияву тадвин гардидаанду ҳанӯз ҳам пурра нестанд. Имрӯз аз осори «сездаҳ раҳ сад ҳазор»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ андак мондаасту халос. Баъдтар ҳам аз шоирону эҷодкорони зиёди адабиёти форсу тоҷик метавон ёд кард, ки дар замони дар қайди ҳаёт будан, адибон натавонистаанд, кулли эҷодиёташонро ҷамъ овардандy пешниҳоди баъдинагон намоянд. Ин ҳолат на танҳо ба суханварони музофотӣ, ки шуғли асосиашон эҷодкорӣ набуда, завқи азалӣ ва модарзодӣ онҳоро шоир кардааст, балки ба баъзе эҷодкороне рух дода, ки дар марказҳои намоёни адабию фарҳангӣ зиндагию эҷод кардаанд. Мисоли барҷастаи ин рӯзгору осори яке аз шоирони забардасти адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XIX, Шамсуддин махдуми Шоҳин аст, ки дар доираи адабии Бухоро фаъолият дошт. Мувофиқи ахбори муҳаққиқ, «Мероси манзум ва мансуре, ки аз Шоҳин боқӣ мондааст, на дар замони ҳаёти шоир ва на баъд аз марги ӯ пурра тадвин ва ҷамъ нашудааст» [21,26]. Ҳамин ҳолатро дар доираҳои адабии Бухорои Шарқии асрҳои ХУШ-Х1Х ва ибтидои асри XX дучор меоем. Мирзо Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Мавзуни Бадахшонӣ, Фавқии Ҳисорӣ, Дабири Ҳисорӣ аз доираи адабии Ҳисор; Мулло Бурҳон, Маъдуми Кӯлобӣ, Носир, Афсар, Бурҳониддини Бисмил, Носеҳи Кӯлобӣ, Абдурраҳими Кӯлобӣ, Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ, Муҷрими Кӯлобӣ ал-Роғӣ, Завқӣ, Мирзо Раҷаб, Хотири Кӯлобӣ аз доираҳои адабии Кӯлоб; Гулханӣ, Абдурраҳими Ғармӣ, Хазонӣ, Валеӣ, Рафиқӣ, Ҳаҷрӣ аз доираи адабии Қаротегин: Қабои Дарвозӣ, Субҳонқулӣ ибни Амршоҳ, Баҳрии Дарвоз, Ноҷӣ, Маҳҷур, Иззат, Мулло Шамсуддини Дарвозӣ, Мирзо Маҳмуд ва дигарон аз доираи адабии Дарвоз ва ғайра дар суханварӣ эътироф шуда бошанд ҳам, ашъори

бештарашон ба таври пароканда то ба мо расидаанд, ки ин ҳолат ба омӯзиши рӯзгору осори онҳо таъсири мусбат надорад ва баҳои ҷамъбасткунанда ба ин доираҳои адабӣ ҳанӯз кори ояндааст.

Агар аз ҳамин зовия ба мероси адабии Мирзо Қадам таваҷҷӯҳ шавад, мебинем, ки осори ӯ низ ба таври хеле пароканда, баъзан дар авроқи алоҳидаи парешон ва гузашта аз ин, тавассути ҳунармандону овозхонон ва адабиётдӯстон шифоҳӣ, аз даҳон ба даҳон то ба мо омада расидаанду баъдтар аз ҷониби аҳли адабу фарҳанг ва наздикону пайвандон ҷамъоварӣ гардидаанд. Дар ин ҷодаи пурмашаққат, барои ҷамъ овардану ба шакли китоб даровардани осори бозмондаи Мирзо Қадам дар баробари фарзандону шогирдони шоир, ҳамчунонки дар фавқ таъкид гардид, ҳиссаи адабиётшинос Искандар Икромов хеле назаррас арзёбӣ мешавад. Ин муҳаққиқ дар тайёр кардани «Девон»-и Мирзо Қадам [65] ва «Қасас-ул анбиё»- и [66] манзуми мавсуф заҳмати зиёде кашидааст.

И. Икромов тирамоҳи соли 2007 дар як маъракаи хешовандон дар деҳаи Хоҷағалтони ноҳияи Шӯрообод аз Ҳоҷӣ Талаб ном марди соҳибмаълумот мефаҳмад, ки дастнависи мунтахаби ашъори Мирзо Қадамро дар даст дорад. Аз рӯйи нақли Ҳоҷӣ Талаб, аслан шодравон Мирзо Арбобов ном шахс, ки ба кори савдо машғул будааст ва бо Ҳоҷӣ Талаб хешу табор, ният дошта, ки осори Мирзо Қадамро аз ҳисоби худ омода ва чоп менамояд. Мавсуф бо ин мақсад ба қадри имкон осори шоирро ҷамъоварӣ ва бо кӯмаки шахси бароямон номаш номаълум дар шакли мунтахаб тайёр менамояд. Вале нияти Мирзо Арбобов амалӣ намегардад. Вай соли 1992 ба таври фоҷиавӣ кушта мешавад. Бо тақозои тақдир, ин мунтахаби шоир дар шаҳри Кӯлоб ба дасти Ҳоҷӣ Талаб меафтад. Ҳоҷӣ аз сабаби камбизоатӣ китоби дар дасташ бударо бо нияту умеди нек ба муҳаққиқ И. Икромов тақдим менамояд. Ҳамин тавр, ба таҳқиқу омӯзиши рӯзгору осори Мирзо Қадам қадамҳои аввалини боварибахш гузошта мешавад. Дар кори таҳия ва ба нашр расонидани девони шоир ҳамқаламони И. Икромов Шерхон Валиев ва Аҳмад

Ализода низ саҳм доштаанд, ки мураттиб дар муқаддима аз онҳо изҳори ташаккур намудааст. Пас, Мирзо Қадам дар қатори суханварони дигари Роғ, монанди: Муҷрим, Мухлис, Мисраъ ва дигарон аз ҷумлаи шоирони соҳибдевон будааст.

Ин «Девон» имрӯз дар чӣ ҳолат ва дар куҷо маҳфуз аст? Ба ин суоли мо, пеш аз ҳама заҳмати устод И. Икромов дастгиру ёрирасони беминнатанд. Аз муқаддимаи ба «Девон»-и Мирзо Қадам навиштаи ин муҳаққиқ бармеояд, ки вай хеле барвақт аз ин заҳмати захим суханвари ҳамдиёраш таваҷҷӯҳ зоҳир намуда будааст [65,3-14]. Аз навиштаи мураттиби «Девон»-и Мирзо Қадам бармеояд, ки шоир ба мо девони мураттаб сохтаашро бо хатти худ ба мерос гузоштааст. Муҳаққиқ менависад: «Аз Мирзо Қадам ба мо се нусхаи девони дастнавис омада расидааст. Яке аз ин нусхаҳо девони дастнависи худи шоир буда, ҳангоми зиндагии шоир китобат шудааст. Хаташ хоност. Нусхаи мазкур дар дасти писари калонии шоир – шодравон Абдулҳамид нигоҳ дошта мешуд. Ҳоло дар дасти набераи ӯ Маднабӣ маҳфуз аст. Аз рӯйи ҳамин нусха писари дувуми Мирзо Қадам Валӣ низ дар як дафтари калонҳаҷми 96-варақа барои худ нусхаи дигар тартиб додааст. Нусхаи мазкур алҳол дар дасти набераи Мирзо Қадам Муслим чун ёдгори муқаддас нигоҳ дошта мешавад. Нусхаи севум дар дасти муаллифи ин сатрҳост» (яъне, И. Икромов – Г.Р.), ки мо онро аз рӯйи девони дастнависи худи шоир барои таҳқиқот аксбардорӣ кардаем» [13, 12-13].

Инҷониб ки хушбахтона, ҳар яке аз ин се нусхаро бо чашми сар дидааму аз онҳо аз рӯйи имкон истифода кардаам, «Девон»-и қаламии Мирзо Қадам ёдгори арзишманди доираи адабии Роғи тоҷик буда, мувофиқи маълумоти дастрас ва таъйиди наздикону пайвандони шоир, аз ҷониби худи муаллиф китобат шудааст. Ин нусхаи қаламӣ аз 195 саҳифа, бо ҷилди картонии сахт мебошад. «Девон» бо хатти настаълиқ навишта шуда, вале хусни хатти муаллиф хуб нест. Хаташро ба осонӣ наметавон хонд. Зиёда аз ин, бояд гуфт, ки аз сабаби сабақи комил надоштан Мирзо Қадам дар девон ба ғалатҳои зиёди имлоӣ роҳ додааст.

Ҳамчунон дар забон, вазн ва қофияи баъзе порчаҳои шеърии алоҳида нуқсонҳои ҷиддӣ ва ҳатто барқарорнашаванда ҷой доранд. Девон дар рӯйи коғази истеҳсоли русии рахкалон китобат шудааст ва он аз 86 варақ иборат мебошад. Ҳар варақи девон бидуни ҷадвалкашии анъанавӣ дар девонсозӣ 8-9 байт дорад. Баъзе варақҳо тақрибан холӣ буда, танҳо як ё ду байт оварда шудаанд. Дар баъзе варақҳо бо такрор омадани баъзе аз ашъори шоир низ мушоҳида мешавад. Варақи аввали «Девон»-и Мирзо Қадам бо тафсири сураи «Ихлос» оғоз мешавад:

Эй сифоти зоти покат «қул ҳуваллоҳу аҳад»,
Эй ниҳоли боғи тавҳиди ту «Аллоҳу -с-самад».
«Лам ялид» бех асту «ламюлад» варо шох асту барг,
Меваи ӯ «лам якун», мағзаш «куффуван аҳад» [13,3].

Охири девони мазкур бо панҷ саҳифа ё дуним варақи порчаи мансур хотима меёбад, ки дар он саволу посуххо байни подшоҳ Анӯшервон ва вазири донишманду ботадбираш Бузургмеҳр омадааст. Сабаби дар охири девон ҷой дода шудани ин саволу ҷавоб, ки маҳсули эҷоди хомаи Мирзо Қадам нестанд, ба мо маълум нашуд. Дар ин маврид ҳамин қадар метавон гуфт, ки ин матни аз нигоҳи мӯҳтаво, ки саропо тарбиявӣ-ахлоқӣ аст, шояд ба фарзандон ва наберагону баъдинагон ба сифати панднома дохил шуда бошад.

Зарур ба таъкид аст, ки на ҳамаи он чи дар «Девон»-и Мирзо Қадам ҷой дода шудаанд, аз таровати истеъдод ва қалами ӯ берун омадаанд. Масалан, дар варақи 85-уми «Девон»-и шоир қитъаи зерин дарҷ гардида, ки ба тавсифи ҳусни хат бахшида шудаасту матни онро иқтибос менамоем:

Ҳусни хат беҳ зи ҳусни дилдор аст,
Ҳамчу моҳе, ки дар шаби тор аст.
Ҳар гулеро хазон расад азалӣ,
Ин гулистон ҳамеша гулзор аст [13,190].

Мо ин абётро дар бисёр мавридҳо дучор меоем ва он имрӯз он қадар забонзад аст, ки ба моли халқ табдил ёфтаву муаллифи асилаш

фаромӯш гаштааст. Дар баъзе маврид онро ба Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ (1145-1221) нисбат додаанд [65,14].

«Девон»-и Мирзо Қадам, ки аз ҷониби худи ӯ мураттаб гардидааст, аз ғазал, қасида, қитъа, мухаммас, рубоӣ, муаммо ва маснавиҳои хурд иборат мебошанд. Ин анвои шеърӣ дар девон ба тартиб не, балки парешон ҷой дода шудаанд.

Дар варақи 2а, як қитъа иборат аз 2 байт ба забони туркӣ ҷой дорад, ки бешубҳа, он моли Мирзо Қадам набуда, касе бо хатти дигар онро дар ҷои холӣ илова кардааст. Ин қитъаро мураттибони нашри чопӣ дар китоб ҷой надодаанд. Ду шеъри аввали «Девон», ки ҳар ду 5- байтӣ мебошанд, ба ғазал ва ба қитъа монандӣ надоранд. Зеро қофияҳояшон **аб, вб, дб, еб,** буда, бештар пораҳое аз қасидаро мемонанд.

Дар «Девон» варақи 4а холӣ буда, дар варақҳои 6б ва 7а, ки дар аввал шояд барои мақсаде ва ҷой додани қитъаи шеъре шоир холӣ гузошта будааст, дар аввали 8 байти қасидаи варақи 7б омада, дар варақи 7а машқи хат ҷой дорад, ки ҳар ду ба хатти умумии девон шабоҳат надоранду баъдтар илова гардидаанд. Аз ҷумла, дар варақи 7а ин байт ҷой дорад, ки маҳсули тафаккури Мирзо Қадам набуда, аз «Чаҳор китоб» иқтибос гардидааст:

Эй бародар, дур бош аз ёри бад,
Ёри бад бадтар бувад аз мори бад [13, 10].

Асари манзуми дигар, ки қофияаш **аа, ба, ва, га, ва** ғ. мебошад аз 143 байт тартиб ёфта, ба қасидаи тавил шабоҳат дорад. Баъди ин, ғазале аз 28 байт, ғазалгунаи дигаре аз 27 байт, мухаммасе аз 13 банд, ғазале аз 16 байт, пандномае барканда аз қасида дар 9 байт, боз ғазале дар 8 байт, ғазали дигаре дар 18 байт, боз ғазале дар 8 байт ва ғазале дар 9 байт, ғазали дигар дар 11 байт ва ғазале дар 14 байт, ғазали дигар дар 12 байт, қасидагунае дар 24 байт, дигар қасида дар 20 байт, маснавие иборат аз 23 байт, қасидае аз 22 байт, ғазале аз 5 байт, се ғазали пай дар пай иборат аз 15 байт, 10 байт ва 9 байт, қасидае аз 28 байт, се маснавии хурд иборат аз 11 байт, 10 байт ва 10 байт, қасидагунае аз 23 байт, қасидае аз 28 байт ва

қасидае аз 27 байт, боз қасидае аз 28 байт, маснавии хурд аз 25 байт, «Ғазали соли ҳасрат» аз 38 байт, «Ғазал дар бораи рафтани Деҳшор» иборат аз 22 байт, ғазале аз 7 байт, «Ғазал дар бораи Деҳшор» иборат аз 34 байт, ғазале аз 13 байт, 2 рубоӣ иборат аз 4 байт, қасидагунаи «Ё Фаттоҳи бахшанда» иборат аз 27 байт, қасидае дар 35 байт, қасидаи дигар дар 43 байт, қитъае дар 4 байт, қасидае бо забони нақл аз 28 байт, ғазале аз 7 байт, «Боб дар баёни таяммум» дар 175 байт, ҳикояте дар 26 байт, «Боб дар баёни дарвешӣ» иборат аз 64 байт дар тарзи қофиябандии қасидаю ғазал, «Боб дар баёни он чи бад мебудаанд» дар 5 байт, «Боб дар баёни нафси аммора» 21 байт дар тарзи қофиябандии қасида ва ғазал, ғазале муаммогуна дар 15 байт, «Боб дар баёни хавфи риҷо» дар 9 байт, «Дар баёни ҳурмат доштани масҷид» дар 9 байт, маснавии хурд дар 22 байт, порашеъре бо қофиябандии гуногун дар 26 байт, маснавии «Қиссаи ҳазрати Айюби пайғамбар (а)» дар 239 байт, ки соли 1351 ҳиҷрӣ (баробар ба соли 1933 мелодӣ) эҷод шудааст, маснавии «Зикри Омили мақтул бинни Сулаймон» дар 45 байт, маснавии «Зикри гов» дар 85 байт, як фард ва ду қитъа, яке се байт ва дигаре ду байт пай дар пай дар «Девон»-и шоир омадаанд. Ин ҳама, дар маҷмӯъ 1700 байтро ташкил менамояд.

Дар иртибот бо «Девон»-и Мирзо Қадам бояд гуфт, ки дар байни авроқи он варақе пайдо шуд, ки дар рӯйи варақ се банди як мухаммас сабт гардидааст. Ин мухаммас дар китоби чопи кириллӣ ҷой надорад ва аз бандҳои мухаммас пайдост, ки он оҳанги шарҳиҳолӣ дошта, банди севуми он ин аст:

Ман чӣ гӯям аз ҷафоҳое, ки модар мекашид,
Риштаи ҷон будамаш, бо ҷону дил мепарварид.
Гаҳ ба рӯям шод буд, ки бодаи ғам мечашид,
Ҳар куҷое гиряи овози манро мешунид,
Ҷони ҷон гӯён биомад бар сарам он дилфигор…

[12,варақаи алоҳида 3]

Дар охири «Девон»-и Мирзо Қадам, ки бо заҳмати Искандар Икромов, Шерхон Ватанов ва Аҳмад Ализода ба чоп расидааст[65], фасли «Шеърҳое, ки аз девони Мирзо Қадам берун мондаанд» илова шудааст, ки дар он «Ҳикояти ҷангҳои гузашта дар давраи амир Олимхӯҷа» дар тарзи қофиябандии ғазал ва қасида дар 26 байт, «Қасида дар ситоиши ҳокими Хавоҳон» дар 8 байт», «Ҳаҷви гов» дар 9 байт, «Шеъри хирманкӯбӣ» дар 14 байт, муаммо ва чистонҳо дар 13 байт, «Дар таърифи Муҳаммадятимбойи мумсик» дар 4 байт, шеъри «Ҳаҷвия» дар 11 байт ва се рубоӣ ҷой дода шудаанд, ки 91 байтро ташкил медиҳанд.

Ашъори дар «Девон»-и шоир ҷойдошта ва дарёфтаҳои дар китоби чопшуда [65] замима гардидаро ҷамъ намоем, мебинем, ки ашъори дар жанрҳои хурди бадеӣ ба мо ба меросмондаи Мирзо Қадам тақрибан, ба 1800 байт мерасад. Искандар Икромов доир ба дастнависи шоир ва ашъори бозёфтаи ӯ аз байни мардум ба хулоса меояд, ки «Девони ашъори Мирзо Қадам аз шаклҳои шеърии ғазалу қитъа ва рубоӣ иборат буда, дар якҷоягӣ 1747 байтро ташкил медиҳад. Муаллиф дар зимни ин як қатор қисса ва ривоятҳои диниро низ ба назм даровардааст. Вале на ҳамаи шеърҳои Мирзо Қадам ба девони ӯ дохил шудаанд» [65,29].

Бояд гуфт, ки 91 байти дар боло баршуморидаи мо, ки ба «Девон»-и шоир замима гардидаанд, барои И. Икромов ба осонӣ ба даст наомадаанд. Ин муҳаққиқ ба омӯзиши мероси адабии Мирзо Қадам қадамҳои ҷиддӣ гузошта, тавре дидем, муваффақ ҳам шудааст.

Асари дигаре, ин номи Мирзо Қадамро то ба рӯзгори мо расонидааст, ин «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми адиб аст, ки аз он камубеш 5100 байт боқӣ мондааст.

Бояд гуфт, ки «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми мавҷуд низ то ба имрӯз монанди «Девон»-и шоир танҳо дар як нусхаи қаламӣ ба мо расидааст.

Он вақте ба мо дастрас гардиду мавриди истифодаи мо қарор гирифт, ки варақҳои аввалу охири асар аз байн рафта буд. Он чи имрӯз аз ин маснавии манзум ба мо расидааст, аз 424 саҳифа иборат мебошад. Саҳифабандӣ ба таври саҳифабандии кунунӣ буда, ин саҳифабандӣ

баъди чандин сол аз байн рафтану нобуд шудани аввалу охири китоб бо қалами сиёҳранги аз ранги нусхаи қаламӣ фарққунанда гузошта шудааст. Аз ин рӯ, аз муқоисаи «Қасас-ул-анбиё»-и мансури муаллифаш номаълум ва асари ҳамноми манзуми Мирзо Қадам маълум мегардад, ки асари сонӣ бо саҳифае аз қиссаи Ҳазрати Маҳлоил ба мо монда, то қисми зиёди қиссаи Ҳазрати Исоро дар бар гирифтааст. Анҷоми «Қасас-ул-анбиё»-и манзум мебоист, бо таваллуду фаъолияти бесобиқаи Муҳаммад пайғамбар (с), ки дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур сабт аст, анҷом меёфт. Мутаассифона, асари Мирзо Қадам бо фасли «Қиссаи таваллуд шудани Исо ибни Марям (а)» ба мо расида, ки он ҳам пурра нест, қатъ мешавад.

Тавре аз абёти боқимондаи асар, ки 5100 байт аст, бармеояд, он як асари бузургҳаҷм буда, шояд дар асл на камтар аз 7-8 ҳазор байт дошта бошад. Ин китоби бузургҳаҷм бо хатти хуби настаълиқ китобат гардида, ҳар саҳифаи он 18-20 байтро дар бар мегирад. Аз он ки аввалу охири китоб аз байн рафтааст, соли китобат ва котиби он нусхаи қаламӣ бароямон то ба имрӯз торик аст. Ин ҷо дар муқоиса бо нусхаи қаламии «Девон»-и Мирзо Қадам, ки хатти худи муаллиф аст, метавон гуфт, ки «Қасас-ул-анбиё»-и манзум хеле босаводона китобат гардидааст. Котиби он ба саводи кофӣ доштану китобат намудани осори хаттӣ пухта ва таҷрибадида ба назар мерасад.

«Қасас-ул-анбиё»-и манзум Мирзо Қадам дар аввал дар дасти писари калонии адиб Абдулҳамид чун ёдгории муқаддас аз қиблагоҳ маҳфуз будааст. Вале муддате ин нусхаи ягонаро мулло Бурҳон ном шахс орият мегираду ғайб мезанад, ки тафсилашро И. Икромов дар муқаддима ба «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир ин тавр баён мекунад: «Тақрибан, солҳои 1941-1942 мулло Бурҳон ном шахс аз деҳаи Офтобзамин (ин деҳа дар қаламрави Шӯрообод буда, ҳоло вайрону валангор ва ба чарогоҳ табдил ёфтааст – Г.М.)-и собиқ ноҳияи Даштиҷум, ки лақаби роғияш «Мулло Гов» будааст, китоби мазкурро аз дасти Абдулҳамид барои мутолиаи муваққатан мегирад. Вале мулло Бурҳон ба аҳдаш вафо намекунад ва онро ба соҳибаш сари вақт

барнамегардонад. Бобои Абдулҳамид чандин бор ба ҷустуҷӯ ва суроғи китоб ба Офтобзамин меравад. Мутаассифона, на китобро пайдо мекунаду на мулло Бурҳонро. Аз хешовандонаш мефаҳмад, ки мулло Бурҳон аз Офтобзамин кӯч баста, дар қишлоқи Қизил-Буйноқи хоҷагии деҳоти ба номи Кирови ноҳияи Восеъ зиндагӣ мекардааст. Бобои Абдулҳамид ба ҷустуҷӯи китоб ба деҳаи Қизил – Бӯйноқ меравад. Вай мулло Бурҳонро дар он ҷо меёбад. Мулло Бурҳон ба бобои Абдуҳамид мегӯяд, ки китоб дар дасти вай нест, онро барои хондан ба шахси дигар додааст ва ваъда медиҳад, ки китобро худаш дар мӯҳлати таъиншуда гирифта меорад. Вале мулло Бурҳон боз ба аҳдаш вафо намекунад. Дар ин давра китоб даст ба даст гузаштааст» [14,8-9].

Солҳо пайи ҳам мегузаранд, вале аз «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадаму мулло Бурҳон дараке ба Абдулҳамид намерасад. Хешону пайвандони Мирзо Қадам соли 1954 аз зодгоҳашон деҳаи Аҳмади Поён ба водии Кӯлоб, ба ноҳияи имрӯзаи Восеъ, барои ба кор даровардани заминҳои бекорхобида, муҳоҷир мешаванд. Онҳоро намояндагони ҳукумати онвақта дар колхози ба номи Москва (айни замон, хоҷагии ба номи Лангарӣ Лангариев – Г.М.), дар деҳаҳои Арпадагулдӣ ва Андреев (ҳоло деҳаи Гулобод – Г.М.) ҷою макон медиҳанд. Бародарон, яъне фарзандони Мирзо Қадам низ дар байни онҳо буданду дар макони нав хонаву дар сохта машғули кор мегарданд. «Баъди чанд соли ватандорӣ, - менависад И. Икромов, - дар ҷои нав рӯзе дар маросими як ҷаноза писарони Мирзо Қадам – Абдулҳамид ва Валӣ бо мулло Бурҳони гуреза вомехӯранд. Онҳо аз китоб пурсон мешаванд. Мулло Бурҳон ба гуфти мардуми роғӣ «боз тов мета», яъне баҳонаҷӯйӣ мекунад, боз ваъдаҳои бардурӯғ медиҳад. Ин бор бобои Абдулҳамид ба гуфтаҳои ӯ бовар намекунад. Ба ӯ мегӯянд, ки дигар ҳиллаҳоят ба кор намеравад. Бо ту меравем. Китоб дар дасти касе ки ҳаст, онро аз ӯ, ки ёдгори падари мо ҳаст, мегирем» [14, 9]. Ҳамин тавр, Абдулҳамид ва Валӣ мулло Бурҳонро маҷбур месозанд, ки ин бор асари падарашонро пайдо намуда, баргардонида диҳад. Мулло Бурҳон ночору мулзам мемонад ва дар

ҷавоби онҳо мегӯяд, ки китоб дар дасти Давлат ном шахс аст, ки дар ҳамин ноҳия дар деҳаи Гулобод иқомат дорад. Мулло Бурҳон, Абдулҳамид ва Валӣ баъди ҷаноза ба ҷониби деҳи Гулобод, ба хонаи Давлат мераванд. Вай дар Восеъ бо номи «Давлати рубоб» машҳур буда, ҳатту саводи хондани осори ниёгонро бо ҳуруфи форсӣ доштааст. Давлат дар баробари шуғли деҳқонӣ гоҳ-гоҳ зери нағмаи рубоб суруд ва қиссахонӣ мекардааст. Аз рӯйи нақли фарзандони Мирзо Қадам, ки аз гуфтаи наберагони адиб дарёфтем, Абдулҳамид ва Валӣ аз хонаи Давлат асари манзуми «Қасас-ул-анбиё»-ро, ки баназмдаровардаи падарашон буд, вақте пайдо менамоянд, ки аз он аллакай, қисмҳои аввалу охири китоб афтодаву аз байн рафта буд.

Абдулҳамид ва Валӣ ба бемасъулиятии мулло Бурҳон интиқод гирифта, дар баробари ин шукргузорӣ аз он мекунанд, ки ёдгории падар ба фарзандон ва на танҳо ба фарзандон, балки ба ҳамдиёрону ҳамватанон расид. Китоб хеле фарсуда ва абгор шуда будааст, ки онро аз сари нав китобату саҳифабандӣ менамоянд. Тавре Абдулҳамид ба И. Икромов ишора намудааст, «ин асар дар чашми аҳли илм ва маърифат чун одами нимтана (маҷрӯҳ) ба назар менамуд» [14,10], ки бо вуҷуди навоқиси ҷиддии аввалу охир, ки ба сабаби беэътиноии мулло Бурҳон падид омада буд, аз нав рӯҳи тоза пайдо мекунад.

Вақте банда бо устодам И. Икромов дар суҳбати писари Абдулҳамид- Маднабӣ будем, аз гуфтаҳои ӯ, ки оҳанги ҳазини хастапазирона дошт, дарёфтем, ки авлоди Мирзо Қадам ҳанӯз ҳам ба дарёфта оғозу анҷоми қиссаи манзуми бобояшон умед доранд. Онҳо пайваста дар суроғу ҷустуҷӯи авроқи гумшудаи ин китоби дар адабиёти тоҷик нодир мебошад.

Хушбахтона, баъди дарёфт намудану нусхабардорӣ кардани нусхаи асли «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам то имрӯз се нусхаи қаламии он дар дасти наберагони шоир маҳфуз мебошанд. Яке аз нусхаҳои қалами аслӣ, ки дар дасти Валӣ нигоҳдорӣ мешуд, алҳол дар хонаи писари Валӣ Муслим маҳфуз аст. Набераҳои дигари Мирзо Қадам

Маднабӣ ва Қадам аз рӯйи дастнависи дар дасти Муслим буда, нусхаи аксии онро барои худ омода намуда, дар худ нигоҳ медоранд.

Бо он ки мо бо нусхаи асли «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам ошноии наздик пайдо намудем, бояд гуфт, ки дар рисолаи худ ҳам аз нусхаи аксии дар дасти Маднабӣ ва Қадам маҳфузбуда ва ҳам матни чопии он ки И. Икромов таҳияву тарвин кардааст [14,10], истифода намудем.

Нусхае, ки дар дасти Маднабии Абдулҳамид маҳфуз аст, дар дохили муқоваи китоби арифметика нигаҳдорӣ шуда, бо хатти настаълиқи хоно ва зебо китобат шудааст. Соли таълифи «Қасас-ул-анбиё»-и манзум маълум нест. Вале худи шоир дар анҷоми фасли «Берун рафтани ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом маъа қавмаш банни Исроил аз Миср ва ғарқ шудани Фиръавн бо қавмаш ба дарё» [14,298-305] санаи анҷоми ин қисмати асарашро соли 1340 ҳ. (баробар ба 1920-1921 м.) қаламдод намуда, гуфтааст:

Умед он аст, ҳар кас, ки бихонад,
Дуъое бар мани мискин расонад.
Дуъо он ки бихонад фотеҳаро,
Бибахшад ин ҳақири пургуна(ҳ) ро.
Санаро як ҳазору сесаду чил,
Ба ҳафтаи дигар-ш овардаем кул,
Ки буд моҳи муҳарраму даҳум буд,
Ба панҷшанбе шуд ин абёт мавҷуд.
Биё, мискин Қадам, хатми сухан кун,
Тавон, сарриштаи гӯру кафан кун [14, 304].

Аз ин ишораҳо метавон ба дурустӣ ҳадс зад, ки Мирзо Қадам ҳанӯз дар оғози солҳои бистуми асри XX барои ба риштаи назм кашидани «Қасас-ул-анбиё» шурӯъ намуда, онро пеш аз мураттаб сохтани девонаш ба анҷом расонида будааст. Яъне, 10-уми муҳаррами соли 1340 ҳ. (баробар ба 14 сентябри соли 1921м.) ин абёт, дурусттараш ин фасли «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ва риштаи назм шаддабандӣ шудааст.

Шумораи осори адабии Мирзо Қадам бо доштани «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзум анҷом наёфтаву маҳдуд нест. Набераи шоир Маднабӣ дар суҳбат ба мо нақл кард, ки бобои суханвараш Мирзо Қадам тақрибан, баъди эҷоди маснавии худ ба «Девон»-и Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ шарҳи муфассале ҳам навишта будааст. Чун замони Шӯравӣ омаду замона дигар шуд, ба осори хаттии мардуми мо, ки бо ҳуруфи ниёгон китобат мешуданд, ҳукуматдорони давр бо чашми кина менигаристанд. Агар осори диниро аз байн баранд, зиёда аз ин донам-надонам теша бар решаи фарҳанги оламшумули форситаборон, ба хусус тоҷикон, мезананд. Он вақт душвор буд, ба роҳбаре фаҳмонӣ, ки ин адабиёту фарҳанги гузашта чӣ қимате дорад. Кифоя аст ба ёд орем, ки бо шӯру ҳангома ва балвои пантуркистон китоби мӯътабари устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро [24], ки соли 1926 дар Маскав ҳамчун шиносномаи мардуми тоҷик нашр гардида буд, маҳкум намуда, дубора ҷамъ оварда, сӯзонида буданд. Ҳатто кор ба ҷое расид, ки Садриддин Айниро душмани сохти нав эълон намуда, ҳукми қатл бароранд. Хушбахтона, Абулқосим Лоҳутӣ ҷонхариди устод Айнӣ гардид ва иштибоҳҳои Ҳукумат баъдтар фош шуд. Аз ин рӯ, ин шарҳи ба «Девон»-и Хоҷа Ҳофиз навиштаи Мирзо Қадам гӯё бо дигар асарҳои мӯътабаре, ки вай ҷамъ овардаву бо худ нигоҳ медошт, дар дохили ғори кӯҳпорае пинҳон карда шуда буданд. Ба ин масъала аз муҳаққиқони Мирзо Қадам И. Икромов ҳамаҷониба мулоҳизаронӣ карда менависад, ки «Вале коркунони амнияти ноҳия ва гумоштагони давлати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар маҳалҳо кор мебурданд, аз ҷои он китобҳо бохабар шуда, якҷоя бо онҳо шарҳи ба девони Хоҷа Ҳофиз навиштаи Мирзо Қадамро низ сӯзонидаанд» [13, 13].

Ҳамин тариқ, аз баррасии мероси адабии Мирзо Қадам бармеояд, ки ӯ дар баробари фоҷеаҳои пай дар пайи сиёсию иҷтимоии замонро аз сар гузаронидан, аз худ мероси гаронбаҳои манзум ба ёдгор мондааст. Вале ҳанӯз ҳамаи онҳо дар як ҷой ҷамъоварӣ гардидаву ба пуррагӣ ба нашр нарасидаанд, ки кори минбаъда аст. Агар ҳамаи он чи ба Мирзо

Қадам нисбат дода мешаванд, гирдоварӣ шавад, аз як тараф, чеҳраи адабии шоир равшантар мегардад ва, аз ҷониби дигар, ба ин васила ҳаёти фарҳангии доираи адабии Роғи тоҷик боз пурратар мегардад.

# БОБИ II. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ МИРЗО ҚАДАМ

## 2.1. Мавқеи жанрҳои хурди лирикӣ дар эҷодиёти Мирзо Қадам ва мӯҳтавои асосии онҳо

Ҳар адиб ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ қадам ба арсаи эҷод мегузорад, мекӯшад, ки дар ҷодаи эҷод, новобаста аз баҳраҳои судманд бардоштан аз пешиниёни худ, бояд пайроҳаи вижаи хешро дошта бошад. Ин ба он маъност, ки адибони ҳар давру замон вобаста ба талаботи вақт ба мавзӯи умумие даст зада, дар атрофи он зермавзӯъҳои муҳимми зиндагиро дар эҷодиёташон матраҳ менамуданд, монанди тасвири зебоиҳои табиат, сурату сирати инсонҳо, ахлоқи ҳамидаи одамон, панду андарз ба фарзандон ва ҳамнавъон, сулҳу ҷанг, инсондӯстӣ, дину ойину мазҳаб, қувваи некию бадӣ, подоши рафтору кирдори номатлуб, зебоипарастӣ, васфу ҳаҷв, қашшоқию доророӣ, муҳит ва таъсири он ба сокинони ин ё он минтақа, ақоид ва ғайраҳо. Умуман, онҳо бо нигоҳи нозукбини худ чизҳоеро дар зиндагии гузарон мебинанду тараннум менамоянд, ки ҳамзамононро аз роҳи баду зулм ва истибдоду вайронкорӣ боздошта, ба ҷодаи некию некӯкорӣ ва созандагӣ раҳнамун созанд.

Тарғиби илму дониш ва фаро гирифтани он аз масъалаҳои махсус дар асарҳои шоиронанд. Агар ба эҷодиёти Мирзо Қадам, ба хусус ба осори лирики ӯ, ки аз жанрҳои гуногуни хурди бадеӣ иборатанд, таваҷҷӯҳи амиқ шавад, он чи дар боло ишора шуд, ҳамаашонро метавон дарёфт. Яъне, Мирзо Қадам ҳамчун як фарди ҷомеа дар давоми зиндагӣ, бо ҳамаи бурду бохт, расоию норасоӣ, неку бад ва ғайраи он ҳамроҳу ҳамқадам буд ва дар ҳеҷ ҳолат бетараф истода наметавонисту он ҳамаро ҳамчун як қаламкаш ҳатталимкон ба риштаи назм кашидааст. Вай дар эҷодиёташ дар ифшои масъалаҳои зиёди зиндагӣ тавонистааст то андозае муваффақ шавад ва рӯҳи замонро дар ашъораш таҷассум намояд.

Барои инъикоси ҳодисаҳои замон, муҳити носолими давр, нобаробарии мақоми одамон, дар миёни ин ҳама обу оташ ҷон ба саломат бурданҳо, инъикоси ҳаёти иҷтимоию сиёсии вақт Мирзо Қадам аз жанрҳои хурди лирикӣ қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ, мухаммас, фард ва ғайра мувофиқи қудрату тавоноиаш кор гирифта, то ба дараҷаи соҳибдевонӣ расидааст.

Шоир ҳамчун мусулмони комил дар бештари қисматҳои девонаш ташвиқи дину мазҳаб ва аркони он намуда, қисса, ривоиёт, талаботи дини мубини Исломро ба риштаи назм кашидааст, ки ҳадафи асосӣ дар онҳо покизагӣ ва тарбияи ахлоқи ҳамида дар байни ҷомеа мебошад. Пас, барои ба ахлоқи ҳамида расидан, ҳамагонро эҳтирому эътироф намудан, бо кадом роҳ ба даст меояд? Албатта, аз роҳи дониш. Ва шоир, вобаста ба талаботи вақту замон, дин ва муҳити иҳотакардаи худ калиди донишро, пеш аз ҳама дар китоби муқаддаси дини Ислом «Қуръони маҷид» дида, пайваста «Қуръон» хондан ва дар асоси гуфтаҳои он амал намуданро барои ҳар як бандаи мӯъмину мусалмон ҳатмию воҷиб медонад ва дар як қасидаи худ баисрор таъкид менамояд, ки:

Давлат аз «Қуръон» биёбӣ, дониш аз «Қуръон» бувад,<br>
Хондани «Қуръон» дилу ҷонро мусаффо мекунад.<br>
Гар касе хонад, такаллум карданаш бошад ба Ҳақ,<br>
Ҳар ҳуруфашро савобу қадр пайдо мекунад.<br>
Бар ҳама ёбад зафар, бошад кушода рӯзият,<br>
Шамъи имонро зиёву ақл аъло мекунад.<br>
Ҷумла ашёи ҷаҳон пайдо зи оёташ бувад,<br>
Бар ҳама ранҷе давою дафъи ғамҳо мекунад.<br>
Муъмино, то он ки мебошӣ, ба «Қуръон» хӯ бигир,<br>
Хӯй бар «Қуръон» гирифтан қурби мавлоно бувад [13,78].

Мирзо Қадам дар навиштаҳояш аҳамияти бузурги илму донишро ҳамчун калиди асосии маърифати инсонӣ таъкид намуда, на фақат илму ҷаҳл (нодонӣ – Г.М.) ва олиму ҷоҳилро муқобили якдигар мегузорад, балки «илмро тоҷи сари ҷумла ҳунарҳо, қулфкушои тамоми дарҳо»,

«банизоморандаи олам ва шарафи одамӣ» медонад. Вай одамонро нowобаста ба маншаи баромадашон, мавқеашон дар ҷамъият, ҳаёти иҷтимоияшон, сиёсати замон ва ғайра ба пардохтану аз бар намудани илму дониш далолат менамояд ва олимону доноёнро пояи дунёю дини Мустафо (с) номида, мақоми аҳли илмро нисбат ба зоҳидону соликон дар ҷомеа баландтар меҳисобад:

Илм ҳосил кун, ки аз илм аст хайри бешумар,
Илм мебошад сароғи гӯр рӯзи хайру шар.
Илм фарз аст бар ҳама, аз маҳд хондан то лаҳад,
На барои он ки мулло қавми бобову падар.
Одамӣ бошад ниҳолу илм ҳамчун ҷӯйи об,
Хуш ниҳоле, ки бувад андар лаби ҷӯяш гузар.
Он ки ӯ олим бувад, ё толибе, ё зоҳиде,
Фазли ҳар якро шунав, эй толиби касбу ҳунар…
Олимонанд пояи дунйию дини Мустафо,
Соликонанд раҳнамои халқ андар баҳру бар [13,76].

Оре, дарахти қад ба боло афрохта обро талаб мекунад, то сарсабзу назаррабо ва боровар бошад. Одамон низ чун дониш гиранду олим шаванд, бар манфиати худашону дигарон аст. Донистан роҳкушоӣ ба оянда ва расидан ба манзил аст, ки ин танҳо ба соликон муяссар мешавад ва билохира расидан ба Ҳақ. Расидан ба Ҳақ бошад, худро шинохтан ва қадру манзалати худро донистан бошад.

Мирзо Қадам дар як қасидаи тавили худ, ки аз 143 байт иборат аст, мавзӯи динӣ-ахлоқиро матраҳ намуда, таъкид менамояд, ки агар онро касе хонад, хоҳад донист, ки дунё даргузар аст ва таваллудшудаю ба ин ҷаҳон омадае зиндаи ҷовид нахоҳад монд. Хоҳ- нохоҳ рӯзе ба он дунё реҳлат менамояд ва дар лаҳзаи реҳлат ҷон додан, аз азобҳои алим аст. Дар қасида баъдан чӣ тавр бо расму русуми исломӣ танро шустану покиза кардани бадан, ба кафан гузоштани майит ба гӯристон гусел кардан, баъди соате расидани пурсандаҳо, омадани Мункиру Накир ва сурати даҳшатноки онҳову саволи он ду тану ҷавобҳои майити тоза ба

қабр гузошташуда, яке паси дигар аз рӯйи талаботи дини Ислом ба тасвир кашида шудаанд, ки бо вуҷуди андешаҳои дунёбезорӣ доштан, дар ниҳоди худ ҳикмати исломиро ҷой додаанд. Ин қабил қасидаю ғазалҳои шоир агарчи аз ифодагари ҷаҳонбинии маҳдуди вай маншаъ гирифта аст, дар онҳо тарғиби ахлоқи динӣ хеле равшан ба мушоҳида мерасад ва барои чаҳорчӯбаи ахлоқи инсониро дар рӯйи замин нигоҳ дошта, тавонистани зиндаҳо беаҳамият нестанд. Дар ин саҳна, албатта, зиндагон бояд рӯзи фардо ва ҷойи худро дар роҳати Ҷаннату азоби алими Дӯзах, ки манзили аввалӣ хубу манзили дувумӣ зишт аст, дарк кардаву пешакӣ дида тавонанд. Одамон бояд бидонанд, ки некӣ ва парҳезкорӣ ба Ҷаннат мебараду бадӣ ва нопокӣ ба Дӯзах. Албатта, ба андешаи Мирзо Қадам, ҳар мӯъмину мусулмон бояд дар зиндагӣ бар он кӯшад, ки фардояш роҳ ба Ҷаннат бошад. Барои ин рӯзаю намоз, тоату ибодат, хайру саховат ва ба инҳо монанд сифатҳои нек доштани ҳар мусулмонро фарзу қарз медонад ва риояти он ҳамаро то охирин нафас дар зиндагӣ ҳатмӣ мешуморад. Барои ин қабил мусулмонон ба қавли шоир:

Хозинони боғи ҷаннат бобҳо бикшодаанд,
Аз кадомин дар, ки мехоҳӣ, дароӣ бе ҳиҷоб [13,37].

Мирзо Қадам дар фароварди ин қасида бар он аст, ки насиҳатҳои ба ҳамагон додааш беҳуда нестанд. Онҳо барои ҳар як шахс дарси ибрат ва тӯшаи роҳи зиндагонианд ва ҳар ки аз онҳо баҳрае мегирад, гӯяндаашро дуои нек мефиристад:

Чашм дорам, ҳар ки хонад, даст бардорад дуо,
Дар ҳақи гӯянда гӯяд як дуои босавоб [13,40].

Ва шоир дар байти мақтаъ аз Офаридагор таманно дорад, ки:

Заррае аз абри раҳмат рез бар хоки Қадам,
Хок аз борон шавад сарсабзу хуррам, комёб![13,40]

Шоир дар ғазалгунае, ки дар 27 байт бо мисраи «Як ғазал мегӯям аз он кардаҳои нораво…»[13,41-42] ҳусни оғоз мегирад, бо оҳанги ҳазин аз бевафоии умр дар умри кӯтоҳ, қадру қимат надоштани молу мулки

ҷаҳон, рӯзаю тоату ибодатро тӯшаи роҳи охират донистан, аз дурӯғу газоф бо ҳаммаслакон парҳез кардан, ҳаққи бечорагону дармондагон ва ятимонро нахӯрдан, савганди ноҳақ хӯрдан, дари хайру саховатро ба талбандагон набастан сухан ронда, ниҳоят таъкид менамояд, ки марг ногузир аст. Ва агар зан ё мард, новобаста ба синну сол аз олам даргузаранд, набояд доду фарёд зад, рӯканию мӯканӣ кард, ки ин ҳам ҷанг эълон намудан бо Офаридгор дониста мешавад ва аз ин рафтору кирдор бар болои сари майити тоза қаҳри Худо меояд. Беҳтар он ки бояд ҳар чи зудтар андешаи гӯру чӯби майитро кард, чунки майитро ҳар қадар баъди марг бештар нигоҳ дорем, ҳамон қадар зиён ба хонаю дар мерасад. Дигар ин ки ҷисми мурда зуд бӯй мегирад, ки сирояташ ба зиндагон нохуш бошад. Мирзо Қадам ба ин ҳама бо чашми ҳакимона ва аз рӯи ахлоқи дар ҷомеа роиҷ нигоҳ намуда, хирадмандона ба зиндагон муроҷиат карда мегӯяд:

Дар мусибат мӯ бурӣ ё рӯ канӣ ё ҷома чок,
Ё кашӣ овоз ё бар рух занӣ дасти ҷафо,
Бо сияҳ биншинӣ, ё ки рӯй бинмоӣ ба ғам,
Ё занӣ дод аз фалак, бераҳм гӯӣ маргро,
Ин ҳама бедодиҳо гӯё ба Ҳақ ҷангат бувад,
Гиряи бесавт рухсат бошад, эй соҳибҳаё [13, 42].

Марги наздикону азизон, ба хусус марги падару модарон ва гоҳе бо сабаби дасти нохуши рӯзгор – марги фарзандон инсонро орому бетараф гузошта наметавонад ва хоҳ ноxоҳ касро гиряву риққат пахш менамояд. Вале бо ин ҳама гаронӣ Мирзо Қадам омиронаю оромона таъкид менамояд, ки дар ин маврид «гиряи бесавт», яъне гиряи боовози баланду намоишкорона мумкин нест.

Ба андешаи борикбини Мирзо Қадам, ки дар умри худ аз омӯхтаю андӯхтаҳояш дарси ҳикмати зиндагӣ гирифтааст, агар зиндагии ҳар фарди ҷомеа гузарон бошад, пас, онро бояд босамар ва бар муроди дил гузаронид, бо касони донишманд, дур аз «ҷафои хор» сипарӣ намуд:

Эй дило, бо аҳли дониш ёр бош,
Ҳамчу булбул моили гулзор бош.
Гар ҳамехоҳӣ насиб аз бӯи гул,
Бо дилу ҷон дар ҷафои хор бош.
Рӯ ба ҳар муҳтоҷи беҳоҷат макун,
Толиби ҷононаи ғамхор бош.
Кулбаи худро зи май обод кун,
Хоки пои мардуми майхор бош.
Дил мадеҳ бар ин ҷаҳони бевафо,
Пайравони хонаи хаммор бош.
Ҳамраҳон рафтанд, мо ҳам меравем,
Пеш аз рафтан ба ёрон ёр бош [13,48].

Дар як силсила шеърҳои дар жанрҳои хурди лирикӣ эҷод кардаи Мирзо Қадам, ки аз ғазал, қасида, қитъа, маснавиҳои хурду рубоиҳо иборатанд, шоир вобаста ба талаботи давру замон, бесаводию камсаводии мардуми авом, ба хусус мардуми дур аз марказҳои тамаддунофарин, яъне дар кӯҳистон маскун гирифтаро маҳкум карда, кӯшиш намудааст, ки талаботи аввалияи Исломро барояшон ёдрас намояд. Ва ин талаботи аввалия, ки аз покизагии тан, шустушӯи баъди ҷимоъи марду зан, тарзи таҳорат гирифтан, аркони намозро сари вақт ба ҷой овардан, усулҳои динро донистан, бинои адлро рост нигоҳ доштан, фарзу воҷиб дар намоз, дар як шабонарӯз сию ду ракат намозро ба ҷой овардан, бар ташнагон об расонидан, ба даруни масҷид бо пои рост даромадану бо пои чап баромадан, вақту соатҳои хоб рафтану хестани аҳли муслим ва ғайра иборатанд, ба гӯшҳо чун ҳикмат садо ва моро ҳушдор медиҳанд, то аз ҳар кадоми он огоҳ бошем. Ба бофтаю сохтаҳои аҳли риё, таассубҳои ноҷо, сеҳру ҷоду, макру ҳияли муллоҳои ҷоҳу молхоҳ бовар нанамоем. Хулоса, ҳақ гӯему ҳақбин бошему ҳақ мирем, то дини мубини Исломро бо шайтонаш олудаи касифиҳои бардурӯғ нанамоем. Шоир он ҳамаро дониста дигаронро талқин менамояд. Аз ҷумла, ба ин маънӣ ӯ мегӯяд:

Усули дин бувад ҳашт, эй бародар,
Бигӯям, як ба якро гӯш овар.
Ав(в)ал тавҳид бошад, эй мусалмон,
Дувум binoи адл, аз рост магзар…
Ба севум дон, ки мебошад имомат,
Чаҳорумро нубувват дор бовар…
Ба панҷум амри маъруф аст ин ҷо,
Шашумро низ медон наҳйи мункар…
Мақоми ҳафтумин бошад табарро,
Тавалло ҳаштум омад, эй диловар! [13,60]

Ин ҳашт усули динро ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳи тӯлонӣ нест. Ба аҳли муслим ва ҳатто бештар ба аҳли таҳқиқ он возеҳу фаҳмост. Дар ин маврид, ин андешаҳо борикбинонаю таълимӣ буда, аҳамияти баланди тарбиявӣ дорад, ки дар фавқ ба ин маънӣ ишора намуда будем. Он чи дар мавзӯи эҷодиёти Мирзо Қадам дарёфтем, он аст, ки мусанниф бештар мавзӯъҳои ахлоқӣ - диниро, ки рӯҳияи ҷамъияти замонро нишон медиҳад, матраҳ намудааст. Эҷодкор беҳуда ба ин мавзӯъ даст назадааст ва диди ӯву пешниҳоди ӯ тақозои давру замонест, ки дар он зиндагӣ дорад ва бо ҷамъияти вақт ҳамқадам аст. Ҷиҳатҳои неки масъаларо ба миён гузошта, мардумро ба роҳи рост ҳидоят намудан қудрати раҳнамоӣ доштанро дорад, ки ин қудрат дар ниҳоди Мирзо Қадам будааст. Шоир дар он қисми эҷодиёташ, ки мазмуни динӣ-ахлоқӣ дорад, асосан, ба авом, онҳое, ки бесаводанду дур аз китобанд муроҷиат менамояд ва онҳоро ҳушдор медиҳад, ки:

Дар шабонрӯзӣ бипурсандат, ки чанд ракъат намоз,
Гӯ ҷавоб, ки сиву ду ракъат бувад, эй аҳли роз.
Ҳафт ракъаташ бувад фарзу дувоздаҳ суннат аст,
Се ракъат витр бошад, сӣ дигар рукӯъ боз.
Шасту чаҳор суҷуду наваду чор такбир бувад,
Саду ҳаштоду ҳашт тасбеҳ бувад, эй покбоз.
Ҳафтдаҳ аттаҳиёту бисту ду бошад салом,

Ҷониби ямину ясорат бувад бо лафзи соз.
Бо ҷамоат гар касе хонад, Қадам, панҷ вақтро,
Ҳам Худо розӣ аз ӯву ҳам Расулаш сарфароз [13,66].

Аз мавзӯъҳои дигаре, ки диққати Мирзо Қадамро дар ҷомеаи онрӯза ба худ ҷалб намудааст, ин ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ даст задании ӯст. Вай «аз тартибот ва сохти пӯсидаи ҷамъияти феодалӣ, ки қисми зиёди умри ӯ дар он гузаштааст, норозист» [13,15]. Аз ин рӯ, нисбат ба беадолатиҳои замона ба мардум нафрат дорад, ки дар қитъае бо овози баланд мегӯяд:

Дило, аз бетамизиҳои олам,
Сухан кӯтоҳ кун з-ин роҳу фарсанг.
Мазан ҳарфе зи бебокӣ дигар дам,
Ба айби худ бибин, касро мазан санг.
Қадам, з-ин гуфтугӯ хомӯш мебош,
Бикаш по аз сарои олами нанг [13, 88].

Замони тираву тор, нобаробариҳои рӯзгор, зиддиятҳои синфҳои боло ва поёнии ҷамъият, қашшоқию нодории мардуми бечораву бенаво, дар ҷомеа кам будани додрас ва ҳатто вуҷуд надоштани ин тоифа, бесарусомониҳо ва бо умеди беҳбуди оянда тарки манзилу макон ва зодгоҳи бобоӣ намуда, муҳоҷират намуданҳо пайваста зеҳни Мирзо Қадамро такон медоданд ва маҷбур менамуданд, ки хома ба даст бигираду дарди дили худ ва ҳамдиёрони бенавояшро рӯйи коғаз орад. Нисбат ба нобаробариҳои ҷамъияти онрӯза изҳори ақида намояд, дар айшу ишрат будани давлатмандон ва дар ҳолати ногувор зиндагӣ ба сар бурдани аҳли илму фарҳанги замон, зиёда аз ин табақаи болонишини даврро ба риштаи тасвир кашад.

Шоир дар шеъре, ки дар қофиябандии қасидаю ғазал гуфта шуда, аз 16 байт иборат аст, аз кулфати дар рӯзгори дун ба сараш омада, лаб ба шиква мекушояд ва бо ҳасрат мегӯяд:

Коҳиши маргу ғами фарзанду савдои нигор,
Бар сарам афтодааст бо рӯзгори бемадор…

Кулфати дунёи дун дар кӯи ғафлат мебарам,

Оқилонро кай бувад осудагӣ ҷуз хору зор?![13, 92].

Шоир мардуми замони худро ба ду табақа тақсим намуда, дар ҳамин шеър фарқи ин ду табақаи ҷамъиятро ба таври зайл сифатчинӣ менамояд:

Он яке бо тахту тоҷу давлати шоҳӣ бувад,

Он яке аз бенавоӣ дар ба дар, дар зери бор.

Он яке бо дарду ғам бо хок ҳамбистар бувад

В-он дигар бо айшу ишрат бо муроди хешу ёр.

В-он яке гумроҳу нодон, бурда аз ҳайвон сабақ

В-он дигар бо илму дониш, зоҳиду парҳезкор.

Ҳикмати дигар набошад, ганҷ дар вайронаҳо,

Лаъл андар санги хоро, дурр (р) ба коми аждаҳор.

Зоғ дар саҳни чаман сайри гулистон мекунад,

Булбули бечорае дар гӯшае нолонда зор [13,92].

Мирзо Қадам, ки кошона дар зулматистони замони феодализм дошту бехабар аз ҷаҳону ошӯбҳои халқ бар зидди золимону давлатмандон буд, ин ҳамаро қисмати азалии бою камбағалҳо, хости Худо медонист, ки гӯё барои рафъи он бандагон бечораанд:

Ин ҳама бошад муқаддар қисмати рӯзи азал,

Бандаро чора набошад бар муроди хеш кор.

Бандаро дар бандагиҳо хуш чӣ мебошад Қадам,

Розӣ бошад дар ризои ҳазрати Парвардигор [13,92].

Шоир бо чашми сар медид, ки дар баробари носозгории замон дар байни одамон низ носозгориҳое вуҷуд доранд, ки онҳо аз ғайбат, суханчинӣ ва хабаркашиҳо сар мезананду маншаъ мегиранд. Вай медонист, ки ин хислатҳои манфур метавонанд инсонҳоро ба ҳам барангезанд, душмани ҳамдигар созанд ва ҳатто ҷомеаро хароб намоянд. Мирзо Қадам ба ин пастию разолат муросо нанамуда, ин тоифаро сазовори ба Дӯзах рафтан медонад ва мегӯяд:

Кас хабарбофӣ кунад андар миёни мардумон,

Дохили ҷаннат намебошад ба қавли Мустафо [13.42].

Дар баробари ғайбату суханчинӣ, ба андешаи Мирзо Қадам ба ҳеҷ ваҷҳе ранҷонидани хотири касе дар рӯзгори гузарон раво132 дониста намешавад. Шоир дар зиндагии худ чунин ҳолатро ба назар гирифтааст, ки аксар дар байни одамон бо ҳарфи ночизе ё рафтори беҳудае ин ҳодиса сар мезанад.

Мирзо Қадам дар ин қабил ашъори иҷтимоии худ бар он андеша аст, ки ба ҳамзамонон, хоҳ шоҳ асту хоҳ раъият, роҳи дурусти зиндагиро нишон диҳад, ки он ҳама имрӯз ҳам зарурию барои ба эътидол даровардани ахлоқи ҳамидаи инсонҳо заруранд.

Тавре ишора рафт, аз Мирзо Қадам то ба имрӯз ду мухаммас боқӣ мондааст, ки ҳарду ҳам, бо вуҷуди ноқис будани мухаммаси дувум, асосан мӯҳтавои шарҳиҳолӣ доранд. Шоир дар мухаммаси аввал, ки аз 13 байт иборат аст, аз кӯдакию ҷавонии худ, ки бешубҳа симои ҷомеи бачагони даврони худи ӯ мебошад, ҳикоят намудааст. Ба андешаи дурусти адиб, оғози кӯдакияш бехабар аз худ, фориғ аз ҳарфҳои беҳуда, дар канори модари ҷонпарвар («Модари ширин ба нозам парварда дар канор»), ба сар бурдааст. Модар буда, ки ӯ масти шир, гули баҳор ва булбули ғазалхони падару модар ба камол мерасид. Парвои ҷаҳон ва бешу ками он надошт. Вале гузашти солҳою ба камол расиданҳо ҳар инсонро ба роҳи зиндагӣ, бо ҳар неку бадаш меандозаду месанҷад. Мирзо Қадам мегӯяд:

То ба се сол омада будам зи дунё бехабар,

На ғами авқот будам, на паи нафъу зарар,

Булбули хушхон будам дар назди момову падар,

Рӯзгоре шуд аён андар назар шому саҳар,

Мардумон дидам, ки саргардон ба ҳар корею бор [13,45].

Дар банди шашуми мухаммас аз ҳафтсолагӣ назди устод рафтану сабақ гирифтан, дар банди ҳафтум чаҳордаҳсолагӣ гирифтори зебосанамон шудани мусанниф тасвир ёфтааст. Дар банди ҳаштум

давраи балоғату камолот ва неку бадро дарк кардан, зиндагиро сарфаҳм рафтан ва дидан, ки зиндагӣ бениҳояти душвор аст, ин гуна рӯйи коғаз омадааст:

Дар балоғат по ниҳодам, гашт ҳоли ман дигар,
Яъне рафтам аз паи авқоту ҳар касбу ҳунар,
То ки гардад ҳолу рӯзам беҳтар аз рӯзи дигар,
Рафта-рафта рӯзи ман аз рӯзи дигар шуд батар,
З-он ки гуфто: - «Кулли явминӣ батар» садри кибор![13,46]

Банди зерин гувоҳ бар он мешавад, ки мухаммаси мазкурро Мирзо Қадам дар синни 55-солагии худ эҷод кардааст. Афкоре ки ин ҷо шоир пешорӯи хонандаи хеш гузоштааст, бисёр пухтаю санҷидашудаю донишмандонаю амиқ мебошад ва ин гуфтан чунин андешаҳо аксар дар синни камолоти умр ба адиб даст медиҳад, ки ҳовии ҳоли Мирзо Қадам аст, ки фармудааст:

Зери ин чархи муқаддар соқии паймонасанҷ,
Ҳар киро бар қадри ҳолаш мерасонад ганҷу ранҷ,
Гоҳ бахшад ҳоли некӯ, гоҳ бидҳад дарду ранҷ,
Бар ман ин авқот омад умр дар панҷоҳу панҷ,
Гарчи рӯ дар пирӣ дидам, дил ба сад ҷӯшу қарор [13, 46].

Аз се байти мухаммаси дувуми шоир низ метавон ба хулоса омад, ки он саропо мазмуни шарҳиҳолӣ доштааст. Чуноне ки мебинем, Мирзо Қадам дар мухаммасаш бо муҳаббати зиёд, вале бо дарду алам аз заҳматҳои шабонарӯзии модар баҳри ба воя расонидани фарзанди ҷигарбанд заҳмат мекашад ва ҳикояти ҷонсӯз менамояд. Аз як банде, ки аз ин мухаммас пештар иқтибос шуд, ки байти аввалаш «То ба се сол омада будам зи дунё бехабар, На ғами авқот будам, на паи нафъу зарар»…,эҳсоси болоӣ хеле равшан ба мушоҳида мерасад.

Мирзо Қадам марде деҳқонзода буд ва қути лоямути худро бо заҳмати бозуи худ дармеёфт, дар тамоми эҷодиёташ пайваста ба ин мавзӯъ рӯй овардааст. Ба қавли И. Икромов, вай «саногӯи марди деҳқон

аст» ва «мисли Носири Хусрав дар васфи деҳқонон ва меҳнати кишоварзон беҳтарин ва гуворотарин шеър иншо кардааст» [13, 30]. Шоир, пеш аз ҳама дар як шеъри 11-байтияш, ки ғазалгуна буда, ташбиби қасидаро ба хотир меорад, саногӯи деҳқон аст ва муҳаббати худро ба ин «санноъи олам» ин тавр иброз менамояд:

Ба номи Холиқи бечун, бародар, ҳар кӣ деҳқон аст,
Дилаш пок аз кудуратҳо, ба рӯяш нури имон аст.
Камоли баҳри тавфиқаш бад-ин олам намеғунҷад,
Зи дасти меҳнатии ӯ ҳазорон хайру эҳсон аст [12,вар.55].

Дар ин шеър, ба андешаи шоир марди деҳқони ҳимматбаланд («Ба давлатгоҳи он бигзар, чу тоби ҳимматаш бингар – Ки ин дунёву мофиҳо ба пешаш зарраи дон аст»), дар хайру сахо ҳотамсифат («Чунон Ҳотамсифат хайраш шабонарӯзӣ мебошад…»), барои рӯзӣ шоҳу гадо, олиму ом дуогӯяш («Ҳама шоҳу гадоёнро бидидам бар дари бомаш, - Ҳама шайхону олимҳо дуогӯяндаи он аст»), ризқрасонандаи мӯру мӯрча ва паррандагон ва имрӯзу охираташ обод тасвир ёфтааст. Вале деҳқонӣ на ҳама вақт бобарор буд. Ҳосили бо арақи ҷабин рӯёндаи вай дар мавридаш ҷамъоварӣ намешуд. «Дар бисёр мавридҳо он ҳосил дар зери барфу борон мемонд, ки ин кори ӯро боз ҳам дучандон вазнину душвор мекард» [65,15]. Вай ҳамин ҳолати ҳамкасбонаш ва худро дар шеъри «Хирманкӯбӣ» хеле ҷолиб, вале ҳузнангез ва риққатовар тасвир кардааст. Дар ин шеър манзараи воқеӣ, ки қаҳрамононаш дар паҳлӯи шоиранду Амрулло, Абдулҳафиз ва Ҳақназар ном доранд, зинда ва дар ҳаракат ба назар мерасанд. Матни пурраи шеър дар бахши «Зиндагиномаи Мирзо Қадам» иқтибос гардидааст.

Яке аз мавзӯъҳое, ки дили Мирзо Қадамро фишор медоду ӯро ҳеҷ вақт ором намегузошт, ин муҳоҷират ва якумрӣ ҷудо шудан аз зодгоҳе мебошад, ки хуни нофаш дар он ҷо рехтааст, яъне Роғи Бадахшони Афғонистон. Ин мавзӯъ дар шеърҳои шоир «Ғазал аз барои рафтани Деҳбош» [13,88-89], «Ғазал аз барои Деҳбош» [13,91-92], «Боб дар баёни дарвешӣ» [13,125] ва ғайра хеле равшан баён ёфтааст.

Дар ашъори лирикии Мирзо Қадам мавзӯъҳои дӯстӣ («Дар ёди ман ин панд зи ман они ту бошад, - Ҷӯёни касе бош, ки ҷӯёни ту бошад»), тангдастию бенавоӣ («Як пораи коғазе надорам, - То ман бикунам тумор коғаз»), ахлоқӣ -динӣ («Усули дин бувад ҳашт, эй бародар, - Бигӯям як ба якро, гӯш овар»), намозу тоату ибодат («Зарур аст бар ҳама донистани ин, - Надонад кас, бувад гумроҳ дар дин»), баъзан дунёбезорӣ, ки бешубҳа таъсири замони бесарусомон аст («Дар азми сафар бош, ки ёрон ҳама рафтанд, - Чун навбати мову ту бувад рӯзи равонӣ»), дил набастан бо молу мулки ин ҷаҳони гузарон («Молу мулки ин ҷаҳон чун бод бошад даргузар, - Касбу кори бесамар, он кас, ки мекард рибо»), тасвири зебоиҳои нотакрори диёр («Дар баҳорон ҳар гиёҳе чун бирӯяд аз замин, - Бо гулу баргу самар хандону хуррам, нозанин»), закоти молу амволи зиёдатиро, яъне андозро додан, ки дар ҳамаи давру замон роиҷ будаасту ҳаст («Покии молу зарат аз додани ушру закот»), сабру аз ранҷу бало растан («Эй, ки бо ранҷу балоӣ мубтало, - Сабр кун, аз сабр то ёбӣ раҳо») ва мавзӯъҳои дигари ба зиндагии одамӣ алоқаманд латифу гӯшнавоз ба риштаи назм кашида шудаанд.

Мавзӯи ишқ аз мавзӯъҳои калидию меҳварии на танҳо адабиёти ғановатманди форсу тоҷик, инчунин адабиёти халқҳои ҷаҳон ҳам ҳаст. Ба гумонам адиберо наметавон дарёфт, ки ба ин мавзӯи ҷовидонии ҳамқадами инсонҳо таваҷҷӯҳ нанамуда бошад. Мирзо Қадам низ, бо вуҷуди он қадардар зиндагӣ хорию зиллат кашидан ва нодорию тангдастиҳо, ҳамеша шамъи дилаш бо ишқ равшан будааст ва ҳаёти худро бе ёри нозпарвару ғамгусор ва ба таъбири устод Мирзо Турсунзода, ки маншаъ аз суханварони мозӣ доранд, «ҷони ширин» тасаввурнопазир медонист. Барои шоир чашмони ёр ҷоду, зулфонаш сиёҳу анбарин, рухсораҳояш гулгун, ҳастияш марҳами дилҳо, хандааш ояти ҳусни гулзорҳо, партави рӯяш офтоби оламро, дар зебоию латофат аз ҳама некӯвон некӯ, умуман дилрабоию ҷаҳоннамо ва дар ҳусну ҷамол беҳамто аст. Вай ёри худро ба моҳ ташбеҳ намедиҳад ва ҳатто офтобро назди ёр, ки зиндагисоз аст, ҳеҷ медонад:

Моҳи оламгирро бо ту куҷо бошад тараф?

Партави рӯи ту аз сад офтоб аст беҳтарин![13,93]

Ва бе нозанин молу амволе, ки қаҳрамони лирикии шоир дорад, хори марғелон аст, ки мегӯяд:

Молу маъвое, ки дорам, бе ҷамоли рӯи ту,

Хори марғелон намояд дар назар, эй нозанин![13,93]

Вале барои фарди ҷомеа ишқу ҷамолу зебоӣ ҳам гузарон аст, аз ҳама хушиҳои ишқ ва зебоиҳои ҷавонӣ бо гузашти вақт танҳо ёд мемонаду бас ва шоир ба ёри худ ишора намуда, бо ҳасрат мегӯяд:

Эй маҳи дилрабои ман, вақти хуши баҳор ку?

Ҷоми ҷаҳоннамои ман, давраи комгор ку?

Қадди ниҳол доштӣ, хуш хату хол доштӣ,

Ҳусну ҷамол доштӣ, ин ҳама дар низор ку?[13,94]

Мирзо Қадам, ки таронасарои ишқ ҳам ҳаст, дар офаридани симои ошиқу маъшуқ дар баробари навгӯию навҷӯиҳо пайрави суханварони пешин низ будааст, ки инро мо аз мӯҳтаво, зарби сухан истифода кардани вазну қофия ва радифи ғазалсароёни гузашта, ба хусус Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ба мушоҳида гирифтем. Мирзо Қадам дар тазмини ғазали маъруфи Хоҷа Ҳофиз “Гул бе рухи ёр хуш набошад” [5,159], ғазали зебои дилошӯбе эҷод карда, то андозае тавониста, ки сабку баёни олоидараҷаи он шоири Лисонулғайбро нигоҳ дорад. Як вижагии ҷолибе ки Мирзо Қадам дар партави ғазали тазминшуда ба миён гузоштааст, баробари ишқ ошиқӣ ва хуш гузаронидани умр, ба насиҳат пардохтани вай ва тараннум кардани “ахлоқи муҳсинӣ”-ст:

Онро, ки нигор хуш набошад,

Олам ҳама ёр хуш набошад.

Гар даст диҳад ҳазор давлат,

Бе суҳбати ёр хуш набошад.

Маҷнун ба ҳазор боғу бустон,

Бе Лайлӣ гузор хуш набошад…[13,56].

Дар мақтаи ғазал шоир ба сароҳат таъкид намуда, ки “ҳар байти каломаш насиҳат аст” ва биноан, нафаре ки гӯши насиҳатшунав надорад, таҳаммул ва бардошу мутолиоти он “хуш” нест:

Ҳар байти Қадам бувад насиҳат,
Гар гӯш надорӣ, хуш набошад [13,56].

Бо вуҷуди ин ҳама дар ғазали мазкур оҳанги ишқ қавист.

Ба андешаи Мирзо Қадам, ҳақиқати мутлақ ишқ аст ва ошиқу маъшуқ аз ишқ аст, ки инро дар маснавии «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми шоир равшантар метавон дарёфт. Ва ошиқу маъшуқ ба якдигар мӯҳтоҷанд.

Мирзо Қадам дар гуфтани ашъори ҳаҷвӣ ва ҳазлу мутоиба низ маҳорати хуб доштааст. Шеърҳои ӯ «Ҳаҷви гов», «Ҳаҷвия аз забони мулло Мурод» ва «Дар таърифи Муҳаммадятимбойи мумсик» ва ғайра силсилаи ҳаҷвияҳои шоирро ташкил медиҳанд. Ҳазлҳои наврӯзие, ки шоир бо шогирдаш Мирзо Раҳимҷон намудаасту дар фасли «Зиндагиномаи Мирзо Қадам» иқтибос шудаанд, низ ба ашъори ҳаҷвии Мирзо Қадам дохил мешаванд ва ин ҷо ҳоҷати дубора такрор намудан нест.

Мирзо Қадам дар шоирӣ ба ҳокимеву дарборе хидмат накардааст ва шоири дарборӣ набуд. Вай дар зодгоҳаш Зордеҳи Бадахшону ҷои баъдинаи истиқомати доимиаш деҳаи Аҳмади Поёни ноҳияи Шӯрообод умр ба сар бурда, мисли дигар адибони доираи адабии Роғи тоҷик ва ҳамқисматони худ паҳлӯҳои зиёди ҳаёти иҷтимоию сиёсии замон ва рӯзгори мардумро дар осораш бе дурӯғу газоф ва дурӯягӣ ба риштаи назм кашидааст. Масалан, дар «Ғазали соли ҳасрат» шоир қаҳтию гуруснагӣ ва бенавоии солҳои 1924-1925-и дар Хатлонзамин рӯйдодаро, ки бар асари он аҳволи мардум ниҳоят бад шуда буд, ба тасвир кашидааст. Ин ғазали тавил аз 33 байт иборат аст, он соли қаҳтиро бо тамоми ноомаду касофатиҳояш, ки ҳатто аз Бухоро то Кобулро ба коми худ кашида буд, бо забони сода ва баёни ширин ифода карда

тавонистааст. Ин соли қаҳтӣ ба ҳамагон, ҳам шоҳу ҳам гадо, таъсири бад расонидааст. Мардум ба ҷое расиданд, ки барои шиками худро сер намудан, худро ба дашту саҳро бизананд, бо гиёҳҳои худодод рӯз гузаронанд («Рӯ карда ҳама халқ ба саҳрои ҷунун. – Бар хӯрданиҳои нафси ҳайвон омад»), ба ҷои оши палов кунҷораю ғомук ва арзанию мошова омад ва ҳамин арзанию мошова ҳам насиби на ҳар кас буд, танҳо хосон онро дармеёфтанд:

Арзанию мошова ба ҳар кас нарасид,
Дар хони амал зи баҳри хосон омад [13,86].

Ҳатто:

Дарҳои маишат ҳама барбаста шуданд,
Мебурд паноҳ касе, ки меҳмон омад [13,97].

Баъдтар шоир таъкид мекунад, ки:

Соҳибҳунарон ба навъе кардан гузарон,
Бо беҳунарон ҳалокати ҷон омад [13,97].

Қаҳтӣ ончунон ба мардум асар кард, ки саховатмандон бо дасте нотавон монданд, ҳар ки ёди нон мекарду дар хоб нон хоб медид, ишкамҳо ба дард омада, овози дафу дунбураву мутриб гум шуда буд, ҳатто сагон аз гуруснагӣ овоз намебароварданд, гадоён дар кӯчаҳо гуруснаю бесарпаноҳ ва гирёну нолон ва қаҳтӣ ҳатто деву парию ҷинро нороҳат намуда буд. Лекин шоир ба ин ҳама навмед нагардида, умед ба фаровонӣ ва серӣ мебандад («Умед бувад, ки боз ояд серӣ…»).

Ҳамин тавр, аз ашъори дар жанрҳои хурди лирикӣ эҷод намудаи Мирзо Қадам бармеояд, ки шоир ҳатталимкон ба тамоми мавзӯъҳои замона, ба ҳама бурду бохтҳояш даст зада, назару дарёфтҳояшро дар шакли ҷомеаи бадеӣ ба қалам додааст ва бештари онҳо имрӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ доштаанду аз рӯзгори гузаштаи кишвар ба мо ҳикоят менамоянд.

## 2.2 Андешаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ дар ашъори ғаноии Мирзо Қадам

Аз масоили муҳимме, ки дар адабиёти кӯҳанбунёди форсу тоҷик ба он ҳаматарафа диққати махсус равона карда шудааст, ин масъалаи ахлоқи ҳамидаву паҳлӯҳои он ва тарғиби ҳамешагӣ дар байни ҷомеа мебошад.

Бояд қайд кард, ки ақидаҳои ахлоқӣ ва тарбиявии Мирзо Қадам ҳанӯз дар овони ҷавонияш, дар оғози ба шеъргӯӣ шурӯъ намудан пайдо гардида буд. Худи ҳамон аз ҷаври замон бо волидайн ва ҳамдиёрон аз як соҳили дарёи Панҷ ба соҳили дигари он муҳоҷир гардидан, нохушиҳои ба сараш омада дар рӯзгор, расоию норасоиҳои зиндагӣ суханварро маҷбур сохтааст, ки ба ҳамаи дидаву шунидаҳояш бетаваҷҷӯҳ набошад. Ба замми ин, ҳукмронии ҷамъияти феодалӣ ва чаҳордевори танги кӯҳистони аз марказҳои маданию фарҳангӣ дур, ки Мирзо Қадам зиндагӣ ва эҷод намудааст, ахлоқ дар заминаи китоби азимушшаъни «Қуръон» ба роҳ монда мешуд ва ба қавли шоир «Давлат аз «Қуръон» биёбӣ, дониш аз «Қуръон» бувад, Хондани «Қуръон» дилу ҷонро мусаффо мекунад» гуфтани шоир далели ин муддаост. Аз ҳамин рӯ, шоир дар эҷодиёташ дар сояи дини мубини Ислом амал кардааст ва мо инро дар саросари «Девон»-и шоир бармало мушоҳида менамоем.

Дар байте ки дар боло гуфта омад, шоир ба тамоми эҷодиёти худ баҳо дода, онро як навъ насиҳатнома ба ҳамзамонону ояндагон дониста таъкид карда буд:

Ҳар байти Қадам бувад насиҳат,<br>
Гар гӯш надорӣ, ҳуш набошад [13,56].

Шоир дар андешаҳои ахлоқӣ, ки мехост бад-ин роҳ ба мардум панду андарзи зиндагӣ диҳад, дар навбат барои ба ахлоқи ҳамида расидан, омӯхтани илму дониш ва дар ҳар кору бори зиндагӣ аз илму дониш кор гирифтанро пеш мегузорад. Ба ақидаи ӯ, илму дониш доштан як тарафи масъала дар зиндагӣ аст, агарчи худ аз илму дониши замон ба

таври кофӣ бахраёб нагардида буд. Тарафи дигар он аст, ки инсон илму дониши омӯхтаву андӯхтаашро бояд барои манфиате сарф намояд вагарна аз илме, ки аз он кор намегиранд, чӣ суде ҳаст?! Ҳамин аст, ки «…дар афкори тарбиявӣ-ахлоқии Мирзо Қадам тарғиби илму дониш мавқеи асосӣ дорад» [24]. Ӯ аҳли донишро сутуда, гуфтаҳои намакини эшонро шаҳду шакар медонад ва мегӯяд:

Ҳар каломеро Қадам дорад зи устодон сабақ,
К-аҳли донишро бувад ҳар гуфтае шаҳду шакар [13,76].

Мирзо Қадам чун пешиниёни суханвар, ки маншаъ аз «Қуръони Маҷид» гирифтаанд, дар омӯхтану андӯхтани илму дониш ҳадду ҳудуд намегузорад. Ба андешаи борикбини вай, илм барои ҳама, чи хурд ва чи бузург, фарз аст ва хондану омӯхтани он аз таваллуд то охири умр аз эҳтиёҷоти дараҷаи аввали инсонҳо дониста шудааст. Ба ин маънӣ, шоир мегӯяд:

Илм фарз аст бар ҳама, аз маҳд хондан то лаҳад,
На бар он ки ӯ бувад муллои қавмаш аз падар [12,84].

Ҳамин олимону донишмандонанд, ки пояи дунёю дини Мустафоро поянд ва халқро раҳнамои роҳи ростанд:

Олимонанд пояи дунёву дини Мустафо,
Соликонанд роҳнамои халқ андар баҳру бар [12,76].

Ба андешаи кӯчакам ҷой нагардида, ки шоире шеър гуфтаву ба масъалаи ахлоқ рӯ наоварда бошад. Ба ин маънӣ, аллома Муҳаммад Иқбол (1878-1938) гуфта буд:

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам ворисӣ пайғамбарист [9,389].

Аз ин рӯ, агар мақсуди шеър одамгарӣ ва шоир вориси пайғамбарон бошад, одамӣ бе ахлоқ одамӣ нест. Адибон тарбиятгарони ҳамагонанд ва бо силоҳи тавонои хеш сухани маънидорро ба андешаи хонанда ворид мегардонанд ва дар таҳрики тахайюлоти онҳо ангезае ба вуҷуд меоваранд. Шоирон тарғибгари ахлоқи неку ҳамидаи инсонҳоянд ва ин рисолат ҳамеша бо онҳо будааст. Онҳо бо нигоҳи нозукбини худ

чизҳоеро мебинанду тараннум менамоянд, ки дигаронтанҳо баъди шоир, аз гуфтаи шоир истифода намуда, лаззат мебардоранд, барои худ маънӣ мегиранд.

Мирзо Қадам низ ба сифати шоир дар ҷомеа зиндагӣ намуда, вобаста аз тарзи рафтору кирдори одамон рамуз гирифта, ба масъалаҳои панду ахлоқ дар ҷомеа диққати вижа равона менамуд ва дар ин ҷода то андозае муваффақ ҳам гардидааст.

Бояд таъкид кард, ки муҳити зиндагонии шоир муҳити носолим буд. Нобаробарӣ дар ҷомеа хоҳу нохоҳ шоирро барои ёдрас намудани рисолати инсони воқеӣ раҳнамун месохт. «Девон»-и мавсуф, ки аз ғазалу қасида, шеърҳои алоҳида, қитъаю рубоӣ ва мухаммасу маснавиҳои хурд иборат аст, саршори андешаҳои тарбиявӣ-ахлоқист. Ба назари нозукбини эҷодкор инсон бояд, пеш аз ҳама ҳалолу ҳаромро дар ҷабҳаи пурталотуми зиндагӣ фарқ карда тавонад. Ин масъала, масъалаи сирф ахлоқӣ буда, тамоми ашъори шоир, ба хусус шеърҳои ба мавзӯи дин бахшидааш, ки замона онро тақозо менамуду ба он эҳтиёҷ дошт, фаро гирифтааст. Ҳалолу ҳаромро Мирзо Қадам дар додану надодани закот, сайди бо тир афтонидашуда, ҳайвони бо «бисмиллоҳ» ва ё бе «бисмиллоҳ» кушташуда, дар хайру шар, ҳамсоядорӣ, кам хӯрдану кам хобидан («Кам хӯрдану камхобият куштан сари хар мебувад, - Ин феълҳо бо худ гузин, то з-ин ҳама ёбӣ зафар»), нигоҳ доштани аркони дин, намозу бенамозӣ («Бе намозу бе закоту ҳам зино ояд вабо»), ба моли ятимон даст дароз накардану дар зарурат дастгириашон шудан ва оби чашми ятими бенаворо пок кардан, аз тасодуф ранҷонидану узрхоҳӣ кардан, барои обод нигоҳ доштани он дунё аз панҷ вақт намоз, агар бо ҷамоат бошад беҳтар, дер намондан, ҳашт усули динро риоя карда тавонистан, дар шабонарӯз ботаҳорат будану сию ду ракъат намоз хонданро тарк нанамудан, дар суҳбати олимон нишастану аз суҳбати фосиқон дурӣ ҷустан ва ғайра мебинанд. Ҳатто шоир дар ҳалолу ҳаром будани ин ё он ҷинси парандагону даррандагон ва дигар ҳайвонот баҳс намуда, онҳоро дар як қасидааш [13,106-107] як-як номбар намудааст:

Туюри соҳибчанг ҳам ҷуз ғулба мебошад ҳаром,
Зоғе, ки сурх аст пою нӯл ҳалол бо зоғи чақар…
Моҳию малаханд ҳалол, бе заҳр агар кушта шаванд,
Оне, ки ӯро хун нест, андар таъом набвад зарар…
Санбақаву сангпушту муш чу мор бошанд ҳаром,
Килрасу хорпушту каждум, бо ғукони баҳру бар [13,106].

Мирзо Қадам ҳамчун як марди тақводор, ҳалолкору покизазамир ва парҳезкор таъкид менамояд, ки чун амал солеҳ бувад, азоби он дунё ба бандагон камтар мегардаду эшон фардо дар Биҳишти Барин ҷой мегиранд, дар акси ҳол, азоби он дунё балояшон ва Дӯзахи сӯзон ҷояшон мегардад. Яъне, агар дар умри худ донаи некӣ мекорӣ, некӣ подош мегирӣ ва агар кору рафтори баду зиште ва ё гуфтори дағалу номуносибе аз ту бармеояд, оқибат ҳамон подошро хоҳӣ гирифт. Шоир мегӯяд:

Он чи хости Ҳақ бувад, бинӣ макони хешро,
Дӯзахӣ бо ҳавли дӯзах, ҷаннатӣ бо айши хоб [13,34].

Ва ё:

Гар бадӣ ояд гарон, бадро ҷазояш дӯзах аст,
В-арна некият гарон, бо ҷаннати ҷон комёб [13,96].

Суханвари роғӣ муътакид бар он аст, ки инсони ороста бо хулқу ҳусни ҳасана, ҳамеша паи ахлоқи ҳамидаи хеш мекӯшад ва ҷониби некӯкорию хайрхоҳӣ меравад, то подоши он дар ду олам некӣ ёбад. Дар ин муқобил онҳое, ки бо хулқи бад ва бо рафтори ноҷоиз умр ба сар мебаранд, дар ду олам насибаашон подоши бад аст. Ба ин маънӣ, аз пешиниёни суханвари Мирзо Қадам Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ неку бадро дар рубоие ин тавр маънӣ медиҳад:

Бад мекунию нек тамаъ медорӣ,
Ҳам бад бошад сазои бадкирдорӣ.
Бо он ки Худованд карим асту раҳим,
Гандум надиҳад, чун ту ҷав мекорӣ [17,456].

Мирзо Қадам ҳамчун шахси диндор мавзӯъҳои пандуахлоқии хешро дар доираи шариати Ислом-китоби Худованд-«Қуръон» ва

ҳаводиси пайғамбари Ислом ва дигар гуфтаҳо ва навиштаҳое, ки ба он асос ёфтаанд, иброз дошта, раво ва норавоҳоро тибқи онҳо дастур додааст. Масалан, рибо дар Ислом ҳукми ҳаромро дорад ва он нораво аст. Далели норавоии рибо беҳаракатӣ аст. Яъне, бе заҳмате ба даст овардани даромади ройгон мебошад. Ин амали ноҷоизро Мирзо Қадам накӯҳишу маломат сохта, онро ба таври зайл маҳкум мекунад:

Молу мулки ин ҷаҳон чун бод бошад даргузар,
Касби кори бесамар он кас, ки месозад рибо.
Аз рибохонон, шунидам ман зи устодони хеш
Бебарокоти ба ҷонаш мезанад бо молу ҷо [13,41].

Аз масъалаҳои дигаре, ки ба тарбияи инсонҳо ва ахлоқи ҳамидаи онҳо алоқаманд асту он дар баробари дар осори беҳтарин адибони форситабор ҷой доштан, дар ашъори лирикии Мирзо Қадам низ дучор меояд, ин ҳаққи мардумхӯрию дар оқибат зиёну зарар диданҳо мебошад. Моли мардумхӯр оқибат худ зиёни захим мебинад. Ва шоир барҳақ мегӯяд:

Он ки як дирҳам ҳаром аз моли мардум мехурад,
Меравад барбод аз ӯ ҳафтод дирҳам бебаҳо [13,41].

Шоири пастию баландии зиндагиро дидаву ширинию талхии онро чашида мардумонро ба ҳалолкорию ҳалолхӯрӣ даъват намуда, дар хӯрдани моли ҳаром, ба хусус моли ятимону бечорагон сахт мазаммат намуда, содиркунандагони ин амалро ҳатто ба сӯхтан маҳкум менамояд:

Хӯрдани моли ятим дар батни кас оташ бувад,
Оташе бошад, ки сӯзи инчунинҳоро, Худо![13,41]

Ба андешаи шоир, бо ақли солим дурӯғ ва дурӯғгӯӣ бадтарин иллате аст, ки инсонро беобрӯ намуда, ба сӯйи пастӣ мекашад. Ба залолату маломаташ гирифтор мекунад. Дурӯғгӯён дар каломи Худо ва дар аҳодиси Расули акрам (с) манфуртарин афрод ҳастанд. Ва бо муқобили дурӯғ ростиро муттако офаридаанд.Масалан:

Дар ҳаром хӯрдан чунин бошад ҷазову хосият,
Козибонро ҷумла мегӯянд душман бар Худо.

Аз дурӯғ гуфтан набошад ҳеҷ шахсеро наҷот,

«Ал-каз(з)об ло уммати», - гуфт он Расули муҷтаво![13,41]

Аз масъалаҳои ахлоқии дигаре, ки барои инсонҳо дар ҳама давру замон муҳимму арзишманд аст, ин инсондӯстӣ мебошад ва меъёри баҳогузорӣ ба мақоми инсон аст.

Сари ин масъала тамоми ақидаҳои бузургон ба самти ҳамдигарфаҳмӣ кардани одамон дар ҷомеаю дили ҳамдигарро ёфта осуда зиндагӣ кардан аст. Аз мардумозор ҳатто Худои мутаъол ҳам безор бошад, ки шоир ба ин маънӣ фармудааст:

Дил ба даст овар, ки бар доири ҳаҷҷи Акбар аст,

Мӯъминозорӣ бувад шум аз ҳама феъли табо [13,43].

Бемаврид ранҷонидани хотири касе дар ҷаҳони инсонӣ раво нест. Мирзо Қадам чунин ҳолатро ба мушоҳида гирифта, одамонро ба он даъват месозад, ки аз ин роҳи носавоб баргашта, роҳи дурустро интихоб намоянд. Агар ранҷонидани шахсе тасодуфӣ ё амдан бошад, узрхоҳӣ намуданро шеваи мардӣ дониста мегӯяд:

Ҳар киро ранҷондӣ, рав узрхоҳӣ кун ба ӯ,

То набошад мар туро рӯзи ҷазо хасми раҳе [13,43].

Мирзо Қадам зулму золимиро маҳкум мекунад, дар сари майит рӯзи мотам рӯйканӣ ва мӯйканию бо овози баланд гиря карданро тибқи фармудаи дини Ислом раво намедонад, хабаркашҳои ҷангандозро харобкунандагони ҷамоати муттаҳид мешуморад, ба ғайбат нафрат дорад ва онро бадтар аз зино медонаду мегӯяд:

Он ки ғайбат мекунад, гӯшти тани ғоиб хӯрад,

Дар ҳадис омад, ки ғайбат сахт бошад аз зино [13,42].

Ба андешаи шоир, дар пеши ҳамнавъон худро кам дида тавонистан аз марғубтарин ва наҷибтарин сифати неки инсонист. Вай вобаста ба ин мавзӯъ, фаротар рафта дар баробари ҳар кас дидани Хӯҷаи Хизрро, ки инсон дар талаби диданаш аст, бозгӯй менамояд. Ин гуна муносибат далели эҳтироми инсон аст, зеро ҳар нафареро, ки Худованд халқ кардааст, ба ӯ назари хос дорад. Ва шояд ҳар чиро ки дар талаби он

баҳри некӯаҳволӣ дорем, дар хилқати ҳар як фарди ҷомеа пайдо карда тавонем. Аз дигар ҷониб, ба дигарон нек нигоҳ кардан мӯҷиби нек нигоҳ кардани дигарон ба ту хоҳад шуд. Бешубҳа, ин табодули некбинона боз некиро ба бор меорад, зеро самараи некӣ некист:

Ҳар киро дидӣ, ба чашми нек бояд диданат,
Балки ӯро Хизр хонӣ, Хизр агар ҷӯяндааст [13,43].

Айбро пӯшида тавонистан, камоли ҷавонмардӣ донистa шудааст, инро чун ҳакимону хирадмандони гузаштаи адабиётамон Мирзо Қадам низ ба ҳар фарди ҷомеа гӯшзад менамояд ва ба ин маънӣ мегӯяд:

Ҳар айб дидӣ дар ҷаҳон, аз хеш ё бегонагон,
Онро агар созӣ аён, кардан гунаҳ бошад дигар [13,126].

Мирзо Қадам тани сиҳат, хӯйи нек ва баракати зиндагиро аз камхобӣ донистa, ҳамеша талқин менамояд, ки мардумон саҳархезу камхоб бошанд:

Хӯйи неку тандурустию баракат рӯзро,
Бошӣ дар хоби гарон, маҳрум аз инҳо мондаӣ [13,44].

Такрор ҳам шавад, ҷоиз ба таъкид аст, ки дар «Девон»-и Мирзо Қадам вобаста ба талаботи вақту замон ва рӯҳияи онвақтаи одамон таваҷҷӯҳ ба дини Ислом ва талаботи ба назди бандаҳояш гузоштаи Офаридгор хеле ҷиддӣ матраҳ гардидааст. Дар замоне ки қариб ҳамаи мардум бесавод буданду бо вуҷуди худро мусулмон тарошидан, талаботи одитарини онро, аз надонистан, иҷро намекарданд, зарурати ахлоқи исломӣ во медошт, то шоир ҳақиқатро ба мардум фаҳмонад, онҳоро дар ҷодаи дини Исломи ҳақиқӣ, на риёӣ, раҳнамо бошад, дар ин рӯсто неку бадро бароящон бо забони назми сода бозгӯӣ намояд ва ғайра. Синаи худро, сирати худро бо гуфтаи Худову пайғамбари солеҳи он Муҳаммад (а) оростан, тану ҷонро ҳамеша покиза нигоҳ доштан, аз маҷлису суҳбати доноён истифода кардан, дар хомӯшӣ аз балоҳо растан, бо саҳархезӣ ба хонаи худ баракат овардан, панҷ вақт намозро бо таҳорати покиза хондан, ҷойҳои лозимаи баданро дар таҳорат шустан ва дар баробари он хонаю палоси хонаи худро тоза нигоҳ доштан, зарфҳои хӯрокхӯриро

сари вақт, ба рӯзи дигар намонда шустан, даҳони зарфе, дар зиндагӣ ба кор меояд, пӯшида нигоҳ доштан, хонаро дар шаб ҷорӯб назадан, хокистарро дар дами дар нигоҳ надоштан ва амсоли инҳо аз андешаҳои ахлоқии Мирзо Қадам мебошанд, ки аз ҳақиқати зиндагии гузарон маншаъ гирифтаанд.

Дар осори лирикии шоир дар накӯҳиши ҷаҳон, мазаммату маломат ва бевафоии даҳр низ суханҳои зиёде гуфта шудаанд. Ва бояд гуфт, ки онҳо имрӯз ҳам ибрату панд ва ҳикмати зиндагист:

Дунёра чӣ ҷои бевафо мебинам,
Худро зи ғарибони Худо мебинам.
Шахсе дидам, ки моли Қорун дорад,
Дар хонаи охират гадо мебинам [12,54].

Ба ақидаи Мирзо Қадам, зиндагонии як хонадон ба будани зану мард обод аст. Ба таъбири халқ, хонаро мард аз берун ва зан дар дарун обод мекунанд. Яъне, мувофиқати марду зан сабаби осудагию оромии зиндагиашон мебошад. Вой бар ҳоли марде, ки дар хона зан, ҳамсар надорад:

Зан чун либоси мард агар, мард ин либоси зан бувад,
Марде, ки ӯ бе зан бувад, бошад гадои дарбадар [13,123].

Бояд гуфт, ки тамоми андешаҳои тарбиявӣ – ахлоқии Мирзо Қадам сирати зиндагисоз ва инсондӯстӣ дошта, бештари онҳо ҳанӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ дошта меоянд. Насиҳат, ҳамон қадре ки шоир қоил аст, асосан мушкилкушо нест, вале таъсири муайяни онро дар пешравии ҷамъият ва парвардани ахлоқи пок ба аъзоёни он ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон инкор кард. Насиҳатгарӣ ба ҳамнавъон чун дами босафои субҳ аст, ки димоғашонро муаттар месозад. Бо он ки дар «Девон»-и Мирзо Қадам маҳдудиятҳои таърихӣ ва ғоявӣ, ихтилофҳои фикр, таъсири замон, бештар ташвиқ намудани афкори динӣ-мистикӣ ва ғайра дида мешавад, таълимоти ахлоқии ӯ дар осораш мақоми хос дошта, он ба инкишофи минбаъдаи таълимоти пешқадами ахлоқии халқамон, дар рӯзгори ҳозира низ, мусбат арзёбӣ мегардаду судманд аст.

## 2.3. «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам

### 2.3.1. Сохту мӯҳтавои «Қасас-ул-анбиё»-и манзум

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ асарҳои зиёди манзуму мансуре арзи ҳастӣ доранд, ки дар онҳо паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ таҷассум ёфтааст. Алалхусус, асарҳои таърихӣ, асотирӣ, динӣ ва фалсафӣ, ки дар тӯли таърих иншо шудаанд, ба тамаддун ва адабиёти башарӣ дурдонаҳои беназиреро эҳдо намудаанд.

Дар миёни ҳазорон китобҳои аз ниёгонамон ба меросмонда шоҳасарҳое мавҷуданд, ки онҳо қимати баланди таърихӣ, фалсафӣ, тарбиявию маънавӣ доранд. Аз зумраи ин гуна шоҳасарҳои пурарзиш «Таърихи Табарӣ» (агарчанде ки матни асар аслан арабӣ аст, вале дар таҳия, мураттаб ва иловасозии қисмҳои ба мулукони Аҷам вобаста Абулфазли Балъамӣ хизматҳои зиёде дорад, аксаран мардуми форсизабон онро моли ӯ медонанд), «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор, «Кимиёи саодат»-и Ғаззолӣ, «Футуватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»- Шайх Саъдӣ, «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ ва даҳҳои дигар вориданд, ки авроқи таърих ва адабиёту фарҳанги башарро нуру зиё бахшида меоянд.

Асарҳои ба ҳаёти анбиё бахшида шуда низ дар таърих хеле зиёд ба назар мерасанд. Дар миёни он ҳама таълифоти пурарзиш «Қасас-ул-анбиё» хонотарин ва ҷолибтарин китобест, ки аз рӯзгори пайғамбарон ҳикоят мекунад. Дар он ҳама пайғамбарон ваҳйи Худованд бар ростию дурустӣ ва некиву покиро гирифта, бар умматони худ талқин кардаанд, ки онро қиссанигорон ба ҳам оварда, ба сифати асари таълимӣ- тарбиявӣ бар навъи башар пешниҳод намудаанд. Ва дуруст ҳам ҳаст, ки ин асар, ба таъбири дигар, таърихи инсониятро то рӯзгори пайғамбари охирзамон Муҳаммад (с), дар ҷомаи дину ойинҳои мозӣ дар худ шинам гунҷондааст. Доир ба қимати ғоявӣ ва мӯҳтавои фарогирифтаи осори ривоятии динӣ дар адабиётшиносии замони Шӯравӣ ақидаҳои мухталиф

мавҷуд буданд. Ба хотири он ки ин даста асарҳои бадеии ниёгонамон созгори сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ набуд, муҳаққиқон ба қимати арзишманди тарбиявӣ-ахлоқии онҳо сарфи назар мекарданд, ин даста асарҳо тақрибан, ба риштаи таҳқиқ кашида намешуданд. Танҳо дар он замон иддаи ангуштшумори муҳаққиқони дақиқназар, монанди Е.Э.Бертелс [42], Ю. Салимов [92], А. Афсаҳзод [31;32;33], Х. Шарифов [124], Р. Ҳодизода [122;123] ва чанде дигар қимати баланди бадеӣ ва таърихӣ доштани асарҳои динию тасаввуфиро дақиқназарона муайян карда, барои нақши боризи онҳо дар адабиёти классики форсу тоҷик андешаҳои ҷолибе пешниҳод намудаанд.

Дар насри ривоятии адабиёти форсии тоҷикӣ, махсусан дар «Қасас-ул-анбиё», ки қиссаҳои хонданӣ ва хотирмоне аз рӯзгори паямбарон аст, масъалаҳои муҳимми ҳаёту мавт ва ин ҷаҳону он ҷаҳон ба таври қонеъкунанда ақлу заковат ва бовар карданҳо матраҳ гардидааст. Бояд гуфт, ки «Қасас-ул-анбиё» дар байни мусулмонони мамолики гуногун бо номҳои «Аҳсан-ул-қасас», «Сияри Шариф», «Қасос» маъруфият дошта, ки қадимтаринашон «Қасас-ул-анбиё»-и муаллифи асри якуми мелодӣ Исҳоқ ибни Иброҳим (р) ибни Мансур (р) ибни Халифи Нишопурӣ (р) дониста шудааст [126,38]. Ҳамаи «Қасас-ул анбиё»-ҳое, ки то имрӯз ба мо омада расидаанд, ба истиснои баъзе такмилоту ихтисороти ҷузъӣ, аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ҳамоҳанг буда, дар худ таърихи ба дунё омадану ба мартабаи рисолати пайғамбарӣ расидани пайғамбарон, хидмати онҳо дар ҷомеа аз оғози хилқати Одам (а) то замони пайғамбари аҳли Ислом Муҳаммад (с)-ро таҷассум намудаанд. Дар маркази диққати ин «Қасас» таълими ростӣ ва некию покӣ алайҳи таассубу иртиҷо меистанд, дар мисоли рӯзгори сипаринамудаи расулони Худо. Дигар ин ки ҷавҳари матолиб ва мазомини «Қасас-ул-анбиё» зимни сураҳои «Қуръони маҷид» рӯйи коғаз омадааст. Дар баробари ин, барои иншои «Қасас-ул-анбиё» аз ҳадисҳои Муҳаммад пайғамбар (с) истифода шудааст, ки мо инро дар мутолиаи умумии асар ба осонӣ дармеёбем.

Тавре ишора рафт, тарҳи «Қасас-ул-анбиё» хеле барвақт гузошта шуда, ривоятҳои дар он баёнгардида ба адабиёти бадеии классикии мо таъсир гузоштааст. «Манбаи аксари ишорот – талмеҳоти шеъри адабиёти классикии форсу тоҷик водии Айман, Тури Сино, асои Калим, яди байзо, оташи Тур, ганҷи Қорун, бути Озар, оташи Халил, Намруд ва ғайра аз «Қасас-ул-анбиё» мебошад”[34, 421]. Ба ин боз номҳои Яъқуб, Юсуф, Зулайхо, Айюб, Фиръавн, Мӯсо, Сулаймон, Билқис, Луқмони Ҳаким, Марям, Исо ва дигаронро метавон илова намуд. Зиёда аз ин қисм, дар бораи пайғамбарон асосӣ достонҳои ишқию романтикии адабиёти Шарқ, минҷумла адабиёти форсии тоҷикӣ, монанди: «Юсуф ва Зулайхо», «Искандарнома»-ҳо, «Сулаймон ва Билқис» ва ғайра эҷод гардидаанд, ки ин аҳли таҳқиқро маълум аст.

Дар ин бора дар матни кириллии «Қасас-ул-анбиё»-и мансур омадааст: «Қасас-ул-анбиё» қабл аз ҳама офаридаи зебои олами адаб аст. Он гуна ки дар асоси қиссаву асотири Юнону Рими қадим, дар адабиёти Аврупо асарҳои зебои адабию ҳунарӣ офарида шудаанд, дар адабиёти олами Ислом низ дар асоси қиссаҳои «Қасас-ул-анбиё», ки мабнӣ бар сура ва оёти «Қуръони маҷид» нигошта шудаанд, асарҳои зиёде эҷод гардидаанд. «Искандарнома»-ҳо, «Юсуф ва Зулайхо»-ҳо бевосита дар асоси қиссаҳои ин китоб эҷод шуда ва ҳамчунин ишорате ба лаҳзаҳои алоҳидаи қиссаҳои пайғамбарон, ташбеҳу истиороти зиёдеро, ки дар адабиёти ҳазорсолаи форс-тоҷик истифода шудаанд, бе донистани ин китоб дарк нахоҳем кард”[34,384]. Зиёда аз ин, аз рӯйи матни ин китоб дар замони пеш, дар мактабҳо дарс мегуфтанд. Ҳоло ҳам дар мамолики Араб мухтасари ин қиссаҳоро дар шакли китобчаҳои алоҳида барои атфоли мактабӣ нашр менамоянд [34,385].

Қиссаҳо аз ҳаёти пайғамбарон дар байни мардуми мо ҳам роиҷ буда, садсолаҳо ба таври шифоҳӣ, ба гунаи парешону номукаммал, аз забон ба забон гузаштаву асосан, дар ҳофизаи мардум нигоҳ дошта мешуд. Дар даврони Шӯравӣ бошад, ба сабаби набудани матни он бо алифбои роиҷ, «Қасас-ул-анбиё» аслан, ба мардуми одӣ дастрас набуд.

Андак-андак мӯйсафедони босавод дар ин масъала ёди худро барои дигарон тоза мекарданду халос. Бо фаро расидани соҳибистиқлолии кишварамон – Тоҷикистон он ҳама монеаҳое, ки садди роҳи дин, эҷоду нашр, паҳн кардани асарҳои динӣ ва қиссаҳои ҳаёти ибратбахши анбиё мавҷуд буд, бардошта шуд ва имкони нашри китобҳо ва маводҳое, ки фарогири ин масоил буд, хушбахтона, фароҳам омад. Аз ҷумла, китоби «Қасас-ул-анбиё» дар таҳияи донишмандони тоҷик Саидбеги Маҳмадуллоҳ, Аъламиён Махдуми Абдусаттор, Саидиён Исматуллоҳи Аҳрор ва Амриддини Ҷалол бо хатти кириллӣ интишор гардид (7).Ҷойи таъкид аст, ки ин китоб дар заминаи чопи Бомбай, ки аз матнҳои комилтарини «Қасас-ул-анбиё» баршумурда шудааст, баргардон ва ба теъдоди хеле калон ва интишор ёфт. Ба ин маънӣ, дар хотимаи чопи Бомбай, аз ҷумла омадааст: «Пас аз санои фаровону сипоси бепоёни Малики дайён ва наъти набии охируззамони азимулхулқи алиюшшон (с), аммо баъд, бар муштоқони таворихи анбиёву шоиқини сияр ва ахбори афсиё махфиву муҳтаҷиб мабод, ки ин китоби мустатоб дар ҳолати анбиё ва кафоифи афсиё ал-мавсуф ба «Қасас-ул-анбиё»-и форсӣ бо тасҳеҳи тому танқиҳи молокаломи Мавлавӣ Абдулазиз ибни Мавлавӣ Фатҳ Муҳаммад Соҳиби Деҳлавӣ дар санаи 1320 ҳиҷрии набавӣ (баробар ба соли 1902 мелодӣ) ба эҳтимоми Алӣ Баҳоӣ ва Шариф Алӣ – тоҷирони кутубу моликоти матбааи Муҳаммадӣ, воқеъи Бомбай, ба хубии хат матбӯъ гардид”[6,340]. Таҳиягарон дар ин кори заҳматталаб нуктасанҷона муносибат намуда, арқоми сураву оёти «Қуръони Маҷид»-ро хеле муносибу барҷой гузоштаанд, ки ин паҳлуи «Қасас-ул-анбиё» омӯзишу пажӯҳиши дигари доманадорро тақозо менамояд.

Аз «Феҳрасти мазомини «Қасас-ул-анбиё»-и форсӣ бармеояд, ки он муштамил ба 82 қисса буда, аз «Ҳамду наът. Зикри пайдоиши коинот ва нури Муҳаммадӣ» [7,5-13] ҳусни оғоз гирифта, бо қиссаи «Хабари вафот ёфтани он ҳазрат саллалоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳоби ва саллам» [7,382-385] ба анҷом расидааст.

Меоем ба асли мақсад ва мебароем ба суроғи «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ва суроғи мо сари заҳмати Мирзо Қадам қарор мегирад. Зеро мо ба ҷуз ин асари манзуми «Қасас-ул-анбиё» дигар матни манзуми онро дар адабиёти форсии тоҷикӣ дарнаёфтем. Аҳли таҳқиқ ва ҳатто онҳое, ки матни «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ин суханварро ба ҳуруфи кириллӣ баргардонидаанд, аз мавҷудияти матни дигари манзуме, ишорае надоранд. Дар феҳрастҳои адабиёти форсии тоҷикии дар кишвар ва берун аз он анҷомёфта, кутуби аз «Қасас-ул-анбиё» ёдкарда низ аз ин боб ҳарфе нест. Пас, мо бо «Қасас-ул-анбиё»-и манзуме сару кор дорем, ки нусхаи қаламии он ягона буда, ба қалами шоири тоҷик Мирзо Қадам мутааллиқ аст.

Доир ба «Қасас-ул-анбиё»-и манзум, нусахи пайдошуда ва то кадом андоза аз ҳаводиси рӯзгор эмин мондани он дар боби аввали рисола батафсил сухан рафтааст. Мутобиқи маълумоти овардашуда, ин асар дар заминаи «Қасас-ул-анбиё»-и мансур пурра ба назм дароварда шуда будааст. Аммо он чи дастрас аст, номукаммал мебошад. Агар ин номукаммалӣ, дар навбати аввал, аз беэҳтиётии нигаҳдорандагони нусхаи мунҳасир ба фард сар зада бошад, сониян, ба ҳаводиси сиёсати баъдӣ навишта шудани он иртибот дорад. Ва медонем, ки бо сабабҳои гуногунии таърихӣ як қисм асарҳои эҷодгардидаи адибони гузаштаи мо ба коми нестӣ ё фаромӯшӣ фурӯ рафтаанд, ки дарёфту барқарор намудани онҳо ғайриимкон мебошад.

Тавре ишора рафт, «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам то ба рӯзгори мо номукаммал омада расидааст, ки ҷойи таассуф аст.

Вақте ин асар бо матни пурраи мансури он дар муқоиса дида баромада шуд, маълум гардид, ки аз қисми оғози «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ва чаҳор қисса: «Ҳамду наът», «Зикри пайдоиши коинот ва Нури Муҳаммадӣ (с)», «Зикри Азозил (а)» ва «Қиссаи ҳазрати Шис (а)» аз байн қиссаҳои Юнуси пайғамбар (а), Айюби пайғамбар (а), Искандари Зулқарнайн (а), Фиръавн (а), Мӯсо (а), Қорун (а), Сулаймон пайғамбар (а), Авҷ ибни Амақ, Хизр (а), Юшайъ (а), Илёс (а), Довуд (а), Узайр (а),

Закариё (а), Яҳё (а), Ҷирҷис (а), Шамъун (а) ва аз охири ин асари Мирзо Қадам 23 зикру қисса: «Зикри вафоти ҳазрати Марям (р) ва ба осмон рафтани Исо (а), «Зикри мулоқӣ шудани ҳазрати Исо (а) бо сари пӯсидаи Ҷумҷума», «Қиссаи ба раҳм омадани Нури ҳазрати Рисолатпаноҳ Муҳаммади Мустафо (с)», «Зикри подшоҳи Абраҳа», «Зикри рафтани Абдулмуталлиб ба таҳнияти Сайф Зиззамон, ки баъди мурдани Абраҳа ба тахт нишаста буд», «Зикри Абдуллоҳ – падари ҳазрати Расолатпаноҳ (с)», «Зикри валодати он Ҳазрат (с)», «Ривояти Абдулмуталлиб, ки ба таби таваллуди он Ҳазрат (с) дида буд», «Зикри рафтани он Ҳазрат (с) ба хонаи ҷадду холл…», «Зикри дигар бор шикофтани синаи мубораки он Ҳазрат (с) ва никоҳ кардани Хатичахотун (р)…», Зикри шаклу райъат ва аҳволу асмои азвоҷи мутаҳҳарот ва баъзе хасоили писандидаи он Ҳазрат (с)», «Хабари шикофта шудани синаи он Ҳазрат (с) мартабаи солис ва вайҳ овардани Ҷабраил (а)», «Зикри меъроҷи он Ҳазрат (с)», «Баён намудани он Ҳазрат (с) ҳақиқати меърoҷ ва мусулмон шудани яҳудӣ ва ғ.», «Зикри баъзе хасоису камолот ва муъҷизоти он Ҳазрат (с)», «Хабари ҳиҷрат фармудани он Ҳазрат (с)», «Хабари бадзанн шудани он Ҳазрат (с) бар Ойишахотун ва вайҳ омадани покии хотуни мавсуфа (р)», «Қиссаи ҷанги Уҳуд», «Хабари ҷанги Бадр-ус-суғро ва ғайра», «Қиссаи ҷанги Хайбар», «Хабари вафот ёфтани он Ҳазрат (с)» ва «Хотимаи китоб» аз байн рафтааст. Дар ин муқоиса як чиз ба назар мерасад, ки ба ориятгирандаи қиссаи манзум қисматҳои ба Муҳаммад (с) вобаста, ки пайғамбари Ислом аст, зарур буда, шояд онро мақсаднок пинҳон намудаву дубора ба фарзанди шоир барнагардонидааст. Умед аст, ки он ҳам пайдо гардад. Вале боз ҷойи масаррат он бошад, ки «Қасас-ул-анбиё»-и мансури садсолаҳо дар хидмати мардум буда, дар баробари худ матни манзум низ пайдо намудааст ва ин ба қаламҳи адаби тоҷик тааллуқ дораду ҳамчунонки ишора шуд он ҳанӯз ба пуррагӣ дастраси аҳли таҳқиқ нагардидааст.

Мирзо Қадам роҷеъ ба мазмуни, асари худ дар оғози «Қиссаи ҳазрати Юсуф алайҳиссалом» мегӯяд:

Оғози китоби ман ба бисмиллоҳ аст,

Бо ҳар даре оби ман ба бисмиллоҳ аст.

Нақле, ки дар ин китоб бошад зи «Қасас»,

Нақли «Қасас», эй ҷон, зи Каломуллоҳ аст [14,138].

Дар бораи сохти «Қисас-ул-анбиё»-и манзум ҳаминро бояд гуфт, ки он маснавии равон буда, чун ҳамаи маснавиҳои адабиёти форсии тоҷикӣ эҷод шудааст. Вазни маснавӣ дар баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф ё максур буда, арконаш чунин аст:

Фоилотун/ фоилотун/ фоилун

Фоилотун/ фоилотун/ фоилун

- V - - / - V - -/ - V -

- V - - / - V - - / - V -

Қиссаи Идрис овардам ба сар,

Бишнав, эй хоҷа, кунам нақли дигар [14,33].

Дар китоби адабиётшинос Баҳром Сирус номи пурраи ин вазн ба таври зайл омадааст: «Рамали мусаддаси садр, ибтидо ва ҳашвайн – солим, арӯз ва зарб – маҳфуз» [96,125].

Баъзан, дар маснавӣ охири байтҳо рукни «мақсур» (фоилон) истифода шудааст:

Шуд нидо аз Холиқи парвардигор,

Даст, эй Азроил, аз Идрис бидор [14,32].

ки арконаш ин аст:

Фоилотун/ фоилотун/ фоилон

Фоилотун/ фоилотун/ фоилон

- V - - / - V - -/ - V ~

- V - - / - V - - / - V ~

Қофиябандии асар вобаста ба талаботи маснавӣ **аа, бб, вв, гг, дд** ва ғайра мебошад. Бояд гуфт, ки Мирзо Қадам дар истифодаи вазну қофия дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худ баъзан, ба норасоиҳо: кам ё бисёр истифода намудани ҳиҷо дар баъзе мисраъҳо, нодуруст истифода

кардани қофиябандиҳо роҳ додааст, ки ба ин масъала дар боби севуми рисола руҷуъ хоҳад шуд.

Аз матни манзуми «Қасас-ул-анбиё», ки ҳоло зери даст дорем, дармеёбем, ки дар он порае аз саргузашти ҳазрати Маҳлоил (а) оварда шуда, он дар 11 байт фароҳам гардидааст. Баъди марги симои марказии қисса-Маҳлоил (а), Иблис сурати ӯро кашида, ба фарзандони вай пешниҳод намуд ва бо ин онҳо гумроҳ шуда, ба ӯ саҷда карданд, то рӯҳашонро шод доранд ва бад-ин сабаб, байни мардум будпарастӣ одат шуд, илму дониш коста гардид. Вале дар байни фарзандони Маҳлоил (а) фарзанди боҳуше буд, бо номи Идрис, ки решаи будпарастиро барканд, дар байти зайл чунин омадааст: “Дар миёни он қавм шуд писаре, - Номи ӯ Идрис, аз ғафлат барӣ” ва ӯ дарахти илмро обод намуд, ки қиссаи ӯ дар 100 байт фароҳам омадааст. Вай пайваста ба тоату ибодати Офаридгор машғул буда, хайру саховатро аз даргоҳаш канда намекард, пироҳану ҷомаву кафш дӯхта тақсим менамуду музди заҳмат талаб намекард. Ин ба Азроил хуш омад ва чун Идрис тамоми умр рӯзадор буд, ифторашро биҳишт муҳайё месохт. Идрис, ки марде сахт тақводор буд, ҳалолро аз ҳаром фарқ мекард. Вай бо кӯмаки Азроил (а) дӯзаху биҳиштро мебинад, дарду ранҷи ҷонканӣ ва маргро мечашад, барояш дар биҳишт ҷой мегузинад, вале Худованд ӯро таъкид менамояд, ки дар пешгоҳи биҳишт Муҳаммад пайғамбар (с) ҷой хоҳад гирифт. Баъди Идрис фарзандонаш ба фиғон меоянд. Иблис пайдо мешаваду сурати бесирати Идрисро ба фарзандон месозад. Боз беш аз 400 сол будпарастӣ мардумро гумроҳ мекунад. Дар ин миён, Нӯҳи пайғамбар (а) арзи ҳастӣ менамояд. Шоир ба ин маънӣ мегӯяд:

> Қиссаи Идрис овардам ба сар,
> Бишнав, эй хоҷа, кунам нақли дигар.
> Достони Нӯҳро, эй дӯстон,
> Гар Худо хоҳад, кунам ин ҷо баён [14,33].

Нӯҳ (а) аз пайғамбаронест, ки нақли ӯро ровие ривоят кардаасту он аз «Қасас-ул-анбиё»-и мансур ба назм кашида шудааст. Мирзо Қадам бо овардани ин қисса тамоми фаъолияти Нӯҳро (а) бо ҳама бурду бохтҳояш, бахусус бо амри Худо дар сохтани киштӣ 124000 тахта сарф шудаасту мехаш ҳам аз чӯб аст ва дар ҳар тахтаи он номҳои пайғамбарон, аз ҳазрати Одам (а) то замони Нӯҳ (а) ва пайғамбарони баъдина, падид меоянд. Дар тахтаи охир номи Муҳаммади Мустафо (с) омада, сипас 4 тахта барои чаҳорёрони вай (Абӯбакру Умар, Усмону Алӣ) бо амри Худо аз забони Ҷабраил ба он насб мегардад. Мақсад аз ин киштиро сохтан чӣ буд? Мақсад он буд, ки мардуми разил ба Нӯҳ (а) итоат намекарданд ва вай мехост, аз қавми кофир, ки ба кору фаъолияташ халал мерасонанду мусулмонӣ – покиро қабул надоранд, халос шавад. Нӯҳ (а) аз Офаридгор илтимос менамояд, ки 80 тани пайрави ӯро солим нигоҳ дораду боқиро аз роҳи пешакардаи вай бардорад. Бо амри Ҳақ, Нӯҳ (а) аз ҳайвоноту паррандагон ҷуфти муносиб ҷудо карда, аз тухми дарахту гиёҳҳои хуб гуна-гуна ҷамъ намуд ва чиҳил мардро бо ҷуфташон ба киштӣ нишонд. Зеро ваҳии худовандӣ омада буд, ки тӯфони азиме пайдо мешаваду ҳамаро нобуд мекунад. Танҳо сукконы киштии ӯ саломат мемонанд. Нӯҳ (а) ба ёрон наҷотдиҳанда аз тӯфон мешавад. Ва тӯфони Нӯҳ минбаъд дар адабиёти мо ҳамчун талмеҳот хеле зиёд истифода шудааст.

Дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум баъди тасвири қавми Од, ки қудрату зӯри бемонанд доштанд, Солеҳро (а) ба пайғамбарӣ қабул менамоянд. Дар замони Солеҳ (а) бо амри Парвардигор аз санг уштури модае пайдо мешавад, ки ба бачагон шир медод ва мӯъминон аҳд намуданд, ки онро барои хӯрдан накушта, танҳо ширашро, ки пок аст, истеъмол намоянд.

Аз рӯйи ривояти Мирзо Қадам, аз ин боз 400 сол сипарӣ шуд.

Ҷабраил омад дарҳол он ҷо,
Гуфт бо Солеҳ аз ин қавмҳо.
Аҳд гир инро, ки беҳукми Худо,
Накушанду нахӯранд ҷуз шир ӯро.

Ки шуморо шири он бошад ҳалол,
Қавм кардан аҳди фармон дарҳол.
Фармон омад, ки дуо кун ё расул,
Ҳар чи мехоҳӣ бихоҳ аз мо ҳусул.
То бубинӣ қудрати поки маро,
Нест оҷизию ғамнокӣ маро.
Чаҳор ҳазор сол аз ту пеш ин шутурро,
Офаридам андар ин санги хоро.
Мӯъҷизаи ту пайғамбарият,
Бар ҳама зоҳиру дуруст гардад.
Пас бикард Солеҳи паёғамбар дуо,
Мӯъминон омин гуфтанд ногоҳ.
Нолае азим з-он санг омад,
Ларзида бикшкофт, шутур баромад.
Шутури модае бурун шуд зуд,
Ҳеҷ уштуре ба хубияш набуд.
Гиёҳи сабзе диданд дар он санг,
Ки шутур мехӯрда буд дар он санг.
Чун баромад соате бача бизод,
Чашмаи об дар он ҷо рӯй дод.
Марғзоре шуд дар он майдон падид,
Чарогоҳи он шутур шуд мечарид.
Чаридан бигрифт бо амри Худо,
Ҳама диданду бидонистанд варо.
В- он қавм мебудаанд ҳафт қабила,
Чоҳи об доштанд онҳо ҳама [14,56].

Рӯзе аз қабилаи Солеҳ (а) Қийдор аз ӯ нишон намонда, аз ҳар қабила якеро талаб намуда, машғули шаробнӯшӣ шуданд ва дар мастӣ ноқаро куштанд. Ноқа ба санг табдил ёфт. Шоир мегӯяд:

Ноқаро ҳаргиз намекуштандӣ,

Кори бад ҳаргиз намекардандӣ.

Ҳар гуноҳи кабира андар вуҷуд

Аз шароб хӯрдан гардад мавҷуд [14,58].

Ҳамин маънӣ, дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур ин тавр омадааст: «Саъид ибн ал-Мусайяд гӯяд: - Қавми Солеҳ (а) агар шароб намехӯрдандӣ, ноқаро ҳаргиз намекуштандӣ. Гуноҳи кабира, ки дар вуҷуд омадааст, аз шароб хӯрдан будааст"[7,49]. Пас Солеҳ (а) бо мӯъминон рӯ ба Шом мениҳад, дар шаҳри Авҷ муқим мегардад ва боқии умр дар он ҷо мегузаронад, ки тафсири он дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам айни як чиз аст.

Пас дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам қиссаи Иброҳими Халилуллоҳ (а) бо ҳамаи тафсилоташ омадааст, ки душмани Намруди лаъин буд. Туҳматҳои Намруд бар Иброҳим, ки бо он ки бутҳоро шикастааст, ӯро ба оташ андохтанд, то бегуноҳӣ ё гунаҳгориаш собит гардад. Бо амри Офаридгор сӯхтани ҷомаи Намруди лаъину аз оташ ба Иброҳим (а) як сари мӯ осебе нарасидан, қиссаи ӯ бо боҷхоҳону Сора – хотун, азми сафар кардани Иброҳим (а) ва душвориҳои роҳ, васвасаҳои Шайтон бар сари подшоҳи дигар мамлакат, бо кӯмаку қудрати Офаридгор, Канъон ва дороии он насиби Иброҳим (а) шудан, бо Иброҳим (а) ақди никоҳ бастани Ҳоҷара, Байтулмуқадасро сохтани ӯ, munоқишаҳои дигари Намруди лаъин бо Иброҳим (а), аз Ҳоҷара ба дунё омадани Исмоил (а) ҳамон аст, ки дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур омадаву Мирзо Қадам мазмуни онро ба назм даровардааст.

Дар «Қасас-ул-анбиё»-и Мирзо Қадам рӯзгори минбаъдаи Исмоил, фармон омадан ба Иброҳим (а) аз ҷониби Парвардигор, ки қурбонӣ кун, ба риштаи тасвир кашида шудааст. Шоир аз нақли Муҳаммад (с) ба ёрон иброз медорад, ки Иброҳим (а) шабе хоб мебинад, ки ба гӯшаш ваҳӣ меояд, яъне қурбонӣ кун! Вай пагоҳ бархоста 200 уштурро қурбонӣ мекунад. Шаби дигар низ ҳамин хоббинӣ такрор мешавад. Боз Иброҳим (а) 200 уштурро қурбонӣ менамояд. Шаби севум:

Шаби севум бидида боз дигар,

Бикун қурбонӣ Исмоили Ҳоҷар [14,102].

Дар маснавӣ манзараи ба куштан бурдани падар писарро, васвасаҳои шайтон, бо гуфти шайтон нарафтани Ҳоҷара, ба амри Эзид ҷиддан истодагарӣ кардани Иброҳим (а), Худованд аз ин роҳ Иброҳимро (а) нигоҳ дошта, ба ҷойи Исмоил гӯсфандеро барои забҳ кардан, яъне қурбонӣ кардан мефиристад. Ана аз ҳамон вақт, барои мушкилеро баровардан қурбонӣ намудани гӯсфанд ба ҳукми анъана даромада будааст. Баъди ин Иброҳим (а) хонаи Қаъбаро сохта, одамонро ба он ҷо, ба хонаи Худо, даъват менамояд. Дар ҳамаи ин корҳо Сорахотун дар паҳлӯи Иброҳим (а) буд, вале фарзанде надошт. Бо амри Худои ломакон аз Сорахотун Исҳоқ ба дунё меояд, ки номаш Исҳоқ ва аз Исҳоқ Яъқуб ба ҳаёт қадам мениҳад.

Иброҳим (а) бо сарбозонаш қавми Лути бадкешро нобуд мекунаду дармегузарад. Исҳоқ (а) дунболаи кори падар мегардад ва аз ӯ ду писар; Яъқуб ва Айс ба олам меоянд, ки рақиби ҳам мешаванд. Дар тасвири Мирзо Қадам зангирии Яъқуб, ба дунё омадани фарзандонаш ва аз дунбол «Қиссаи ҳазрати Юсуф алайҳиссалом» [14,138-235] хеле батафсил омадааст.

Қиссаи Юсуф ягона тасвирест, ки дар «Қуръони Маҷид» пай дар пай нақл гардида, дар Сураи 12-ум сабт гардидааст [8,134]. Арзиши гаронмояи қиссаи Юсуфро Абӯбакри Нишопурӣ дар асри XII муайян намуда гуфта буд: «Ва ин қиссаро аҳсанулқисас хонанд, зеро дар ин қисса зикри пайғамбарон басомон аст ва зикри фариштагону париён ва одамиёну чаҳорпоён ва мурғон, сияри подшоҳону адаби бандагон ва аҳволи зиндониён ва фазли олимону нуқси ҷоҳилон ва макру ҳиллаи занону шефтагии ошиқон ва иффати ҷавонмардону нолаи меҳнатзадагон ва талаввуни аҳволи дӯстон дар фурқату васлат ва иззу зилл, ғанову фарқ ва андӯҳу шодӣ ва туҳмату безорӣ ва амирию асирӣ, ин ҳама нуктаҳо дар ин қисса ба ҷой омад. Ва дар ин қисса илми тавҳид ва илми сирр ва илми фиқҳ ва илми таъбири хоб ва илми фаросат ва илми муоширату сиёсат ва

тадбиру маишат медарояд. Ва мадори ин қисса бар некӯӣ аст» [53 ,134-135].

Бояд гуфт, ки қиссаи Юсуф дар адабиёти хаттии форси тоҷикии навин дар китоби «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Тафсири Суроботӣ», «Тафсири сураи «Юсуф»-и Зайди Тӯсӣ» ва дар иртибот ба инҳо дар достонҳои ҳамноми «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба шоир Амонӣ, Шоҳини Шерозӣ, Ҳоҷа Масъуди Қумӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Ховарии Шерозӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ хеле равшан таҷассум ёфта бошад ҳам, Мирзо Қадам дар «Қасас-ул-анбиё»-и худ нақли қиссаро аз «Қасас-ул-анбиё»-и мансур айнан, гирифтааст.

Мирзо Қадам он қадар дилбохтаи ин қисса аст, ки қариб нимаи маснавии худро ба он бахшидааст. Дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум аз модар ягона будани Юсуф, дар кӯдакӣ аз модар мондан ва муддате дар тарбияи аммааш будан, дубора ба хонаи падар баргаштан, бо бародарон бо иҷозати падараш Яъқуб ба тамошои саҳро рафтан, саҳнаи ба чоҳ андохтани Юсуф аз ҷониби бародарон ва гургро гунаҳгор кардани бародарон, дар назди падарашон ва дигар ҳаводисе, ки бар сари Юсуф омада буд, бо Зулайхо, дар охир ба муроди дил расидани Юсуф ва Зулайхо ва аз онҳо ду писар ба дунё омадан: "Пас буданд бо ҳам Юсуфу Зулайхо, - То эшонро ду писар дод Худо", кӯмакҳои Малик Райён ва подшоҳии Мисрро ба вай супоридан, ҳафт соли қаҳтӣ, рӯ ба рӯ омадани Юсуф бо бародарон ва Яъқуб (а)-ро ба Миср даъват кардану охири умри Юсуф паи ҳам омадааст.

Тасвири харидорӣ шудани Юсуф (а), ишқи Зулайхо бар Юсуф (а) сохтани қасри мунаққаш, таънаи занони Миср бар Зулайхо, ки ошиқи ғуломаш шудааст, шоҳидии тифли гоҳвора бар бегуноҳии Юсуф, фош гардидани амали Зулайхо нисбат ба Юсуф (а), зиндонӣ шудани Юсуф (а), дарду фироқи Зулайхо, ҳусни ҷавонӣ ва биноии чашмро аз даст додани ӯ, дигарбора бо амри Худо ба дили Юсуф (а) ҷой гирифтани Зулайхо…. Дар тасвири манзуми Мирзо Қадам ҳамонанд, ки дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур омадааст. Дар пиронсолӣ дасти Зулайхоро гирифтани Юсуф (а)

ва дубора ҷавон шудани Зулайхо меваи ширини ҳамон ишқи пок, самимӣ ва ҷонсӯзи Зулайхо аст, ки дар ахбору қисас бо шӯру ҳаяҷон нақл шудааст ва шоири мо низ ҳамонро ба ҳунармандӣ ба риштаи назм кашидааст. Бояд гуфт, ки агар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур ба манзуми он ботаҳаммул муқобилаю муқоиса шавад, мебинем, ки ҳар ду якеанд. Ин ҳолат дар қиссаи Юсуф бештар мушоҳида мегардад. Масалан, дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур омадааст: «Овардаанд, ки рӯзе Яъқуб (а) ба Юсуф (а) гуфт: - Агар ман намедонистам, ки ту ба Миср монӣ, ту медонистӣ, ки ман дар Канъонам, чаро аз ҳоли худ огоҳӣ надодӣ?”[7,126].

“Юсуф сандуқе овард, ки дар он ҳама номаҳо навишта буд. Гуфт: - Ин номаҳоро навишта хостам, ки барои шумо бифиристам. Ҳар бор, ки менавиштам, Ҷабраил биомадӣ ва гуфтӣ:

-Ё Юсуф, Худои таъоло мегӯяд, ки ҳанӯз вақт боқист, сабр кун! Пас Яъқуб (а) гуфт:

-Худои таъоло ҳар чӣ хоҳад, ҳамон кунад”[7,127].

Мирзо Қадам ин лаҳзаро ин тавр ба назм даровардааст:

Рӯзе Яъқуб Юсуфро гуфта, эй ҷигар,
Агар ман намедонистам аз ту хабар,
Ту ба Миср будию медонистӣ,
Чаро ба ман паём нафиристӣ.
Сандуқ овард Юсуф, ки дар он
Номаҳо навишта буд чандон,
Гуфт: - Ин номаҳоро навиштам,
Хостам, ки ба Шумо роӣ кунам.
Ҳар боре, ки менавиштам, Ҷабраил
Биёмадӣ, гуфтӣ аз Раббулҷалил,
Ки ҳанӯзам вақт боқӣ мондааст,
Сабр кун, он чи ба ту расондааст.
Гуфт Яъқуб, ки Худои таъоло
Ҳар чи хоҳад бикунад, бошад аъло [14,233].

Агар заҳмати сари қиссаи Юсуф кашидаи Мирзо Қадам бо достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и адабиётамон муқоисаи шавад, бегумон ба ҳунари суханофаринии ин шоир метавон баҳои арзишманд дод. Зеро дар намуди назм даровардани шакли комили қисса аз шоир маҳорати балани сухангустариро талаб мекунад.

Мирзо Қадам бо офаридани чеҳраи Юсуф (а) кӯшида, ки андешаҳои сӯфиёнаи худро дар пардаи ишқи Зулайхо бар Юсуф иброз дорад ва ҷанбаи ирфонаи асарашро равшану ғанитар гардонад, ки ин ҳама аз Исломи пок маншаъ гирифтааст.

Баъд аз ин мувофиқи сужети «Қасас-ул-анбиё»-и мансур дар 166 байт матни манзуми он аз ҷониби Мирзо Қадам нукта ба нуктаи асл қиссаи «Асҳоби қаҳф» омадааст, ки ин тавр ҳусни оғоз мегардад:

Овардаанд нақле, ки дар Рум подшоҳ,
Дақёнус ном бо молу сипоҳ.
Ва ӯро Ҳақ таъоло мамлакатҳо,
Дода буд, чандон молу неъматҳо.
Рӯзе омад шахсе карда хабараш,
Ки фалон подшоҳе бо лашкараш.
Ба қасди вилоятат меояд он,
Дақёнус бишнид ин ҳарф аз он.
Бо мардони ҷаррор бифармуд,
Он кӣ буд шамшергузор, бифармуд:
-Биравед, бо эшон ҳарб кунед,
Ба мудофиати душман биравед [14,235-236].

Дақёнус ва лашкариёнаш он подшоҳро кушта, бар лашкараш ғолиб меоянд. 5 ё 6 писари подшоҳи кушташуда асир ва ба хидмати Дақёнус кашида мешаванд.

Яккаҳукмронии Дақёнус ӯро бар он мерасонад, ки вай даъвои худоӣ мекунад. Зердастон, бахусус бародарони асирафтода, ӯро дар дил кофир мехонанд ва роҳи аз ӯ халосиро дар рӯзи чавгонбозӣ чавгонро аз майдон дур андохтану аз дунболи чавгон рафтан то ба якрӯза роҳ

мебинанд. Дақёнус баъди як рӯз дарк менамояд, ки бародарон гурехтаанд. Аз дунболашон сарбозонашро мефиристад. Гурезаҳо дар ғоре ҷой мегиранд, ки ба қудрати Худо дари он як сӯрохии мӯрчае ҳаводаро дошт. Дар роҳ чӯпон ва саги чӯпон ҳамроҳашон шуда буд. Дар ғор хоб ғолибашон меояд ва дар қиссаи омада, ки:

Рафтаву дар ғоре даромаданд,
Сесаду нӯҳ сол хуфта монданд.
Ва баъзе аз таворих номи эшон,
Маълум аст ин ҷо з-он дарвешон.
Ямлихо, Максаламино, Фармонус,
Матрус, Сартус, шашум Хартус.
Номи ҳафтум Кашфутит буд,
Исми калбиҳим Қатмир буд [14,241-242].

Чун бармехезанд, гуруснагӣ эшонро ғолиб меомаду бо ду динори сиккаи Дақёнус Ямлихоро ба бозор барои хӯриш мефиристанд. Дар ин муддат, Дақёнус барвақт тарки дунё карда, шоҳи мусалмони худотарсе ба тахти он кишвар нишаста буд. Чун Ямлихо ду динор ба дӯкондор медиҳад, мебинад, ки динорҳо хеле кӯҳнаанд. Ямлихо воқеаҳои аз сарашон гузаштаро ба дӯкондор нақл менамояд. Аз ин воқеа, шоҳи вақт огоҳ мешавад ва мехоҳад он ёронро бинад, вале ба ғор роҳ намеёбаду ноумед пас меояд он ғор бо номи «Асҳоб Каҳф» маъруф мегардад. Дар бораи таърихи ин ҳодиса дар ҷое ба таври мушаххас чизе дарҷ нагардидааст. Аз ин рӯ, Мирзо Қадам хулосаи худро дар бораи замон ва эътиқодоти ёрони Каҳф ин тавр ба қалам медиҳад:

Баъзе гӯянд, ки аҳди Исо,
Буданд дар мазҳаби дини Исо.
Аммо аксар бар онанд мазҳабашон,
Ҷуз Худо касро надонанд дар ҷаҳон.
Қиссаи асҳоби Қаҳф дар ин китоб
Гуфт Қадам, валлоҳу аълам биссавоб [14,244].

Аз ин баъд дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансур «Қиссаи Шуъайби пайғамбар (а)» [7,128-133],«Қиссаи ҳазрати Юнуси пайғамбар (а)» [7,134-139], «Қиссаи ҳазрати Айюби пайғамбар (а)» [7,139-145], «Қиссаи Искандари Зулқарнай (а)» [7,145-154] омадааст, ки онро мо дар асари манзуми Мирзо Қадам дарнаёфтем. Маълум нест, ки ин қиссаҳоро Мирзо Қадам чаро ба назм надаровардааст ва ё даroварда бошад, шояд имрӯз аз байн рафтаанд.

Мирзо Қадам ботаҳаммул «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худро идома дода, дар бобҳои «Дар баёни хоб дидани Фиръавн алайҳиллаънат ва пайдоиши ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом» [7,245-257], «Ҳиҷрат фармудани ҳазрати Мӯсо (а) аз Миср ва омадан ба Мадоин назди Шуъайб (а)» [7,257-266], «Мурочиат фармудани ҳазрати Мӯсо (а) ва даъват намудан Фиръавни лаъинро ҳасбулиршоди ҷаноби Борӣ таъоло ҷалла зикраҳу» [7, 266-298], «Берун рафтани ҳазрати Мӯсо (а) маъа қавмаш банӣ – Исроил аз Миср ва ғарқ шудани Фиръавн бо қавмаш ба дарё» [7,298-305] аз рӯзгори ҳазрати Мӯсо (а) ва дӯстону душманони ӯ, сеҳри асои Мӯсо (а), онро бовар намудани ҷомеа ва ба пайғамбарӣ пазируфта шудани Мӯсо (а) ҳикоят кардааст. Ин бобҳо дар ҳар ду матн; ҳам насрӣ ва ҳам назмӣ яксонанд ва Мирзо Қадам ҳатталимкон кӯшида, ки дар кори худ матни аслро ба пуррагӣ нигоҳ дорад. Ҳамчунон дар «Қасас-у л-анбиё»-и манзум бобҳои «Зикри Сомирӣ ва гӯсолапарастии қавми банӣ-Исроил» [7,191-195], «Зикри Қорун алайҳилаъна ва ҳалок шудани он» [7,196-200], «Зикри Омил-мақтули ибни Сулаймон» [7,200-201],«Зикри гов» [7, 201-203], «Зикри Авҷ ибни Анақ лаънатуллоҳи алайҳи» (7,203-208), «Зикри мулоқӣ шудани Мӯсо ва Хизр (а)» [7,208-212], «Зикри вафоти Ҳорун ва Мӯсо (а)» [7,212-214] ва фаслҳои ҳазрати Юшаъ (а), ҳазрати Илёси набӣ (а), Ҳазрати Ҳанзала (а), ҳазрати Юшмуйил (а), Довуд (а), зикри Луқмони Ҳаким, қиссаи ҳазрати Сулайон (а), ҳазрати Закариё пайғамбар (а), қиссаи Ҷирҷиси пайғамбар (а) [7,214-267] ва чанде дигар дар бахшҳои Мӯсо (а) хеле мухтасар ва гаҳе бо ишора ҷой доранд.

Баъди қиссаи Мӯсо (а) қиссаи Шамъун пайғамбар (а) дар асари манзуми Мирзо Қадам ин тавр оғоз меёбад:

Чунин гуфтанд, ки Шамъун паямбар,
Ки буд аз некмардони диловар.
Шуҷоъу қуввату зӯри варо кас,
Надошта дар ҷаҳон аз касу нокас,
Чу мӯйсар бар ҳама аъзоаш медошт,
Дамида аз сараш то по-ш медошт.
Худованд варо қуввати азиме,
Дода буд, аз кас набудаш биме…[14,135].

Он чи ин ҷо иқтибос шуд, баназмовардаи Мирзо Қадам аз «Қасас-ул-анбиё»-и мансур аст. Барои муқоиса матни насрии онро меорем:

«Чунин гуфтанд, ки Шамъуни пайғамбар (а) марде порсо аз некмардон ва ҳақпарастон ва шуҷоъу қавӣ ва пурмӯй буд. Чунонки дар ҳама андом мӯйҳои бисёр монанди мӯйҳои сар дошт. Худои таъоло ӯро қуввате азим дода буд…»[7,272].

Мирзо Қадам дар симои Шамъун (а) қудрату тавон ва нерӯи мардони поксиришту бандаи Офаридгорро офаридааст. Вай ба ҳокими шаҳри Азумияи Рим, ки кофирон мезистанд, мубориза мебарад ва то ба охир мағлуб намегардад. Барои мағлуб кардани вай, ҳокими шаҳр ба зани Шамъун (а) тамоми боигарии шаҳрро ваъда намояд ҳам, на расан ва на занҷирҳои оҳанин ӯро банд карда наметавонанд. Зани Шамъун (а) бо макру ҳиял ва тамаъи мол аз шавҳараш мефаҳмад, ки ӯро метавон бо мӯйҳои баданаш баст. Ин бор Шамъун (а)-ро душманон бо ҳилаи зани вай ба дом меоранд ва ба баҳр меандозанд. Ҷабраил (а) бо амри Худо ӯро наҷот медиҳад ва амр медиҳад, ки қасри он шоҳро барканда ба баҳр андозад, то ҳеҷ кофире намонад ва:

Боз омад Ҷабраил дода салом,
Гуфт, мегӯяд Худои лояном:
-Кореро Шамъун кунад пок пиҳил,
Гуфт Шамъун: - Чӣ кунам ё Ҷабраил?

Гуфт: - Мегӯяд занатро ҳеҷ магӯ,

Ки зи нодонӣ бишуд ин кор аз ӯ [14,310].

Ба ин маънӣ, адабиётшинос Гавҳар Шарифова навиштааст, ки «Амалиёти манфии асар низ мувофиқи ғояи асосии он сурат гирифта, лаҳзаҳое амал мекунанд, ки лиҳози сифатҳои манфии худ зидди ахлоқи инсонӣ қарор дошта, онҳо чун кофира, бадгӯи пайғамбарону авлиё, хиёнаткори шавҳар ва фосидпешаву зинокор мегарданд. Бо вуҷуди ин, ҳама тасвири симои манфии занон дар асар ночиз буда, дар аксар ҳолат гуноҳи онҳо бахшида мешавад, ки ин ҳама яке аз нишонаҳои зуҳури ахлоқи исломист» [126,54-55].

Дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум қиссаи Марям (а) модари Исои Масеҳ (а) дар фаслҳои «Қиссаи таваллуд шудани ҳазрати Марям, модари ҳазрати Исо (а)» [14,319-326], «Қиссаи таваллуд шудани Исо ибни Марям (а) [14,319-326], омада, бо ҳамин асари Мирзо Қадам нотамом хотима меёбад. Дар ин ду фасл Марям аз Ҳина ном зани зоҳид, ки Имрон ном шавҳар дошт, ба дунё меояд. Ҳина, ки зани порсо буд, боқии ҳаёти духтарашро ба дасти Худованд месупорад ва Офаридгорро бовар мекунонад, ки Марям хидматгузори бовафо мешавад. Худованд тарбияи минбаъдаи ӯро дар Байтулмуқаддас ба Закариё (а) месупорад. Ин қисса, ки дар «Қисас-ул-анбиё»-и манзум омадааст, айни матни дар асари мансур омадаи он мебошад, ки ниёз ба нақли дарозо надорад.

Қиссаи таваллуд шудани Исо (а) аз Марям (а) чун қиссаи модар аҷиб аст. Марям (а) бидуни шавҳар кардан бо оби чашмае, ки Худо барояш дода буд, баъди ҳайз пайдо кардан бордор мегардад. Ин бордоршавиро Ҷабраил (а) ба гӯши Марям мехонд. Марям (а) аввал гумони он дошт, ки шабаҳе, ки рӯ ба рӯйи ӯст, аз мардуми банӣ – Исроил Юсифи дуредгари малъун аст. Аммо ин тавр набуд, балки:

Оварданд, ки ҳазрати Марямро,

Чаҳордаҳсола шуд ҳайз омад варо.

Вақте тоат бишуд аз масҷид бурун,

Рафт дар сарчашмаи оби равон.

Ки онро Айнуссалво хонандӣ,
Ғусл карду қасду ҷома пӯшиданд.
То кунад тоати шоистаи Ҳақ,
Амрҳо орад ба ҷо дар роҳи Ҳақ.
Дид шахсе омад аз пас ногаҳон,
Тарсида азбаски з-ӯ шуд дар даргумон.
Гуфт паноҳ мехоҳам аз Парвардигор,
Аз ту ин ки бошӣ аз парҳезгор.
Қавли дигар дар бани Исроил,
Ба фасод марде маъруф буд ҷоҳил.
Номаш буд Юсуфи дуредгар мебуд,
Марям пиндошт,ки ҳамон хоҳад буд.
Ва аз ин тарсида бо ин гумон,
Ва ин мард буд Ҷабраил – пайки Раҳмон.
Гуфт: - Ё Марям, он аст, ки ман,
Фиристодаи Худои туам ман,
Ки туро бахшиш кунам ман як писар,
Писари покизаву ба халқ роҳбар.
Ҳазрати Марям шунида ин сухан,
Гуфт: - Чӣ гуна мешавад фарзанд ба ман?
Ҳоле ки на дасти кас бар ман расида,
Ва наям бадкору кас рӯям надида.
Ҷабраил гуфто: -Чунин аст, ки мегӯйӣ,
Бар Худо осон ҳамон аст, ки мегӯйӣ.
Бе падар фарзанд овардан осон,
Бар ман аст, гуфт Худои меҳрбон…[14, 328-329].

Ин тасвир дар баробари дар «Қисас-ул-анбиё»-и мансур омадан, маъхаз аз Сураи 19, ояти 21 «Қуръони Маҷид» мебошад, ки тарҷумаи лафз ба лафзи он ин тавр аст: «Яъне: - Гуфт Ҷабраил (а): - Чунон аст, ки гӯӣ, аммо Худои таъоло мегӯяд, ки бе падар фарзанд овардан бар ман

осонтар аст, то ки кунем, онро нишоне барои мардум ва раҳмат аст, аз тарафи худ ва ҳаст кори муқаррар карда шуда»…[8,277]. Баъзе гӯянд, ки Ҷабраил (а) атсаи Одам (а) ба Майрам (а) расонид ва баъзе дигар гӯянд, ки Ҷабраил (а) ба ӯ боде дамонид, то Исо (а) бе падар ба дунё ояд ва одилона дар хидмати мардум бошад. Исо (а) ҳанӯз аз гоҳвора «Таврот»-хон буд, то ба ҳадди ба балоғат расидан ва баъд чун қавмаш ӯро бепадар хонданд, берун аз шаҳр шуд, козурону моҳидоронро бо кароматҳои мурдаро зинда кардан ба ҷониби худ кашид, саҳроиёнро дар як он хӯриш пайдо кард. Дар ҷавоб он ҳама гуфтанд:

Гуфт Исо: - Ҷомаҳо, ки мешӯед,
Чаро дилҳои худро намешӯед.
Гуфтанд: - Дилҳо бо чӣ шӯем мо,
То шаванд дилҳои мо поку сафо.
Гуфт: - Бигӯед «ло илоҳа иллаллоҳ,
Расул барҳақ аст, Исо рӯҳуллоҳ…» [14,324].

«Қисас-ул-анбиё»-и манзум бо аз тарафи Офаридгор бо хоҳиши Исо (а) ба саҳроиён муҳайё шудани хони пурнозу неъмат, танҳо барои некон, қатъ мегардад. Тавре ишора рафт, давоми он ҳоло гумшуда ва мансух дониста шудааст, ки он мебоист аз рӯйи матни мансур то хабари вафоти Муҳаммад пайғамбар (с) идома меёфт.

Ниҳоят, аз сохту мӯҳтавои «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам бармеояд, ки он як асари калонҳаҷм буда, аз поёни умри ҳазрати Маҳлоил (а) то таваллуд шудан, худшиносӣ ба мардум хидмат оғоз намудани писари Марям (а) Исо (а)-ро фаро гирифтааст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки асари Мирзо Қадам дар асоси матни мансури он эҷод ва ба рӯйи аврок оварда шудааст. Ба қавли И. Икромов, Мирзо Қадам дар вақти ба назм кашидани асараш бо «Қасас-ул-анбиё»-и мансур маҳдуд нагардида, аз «Таврот»-у «Инҷил», «Қуръон» ва дигар сарчашмаҳои динӣ [14, 25] истифода карда, бо заҳмати захим як асари хуби хонданию шуниданӣ ба мерос гузоштааст. Дар алоҳидагӣ, ҳамаҷониба, бо тамоми паҳлӯҳои адабияш омӯхтани он заҳмату

пажӯҳиши дигареро тақозо менамояд, ки онро ба корҳои ояндаи худ вогузор менамоем.

### 2.3.2. Аҳамияти тарбиявии «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам

Осори бадеию фарҳангии мардумони оламро бе масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро ҳадафи асосии ҳар кадоме аз онҳо одамонро ба сӯйи ҳақиқати бебаҳс равона намудан ва инсони комилро дар вуҷуди шахс ба воя расонидан мебошад, ки инро дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам низ дучор меоем. Шоир дар асари худ, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама озодии бошууронаи шахсиятро дар сурату сирати пайғамбарон, аз ҳазрати Одам (а) сар карда, то пайғамбари охирзамон Муҳаммад (а), тарғиб мекунад ва медонад, ки бе ин озодӣ зиндагонии заминӣ ғайриимкон аст. Мирзо Қадам ҳангоми назми китоби «Қасас-ул-анбиё»-и мансур ин нуктаро пурра ба инобат гирифта, ҳар як сухан, рафтор ва амали пайғамбарони Худоро ҳамчун намунаи олии камоли инсонӣ баррасӣ сохтааст, ки имрӯз ҷанбаи баланди тарбиявӣ касб намудаанду бо моҳияти баланди худ метавонанд барои ҷамъияти кунуни мо низ дар хидмат бошанд.

Масъалаҳои ахлоқӣ, лаҳзаҳои ибратомӯз ва ҳаёти наҷиби пайғамбарон дар ин асар ҷанбаи умумибашарӣ касб намуда, аҳамияти тарбиявии асарро хеле қавӣ сохтааст.

Шоир аз Идрис (а) қисса карда, дар симои ӯ инсони одӣ, хоксор ва ба кори муқаррарӣ машғул буданашро нишон дода, ҷудо набудани мавсуфро аз зикри Ҳақ ва дар роҳи Худо хидмат намудани ӯро барои мардум ин тавр тасвир кардааст:

Рӯзе пероҳан бидӯхтӣ бериё,
Гуфта бо ҳар сӯзане зикри Худо.
Ҷомаву кафше агар медӯхтӣ,
Музду аҷре аз касе нагрифтӣ…
Ҳар чӣ мекард, аз касе нагрифтӣ ҳақ,
Буд кораш бе риё дар роҳи Ҳақ,

Ҷои кораш даррасидӣ Азроил,

Хост ҳамсуҳбат шудан бо покдил,

Яъне Азроилро бо кори ӯ

Омада хуш, хост бо дидори ӯ…[14,28].

Дар ин манзара мақоли маъруфи «Даст ба кору дил ба ёр» пеши рӯ меояд. Ва дарвоқеъ, ин нишони Инсони комил аст. Рафтори Идрис (а) Азроилро хуш меояд ва ӯ меҳмони Идрис (а) мегардад, албатта бо изни Худо. Азроил мехоҳад, ки Идрис (а)-ро имтиҳон намояду ӯро ба тамошои ҷаҳон мехоҳад, ки ин сафар хеле пазируфтанӣ ва ибратбахш аст. Дар сафар дидани боғҳо, рӯ ба рӯ гардидан бо гандумзор, бо чорвои бесоҳибу аз ҷониби Азроил (а) даъвати истифода аз онҳо ва ҷавоби рад шунидан аз ҷониби Идрис (а) аз покию сафо ва фарқ ниҳодан миёни ҳалолу ҳаром аз шинохтани ҳаққи дигарон ва дар ин замина, худро шинохта, дар ҳадди худ по монданро нишон медиҳад. Ин ҷо ҳадафи асосии шоир он аст, ки инсон бояд дар ҳама ҳолат аз моли ғайр бениёз бошад.

Яъне, назар ба моли ғайру тамаъ аз он дар "Қасас-ул- анбиё"-и манзум байти зайл омадааст:

"Гуфт Идрис: - Гӯсфанд аз ғайр аст,

- Моли ғайрро хӯрдан бе хайр аст" [14,30].

Рафта андар боғ диданд меваҳо.

Гуфт биё бихӯремазинмеваҳо,

ҲазратиИдрисгуфто, кираво,

Нест моро хӯрданӣинмеваҳо.

3-он, ки бошад боғиғайр, эйнекном,

Мевааш бе изни соҳибашҳаром [14,29],

хоси инсон нест. Ин ба он маъно гуфта шудааст, ки дар олами инсонӣ ҳар замон зуҳуроти номатлуберо, аз қабили хиёнат ба моли ғайр, ба яғмо бурдани молу маноли касон, даст ба дуздию ғоратгарӣ заданро имрӯз ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Пайғамбарони Худо ин корро ҳамеша

манъ месохтанд, ки ҷуз аз моли худ масраф намудану аз он баҳра бардоштанро ҳидоят накардаанд. Дар абёти зери шоири шаҳир Абулқосими Лоҳутӣ ин нукта равшантару ҷолибтар ин тавр садо додааст:

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.
Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,
Гар ҷон биравад, аз он намебояд хӯрд [10,55].

Дар поёни қиссаи Идрис (а) манзараи даҳшатнокеро мебинем, ки мардум дар пайравии Иблиси лаъин аз роҳи хато, нафсу ҳаво гузар сохта, ҳаққи касеро риоя намекунанд. Дигар барои онҳо тарфиқае миёни ҳалолу ҳаром, некию бадӣ, ростию ботил боқӣнамонда, аз дини Худову пайғамбари ӯ даргузаштанду андак-андак будпарастиро ба худ расми меъёрӣ андоза кардаанд:

Иблиси лаин кашида сурат,
Мисли Идрис сурати бесират.
Сохт сурат миёни он ду тан,
Фарқ не магар намегуфтӣ сухан.
Эшонон ҳаррӯзонсуратро,
Кардаанд ҳурмат беҳрматро.
Андак-андак будпарастӣ дар ҷаҳон,
Гашт пайдо дар миёни мардумон [14,33].

Ба назари Мирзо Қадам, ки маъхаз аз «Қасас-ул-анбиё»-и мансур аст, инсонҳо чун худро бетааллуқ донистанд, ба бегонагарави мулҳақ гаштанд ва аз такягоҳ ва ба ин васила, аз умедгоҳи худ канда шуданд. Аз ин бармеояд, ки агар инсон аз Холиқи хеш дур монад, дигар наметавонад ба асли хеш баробар монад. Шоир ин нуктаи саршори ҳикматро бо таассуф мегӯяд ва омадани пайғамбари дигар-Нӯҳ (а)-ро фоли нек ва рӯй овардани инсон дигарбора ба Худои хеш медонад.

Албатта, ҳангоми нузули ҳар як пайғамбар мушкилоти зиёде рӯйи кор меояд. Аз ҳаёти пешгирифта баркандану қабули таълимоти нав

барои мардум бениҳоят мушкил аст. Алалхусус, роҳ аз бединӣ ба ҷониби дин дар ҳар як марҳала қурбониҳои зиёдро тақозо мекунад.

Мардум то андозае ба ҷоҳилият фурӯ мераванд, ки аз он берун омадан барояшон баробари нархи ҷон арзиш дорад. Суханҳои пайғамбар, даъватҳои ӯ барояшон ҷуз ҳарзаҳое беш набуданд. Мардумоне, ки Нӯҳ мехонд, ӯро девона медонистанд ва аз ӯ худрову наздиконашонро дар канор мегирифтанд. Ҳар қадар, ки Нӯҳи Набӣ одамонро ба сӯйи аслашон бозмехонд, онҳо ҳамон қадар аз ӯ дур мешуданд.

Аз баъди ҳар даъвате, ки ӯ сӯйи мардум мекард ва сухани рад мешунавид, рӯ ба сӯйи Худои хеш менамуд ва аз ӯ барои қавмаш раҳмат металабид. Дар қалби мардум асар накардани амру наҳйю панду андарзҳояшро ба Худояш мегуфт. Ин муомила барои инсоне, ки рисолати инсонӣ дорад, бағоят риққатовар аст, балки ин инсон ҳеҷ гоҳ хешро аз ин қавм тасаввур карда наметавонад.

Мирзо Қадам ин манзараи басо дилфишору риққатангезро ҳамчун ибрат барои ҳозирону ояндагон ба тасвир овардааст, то он барои ҳар як инсоне, ки аз аслу асолати худ бехабар мемонад, ибрат шавад:

Гуфт: - Ё Раб, ин ки даъват мекунам,
Қавмеро бо роҳи раҳмат мекунам.
Рӯзу шаб дорам бо эшон гуфтугӯ,
Амру наҳю панду фармони накӯ.
Баъзе мекашанд ҷомаҳо ба сар,
Баъзе мегурезанд аз пеши назар.
Рӯй гардонида аз ман бо ҷафо,
Бо ту мегӯянд ҳарфи носазо.
Гарчи даъват мекунам лайлу наҳор,
Нест суд эшонро, илло фирор [14,35].

Даъват аз барои пайғамбари Худо ба ҳар қимат ногузир буд:

Муштарӣ, гарчи ки сусту борид аст,
Даъвати дин кун, ки даъват ворид аст [14,38].

Аз ҳамин байти Мирзо Қадам бармеояд, ки масъалаи даъват ба роҳи рост, даъват ба сӯйи асли хеш, даъват ба сӯйи оне, ки мо азми баргаштан ба онро дорем, масъалаи сирф ахлоқӣ буда, инсонро ба сӯйи умедҳо раҳнамун месозад. Ҳатто дар мавриде, ки фарзанд аз итоати падар берун меравад, даъват воҷиб аст. Дар қисса яке аз писарони Нӯҳ (а) Канъон ба дини падар намегаравад (Писари Нӯҳ бо бадон нишаст, - Хонадони нубуваташ гум гашт) ва билохира бо ёрони кофираш ба гирдоби бало афтода, нобуд мешавад. Имоновардагон бошанд, аз тӯфон раҳо меёбанд.

Ба қавли Мирзо Қадам, нофармонбардории тоғиён, ки дар қиссаи қавми Од омадаасту саркашии онҳо онҳоро зинда бар гӯр кардааст, ғояи баланди тарбиявӣ дорад. Сарвару саркардагон асосан, мекӯшанд, ки роҳбару раҳнамои қавму ҷамъ бошад, ба касе хасе осеб расиданро раво надоранд, вале тоғиёну осиён аз ин муҳаббат бе муҳобо ҳамеша бенасиб будаанд. Дар ин маврид, симои Шаддоди лаъин ва нофармон дар қисса басо ҷолиб ва омӯзанда аст [14, 50-52]. Билохира бо бадиҳое, ки Шаддод ба мардум раво медид, дар охир танҳо ба дӯзах меафтад, аз ин зиёд ӯро роҳе нест ва амр аст, ки:

Гуфт: - Туро Дӯзах бояд рафтан,
Нест фармон биҳиштро дидан.
Гуфт бигзор фурӯд оям зи асп,
Гуфт дигар нест ҳукм ҳеҷ касб [14, 54].

Дар қисса баробари он ки охири умри пайғамбарон мерасиду нузул менамуданд, инсониятро ҷаҳолат фаро мегирифт ва тоза ба майдон омадагон бо ҳидоят ва амри Худованди хеш мардумро ба роҳи рост мехонданд. Ба ҳар қавми ҷоҳил ибрати гузашта фаромӯш мегардид ва мардум боз ба роҳи хато мерафтанд. Чун ҳидоятгаре пайдо мегардид, ӯро нофармонӣ мекарданд ва нисбат ба ӯ кинаварӣ менамуданд. Аз ӯ чизе дархост менамуданд, ки имкони воқеӣ гардидани он ба ихтиёри Офаридгор буд. Қавми Солеҳ пайғамбар (а) аз ӯ аз санг ҳосил намудани шутурро тақозо намуда буданд. Бо амри Ҳақ он амалӣ шуд. Мардум аз

ин суди зиёд гирифтанд. Баъдан, алайҳи Намруд ба оташ афкандани ҳазрати Иброҳим (а), сидқу ихлоси ӯ ва бениёзии ӯ дар имдод ҷуз ба Худои хештан барои ҳар фард ибратбахш аст. Дар қисса даъвати Намруд бо Абӯҷаҳл омада, ки онҳо оламро тарк гуфтанду аммо имон наоварданд ва нисбат ба некиҳо душманиашонро бо худ бурданду байни мардум бадномиашонро боқӣ гузоштанд.

Дар қиссаи қурбонӣ кардани Исроил (а) ҳаёти оилавии пайғамбари Худро ба мо равшану возеҳ нишон медиҳад. Бо он ки ҳамсари Иброҳим (а) Ҳоҷара баъди ҳамл душвориҳои тоқатшиканро аз сар мегузаронад, бо ин имтиҳонҳо тақдир аз ӯ кам ва қатъ намегардад, вай боз ба мушкилоти дигар, қурбонии писар пеши рӯ меояд. Дар ин ҷо сабру таҳаммул, бурдории се тан: писар, падар ва модар ва билохира бо амри Худованд ба ҷойи Исмоил (а) гӯсфанде пайдо шудану ба ҷойи Исмоил (а) гӯсфандро қурбонӣ кардани Иброҳим (а) дар худ ҳикмат надорад? Бояд гуфт, ки Худованд назди пайғамбарон ва дӯстони худ имтиҳонҳои бузург пеш мегузошт, меозмуд ва ҳаёти содиқонаашонро ибрати одамиён мегардонид.

Суханҳои қабл аз теғ ба гулӯ мондани Исмоил барои ҳар як инсон пандомӯз аст, зеро дар ин манзара ҳолати шахси дил ва умед аз дунё канда тасвир ёфтааст. Исмоил (а) чун шахси соҳибимон ва фармонбардори Худо тан ба тақдир ниҳода, аз падар илтиҷо месозад, ки дасту пойи ӯро пеш аз қатл бибанданд, зеро дар талвосаи ҷон мабодо, бо ҳаракати худ хунолудаш созад. Ва низ рӯйи маро ҳангоми корд бурдан ба рӯйи хеш наорӣ, то меҳри падарӣ ғалаба насозад ва аз амри Худои хеш намонад. Ва сеюм бе ман ба хона равӣ ва саломи ман ба модарам расонию либосҳои маро чун ёдгорӣ аз фарзанди ягона боздиҳӣ. Ин ҳолати рӯҳи ва суханони вопасини Исмоил (а) ба тариқи зайл дар асар омадааст:

Аввал он аст, ки дасту пои манро,
Бибандӣ, ки бувад ҷон канданамро.
Ки ҷон ширин бувад чун дасту пое,

Занам, ҳар сӯ расад бо ту ҷафое.
Ки хуни ман расад бо ҷомаҳоят,
Шавам осӣ ба маҳшар бо Худоят.
Дуюм он аст, ки бар хок монӣ рӯям,
На ман рӯи ту бинам, на ту рӯям.
Мабодо меҳри шафқати падарӣ,
Биҷунбад дар дилат, фармон набарӣ [14,107].

Чун аз ин воқеа берун омаданд, ҳамагон шукри мазид сохтанд ва баргашта омаданд. Ҳазрати Иброҳим (а) ба Холиқи хеш шукргузорӣ намуда, хайрот ва садақоти зиёд ба ниёзмандон кард. Обод сохтани иморатро Худованд аз Иброҳим (а) тақозо намуд ва он имрӯз аз кароматҳои ӯ барои осудагии зиндагии одамон аст. Яъне, дар назди Худованд гуруснаеро таом додан ва бараҳнаеро либос пӯшонидан аҷри бузург дорад. Иморатҳо сохтан бошад, осудагии инсонро таъмин сохтан аст. Ниҳоят, Иброҳим (а) ба фарзандаш бо се хислат дарёфтани мартабаро баён менамояд ва мегӯяд, ки ғами рӯзӣ нахӯрад ва ба Рӯзирасон эътимод дошта бошад. Дувум он ки таъом бе меҳмон нахӯрад ва севум он ки кори охиратро бар дунё муқаддас дорад. Ин се хислат дарвоқеъ, мӯҷиби расидан ба нубувати Иброҳим (а) гардидаанд [14,127].

Мирзо Қадам дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум қиссаи Яъқуб (а), ғурбати бардавоми ӯро дар ғами фарзанди муддате гумкардааш Юсуф (а) хеле муассир овардааст, ки он низ аҳамияти баланди тарбиявӣ дорад. Пеш аз ҳама, ба ойина нигоҳ намуда, ғарраи ҳусни худ шудани Юсуф (а) омӯзонда аст. Чаро? Зеро ба худ баҳо додан, дар одамӣ норавост. Ин арзишгузории номуносиб касеро, ҳатто Худовандро хуш наомада буд ва ӯро ба баҳое қимат дод, ки пашизе беш набуд:

Аҳли дониш кардаанд инро баён,
Сабаби бандагии Юсуф аз он,
Буд аз он ки рӯзе андар ойина,
Сурати худро бикард муоина.
Гуфт бо худ: - Ман, ки мебудам ғулом,

Қиматамро кас надонистӣ тамом…[14,155-156].

Дар қиссаи Юсуф (а), моҷароҳои ба сари ӯ омада, ҳавою ҳаваси Зулайхо, дардро гуворо аз шароби дармон ва ҳаҷрро накӯтар аз шарбати висол донистани Юсуф (а), ҷавонмардиҳои Юсуф (а) ҳафт соли зиндон, ҳафт соли серӣ ва ҳафт соли қаҳтиро бо хиради воло ва кӯмаки Худованд паси сар кардани ӯ ва … бегумон ҳикматҳои созанда буданд, ки инсонҳоро дарси тарбия медоданд ва имрӯз ҳам ин аҳамияти худро гум накардаанд. Дар ин қисса, ки саропо ҳикмат нуҳуфтааст, ҳоҷати абёти тарбиявӣ ҷустан нест. Дар он накӯкорӣ, сабурӣ, илму фарҳанг, сафою покизагӣ, дӯстию бародарӣ, мусовот, номи нек, олиҳимматӣ, ростӣ, ҷавонмардӣ, ҷуду баҳо, эҳсону карам, шикебоӣ, тавозӯъ, фурӯтанию хоксорӣ ва ғайра аз падидаҳои ахлоқианд, ки алайҳи рафтори разилонаи одамон бо шавқу шӯр баён ёфтаанд. Масалан:

Хидмат аз роҳу раҳи пайғамбарист,
Музди хидмат хостан савдогарист [14,191].

Рафтори бародарон ба Юсуф (а) ва ҷавонмардиҳою аз гуноҳи даҳ бародар гузаштани вай магар аз ҳикматҳои зиндагӣ нест? Магар маҳкум кардани бародарон, ки на танҳо Мирзо Қадам, балки ҳамаи гӯяндагони қиссаи Юсуф ва зиёда аз ин, дар «Қуръони Маҷид» забту сабт аст, ҷанбаи тарбиявӣ надорад? Дар муқобили рафтори бародарони ноаҳлуҳосид рафтори Юсуф (а) дар ҳақиқат, ҷолиби пайравист ва ин саҳнаҳо симои Юсуф (а) чун симои инсони бакамолрасида ва зиндагисоз тасвир меёбад, ки назираш ҳар қадар дар ҷамъият бештар бошад, ҷомеа ҳамон қадар тавони мусбат пайдо мекунад.

Дар қиссаи манзуми Мирзо Қадам, ки маншаъ аз асли мансури он мегирад, достони Мӯсо (а) низ пандомезу пандомӯз аст. Бо амри Худованд дар танӯри оташ насӯхтани Мӯсо (а) ва беосеб аз он баромадан, сандуқе сохта модараш, аз тарси Фиръавни лаъину худхоҳ, Мӯсоро ба оби дарё партофтан, сандуқро дарёфтани Фиръавни лаъин ва Мӯсоро бо дасти худ тарбия кардани ӯ, новобаста ба он ки ояндаи ин

писарро донад, рӯ задани илму дониш ва фазилатҳои Мӯсо (а) ба мо аз сафоюю покизагӣ ва хирадмандӣ ҳарф мегӯянд.

Агарчи Мӯсо (а) дар дарбори Фиръавн бузург гашту одобу рафтор ва фарҳанги пасти дарбориёнро медонист, ҳеҷ гоҳ ба норостӣ, амали ношоиста, зулму тааддӣ ва касрат ба инсон муросо надошт. Манзараи зулми Сомрӣ аз ҷониби лашкарӣ ва кушта шудани лашкари аз дасти Мӯсо (а) манзара ва ҳолатест аз носозгории ӯ дар муқобили зулму тааддӣ. Агарчи рафтори Мӯсо (а) дар пояи адлу адолат дар баробари зулм буд, он ба гӯши Фиръавни лаъин мерасад, ба ӯ таҳдид менамояд ва Мӯсо (а) бе тӯшаи роҳ роҳи гурез пеш мегирад ва умед бар он дошт ки:

Ба роҳи рост бинмояд Худоям,
Ки ғайр аз ӯ набошад раҳнамоям [14,260].

Дар ҳар ҳол, шахси некӯкор рафтори неки хешро аз муҳтоҷону заифон дареғ намедорад. Мирзо Қадам ин лаҳзаро хеле хубу муассир тасвир кардааст. Дар сари роҳи Мадина бо ду духтаре, ки мехостанд об гиранду ҳам худ хӯранд ва ҳам ба гӯсфандонашон диҳанд, кӯмаки ройгони Мӯсо (а) камоли ҷавонмардӣ дониста мешавад.

Ба падари духтарон писанд омадани Мӯсо (а) ва ӯро ба хизмати хеш хонданаш ба сифати чӯпон, қабул намудани таклиф зина ба зина аз фаросати баланди ӯ гувоҳӣ медоданд. Чизи муҳимме, ки аз ҳусни хулқи Мӯсо (а) дар роҳ ба духтарон зоҳир мешавад, он буд, ки пешопеши духтарон рафтанро салоҳ медонад. Ин аз ахлоқи ҳасанаи ӯ башорат дода, эътимоди духтаронро ба худ зиёд месозад. Домодии Шуъайбро қабул кардани Мӯсо (а) ба ивази ҳашт сол чӯпонӣ намудан, ки меҳнате басо мушкил буд, далели дигаре аз ҷавонмардии Мусо (а) аст. Чун ӯ аз ин имтиҳон мегузарад, ба гирифтани асое ноил мегардад, ки хос барои ӯ буд. Шуъайбро бар Мӯсо (а) баъд аз куштани аждаҳо эҳтирому эътиқод меафзояд ва дар вуҷуду ҳастии ӯ дӯстони Худоро мебинад. Озмоиши ӯ аз мода ё нар зоидани гӯсфандон, сиёҳ ё сафед ба дунё омаданашон башорат аз он медоданд, ки Мӯсо (а) аломатҳои пайғамбарӣ дорад. Устуворӣ, қавииродагӣ ва сабурӣ Мӯсо (а)-ро ба сӯйи рисолат мебурд.

Ва чизи дигаре, ки ин ҷо мавриди зикр аст, аз рама ҷудо гаштани баррае ва пайгирии Мӯсо (а) аз он аст, ки ҳатто ба тамошои ин манзара ҳамаи афлокиён баромада буданд ва аҳсант ба сабру тамкини ӯ мехонданд. Чун Мӯсо (а) барраро дармеёбад, навозиш мекунад ва онро бардошта ба рама бармегардонад. Мирзо Қадам бо ин мисол таъкид менамояд, ки инсони раҳмдил, бешак сазовори арҷгузорӣ мебошад.

Мӯсо (а) аз Шуъайб (а) фотеҳа гирифта рӯ ба сӯйи ватан мениҳад. Дар роҳ пайғамбарӣ – раҳнамоӣ ӯро нузул мешавад ва ба Миср рафта мардумро ба сӯйи Худои яккаву ягона даъват менамояд. Мӯсо (а) ба дари қасри Фиръавн рафт ва ӯро ба сӯйи Худои замину осмон хонд. Чун Фиръавн худро Худо медонист, хост пеши роҳи даъвати ӯ гирад, вале заҳматаш беҳуда буд. Ҳатто ҷодувон пайғамбарии вайро қабул намуда буданд

Бигуфто: - Дини Мӯсо ҳақ бидонед,
Варо пайғамбари барҳақ бихонед.
Салоҳ он ки, ба ӯ имон биёрем,
Дилу ҷон бо Худои ӯ супорем.
Кунем саҷда Худованди ҷаҳонро,
Худованди ҳама кавну маконро [14,285].

Мирзо Қадам муътақид бар он аст, ки ҳақро ҳақ ва ботилро ботил донистан барои ҳар як инсон волотарин поя аст.

Дар «Қасас-ул-анбиё»-ҳо чи мансур ва чи манзум қиссаи Шамъун (а) ва рафтори ӯ барои дӯстону душманон мавриди ибрату пайравӣ мебошад. Ӯ солро се тақсим карда, дар ҳиссаи аввал ҷиҳод, ба дувум ибодат мекард ва ба севум ба муҳтоҷон таом медод. Ҳар се амали ин марди тамом аз ахлоқи некӯ, пайравии ӯ аз Ҳақ буд, ки манфиаташ ба аҳли имон ва зиёнаш бар куффор мерасид.

Қиссаи модару писари обид дар аҳди Довуд (а) низ қиссаи таъсирбахшу ибратнамо аст. Модару писар дар савмаа (дайр) бо қаноат зиста, ибодати Худо мекарданд ва дигар ба чизе ниёз надоштанд. Як лаҳза гирифторӣ ба ҳавою ҳавос писарро ба роҳи хато бурд.

Говро куштанд, гӯшташро тановул карданд, агарчанде модар ӯро аз ин амали беҷо манъ карда буд. Ӯ хӯрдани моли ғайрро амали номатбуъ медонист ва бархостани шумиеро аз он бозгӯ карда буд:

Говро макуш, ки моли ғайр аст,

Моли ғайр хӯрданаш бехайр аст [14,314].

Фарқи ҳалолу ҳаром, донистани ҳақи хешу бегона дар назди Худованд аҷри азим дорад. Ва ин нуктаро Мирзо Қадам ҳам дар «Қасас-ул-анбиё» ва ҳам дар қисмати зиёди ашъори девонаш маротибҳо гӯшзад ва таъкид намудааст. Модар аз надомат сухан мегӯяд:

То ба воситаи хӯрдани ҳаром,

Мешавем расво миёни хосу ом [14,314].

Занро бо писараш ба додгоҳ кашиданд. Ҳазрати Довуд (а) соҳиби говро як маблағе дод, ки баҳои он буд. Ӯ напазируфт. Танҳо қасдаш куштани онҳо буд. Чун кор ба ин дараҷа расид, ҳазрати Ҷабраил (а) омад ва парда аз кори соҳиби гов бардошт. Яъне, ӯ чокаре буд зердасти падари писар ва шавҳари модар. Ӯ хоҷаи худро кушта, молашро ғанимат гирифта, бой гардида буд, яъне хиёнат карда буд. Сазои хиёнаткор ҷазои бад гирифтан буд. Ин суханҳо миёни мардум шуд ва парда аз рӯйи кор афтод. Чеҳраи соҳиби гов падид омад ва ҳақ ба ҳақдор расид, адлу инсоф ҷойи бедодию зулмро гирифт.

Ба андешаи дурусти Мирзо Қадам, покӣ покиро ба бор меорад ва ҳеҷ гоҳе Худованд поконро шармсор накардааст. Асари покӣ раҳмат ба бор меорад, сарморо гармо, ғаму андӯҳро нишот, бесамарро босамар ва хушкро сабз мегардонад. Дар тасвири қисса чун Марям Исо (а)-ро таваллуд сохт, рутабае ё хурмое, ки дар зери он буданд, сабз гашт ва мева бор овард:

Чун ҷудо шуд аз вай он зебописар

Сабз шуд хурмои хушки бесамар.

Рутаби тоза падид овард он,

Чашмае аз қудрати Ҳақ шуд равон [14,321].

Тавре дар фасли гузашта ишора рафт, «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам бо пайғамбарии Исо (а) ба поён мерасад. Ҳамин ҳам ҷойи шукр аст,ки он чи аз ин асар ба мо расида, баёнгари он мебошад, ки дар баробари фарҳангӣ ва динӣ будан, нусхаҳои онҳо асари хонданӣ ва зарурии таълимӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ буда, дар ҳар қисса инсонҳоро ба сӯйи некию некӯкорӣ, ростию растагорӣ, сидқу сафо, сабурию меваи ширини он, покию покизагӣ ҳидоят месозад.

Биё, эй дил, бикун нақли батамкин,
Ки бошад мӯъминонро панди таҳсин [14,102].

Хулоса,аз мазмуну мундариҷаи ғоявии ашъори Мирзо Қадам бармеояд,ки нигоҳи вай ба ҳаёти фарогири замонаш бо оҳангҳои иҷтимоӣ дар ҷомаи осори лирикӣ ва Қасас-ул-анбиё-и манзуми ӯ воқеъбинона баён ёфта, бароямон вижа будани махсусиятҳои коргоҳи эҷодии мавсуфро нишон медиҳад. Вай аз ин коргоҳ ба ҷомеа некбин аст ва ҳамнавъонро ба ин роҳ ҳидоят менамояд.

# БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ САБКИВУ БАДЕИИ АШЪОРИ МИРЗО ҚАДАМ

## 3.1. Забону сабки баёни ашъори Мирзо Қадам ва марҳилаҳои ташаккули он

Ҳар як асари бадеӣ, хоҳ хурд аст, хоҳ бузург, тавассути забон баён карда шуда, рӯйи коғаз меояд. Адиб вобаста ба мавзӯи интихобкардааш забонро ба тамоми зарфияту имконоташ ба кор бурда, суханашро зинат мебахшад ва онро аз ҳар ҷиҳат ҷолибу хонданӣ ба ҷилва меорад.

Забони истифода дар хонавода ё идора, таърихнигорӣ, достонсароӣ, андарзномагӯӣ дигар мебошаду олами ишқу шӯру шанги он дигар ва баёни масаррату сӯгномаҳо, илму ҳикмат ва ғ. равиши дигари баён дорад. Биноан, осори адабии адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷику форс, вобаста ба қаринаи фазо ва вақт, табиату ҳолати суханварӣ дар қисса ва қиссанависӣ ва монанди инҳо мутафовит буда, ҳар яке дорои вижагию зарфияти хос аст. Ба ин маънӣ, агар ба «Чор дарвеш», «Калила ва Димна», «Тӯтинома», «Ҷамеъ-ул-ҳикоёт», «Саргузашти Ҳотами Той», «Искандарнома», «Самаки Айёр», «Амир Ҳамза», «Қасас-ул-анбиё»-и мансур ва забони баёни онҳо таваҷҷӯҳи амиқ равад, андешаи пешгузошта худ ба худ равшан мегардад. Дигар ин ки забони навишта шудани ин даста асарҳо, ба замони навишта шудани онҳо ва макони навишта шудани онҳо низ сахт марбут аст, ки инро бояд нодида нагирифт.

Агар аз ҳамин нигоҳ ба осори адабии Мирзо Қадам, ки ба мо мондааст, таваҷҷӯҳ равад, мебинем, ки забони осори ӯ равону сода буда, ба доираи васеи хонандагон нигаронида шудааст. Забони ашъори ӯ дар муқоиса бо забони осори манзуми шоирони пеш аз ӯ гузашта ва ҳатто баъзе ҳамзамононаш, ки дар марказҳои фарҳангии он замон, монанди Самарқанду Бухоро ва атрофу акнофи ин ду маркази бузургу қудратманди адабӣ кору фаъолияти эҷодӣ доштанду калимаву ибораҳои арабӣ ва сабки душворписанди Бедилиро бештар истифода мекарданд,

равону оммафаҳм аст, ки ин тасодуфӣ набуда, авомил ва аҷобати худро дорад.

Дар ҳавзаи адабии Бадахшон ва Хатлони замони Мирзо Қадам, минҷумла ҳавзаи адабии Роғ, ки аксар мардум аз омӯзишу дониш дур буданду барои умум шароити мусоиди фарогирии таълим набуд, бо забони фаҳмо навишта диққати ҳамнавъонро бо масоили зиёди зиндагии рӯз ҷалб намудан, аз масъулиятшиносии адибон дар назди ҷомеа маҳсуб меёфт.

Хусусияти дигари забони осори манзуми Мирзо Қадам, ба хусус «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯро дар он мебинем, ки дар муқоиса бо шоирони маҳаллии Роғи Хатлон ва Бухорои Шарқӣ ва дар истифода аз забони гуфтугӯии мардуми паҳлӯ ба паҳлӯяш қадам задаву ҳаёт ба сар мебурда, Мирзо Қадам самаранок истифода намуда будааст.

Вале бо ин андеша гуфта наметавонем, ки Мирзо Қадам дар осораш танҳо мафтуни забони лаҳҷавӣ шуда, аз имкониятҳои мавҷудаи забони адабии тоҷику форс истифода накардааст. Дар навиштаҳои ин адиби ҳавзаи адабии Роғи Хатлон ҳам забони асили садсолаҳо ба адабиёту фарҳангамон хидматнамудаи адабӣ, ҳам шеваи шевои маҳаллӣ тавъам омадаанд. Искандар Икромов ба ин паҳлӯи эҷодиёти Мирзо Қадам низ аҳамияти вижа дода, навишта буд, ки «Забони ашъори Мирзо Қадам сода ва равон буда, дар каломи ӯ таъбиру иборaҳо, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ фаровон истифода шудаанд. Ҳатто баъзе шеърҳояш ба лаҳҷаи роғӣ суруда шуда, аксарияти ғазалҳои Мирзо Қадам бо мусиқӣ ҷӯранд» [13,27].

Новобаста ба он ки мероси манзум, ба хусус ашъори лирикии Мирзо Қадам ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ то замони мо ба пуррагӣ омада нарасидаанд, аз рӯйи ҳамин ашъори парешон ӯ дар бораи дараҷаи забони офаридаҳояш ва хусусиятҳои бадеии осори осори манзуми ӯ метавон баъзе андешаҳо баён намуда, мақому мавқеи ӯро дар равияи умумии шеъри он замон муайян намоем.

Дар ашъори лирикии шоир, махсусан ғазалиёту маснавиҳои хурди ӯ мо ду марҳилаи ташаккули сабку услуби эҷодиро мушоҳида намудем:

Марҳилаи аввал ин аст, ки Мирзо Қадам кӯшидааст, ки ба суханварони пешини адабиётамон пайравӣ намояд. Намунаи ин марҳилаи эҷодии шоирро мо дар пайравии вай ба осори нобу бегазанди бузургони адаб, аз он ҷумла ашъори Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мебинем. Хоҷа Ҳофиз ғазали марғубу равоне дорад, ки матни пуррааш ин аст:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад.
Тарфи чаману тавофи бӯстон
Бе лолаузор хуш набошад.
Рақсидани сарву ҳолати гул
Бе савти ҳазор хуш набошад.
Ҳар нақше, ки дасти ақл бандад,
Ҷуз нақши нигор хуш набошад.
Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад [20, 213].

Мирзо Қадам ба ин ғазал дар ҳаҷми 14 байт ҷавобия гуфтааст, ки барои муқоиса овардани онро салоҳ медонем:

Онро, ки нигор хуш набошад,
Олам ҳама ёр, хуш набошад.
Гар даст диҳад ҳазор давлат,
Бе суҳбати ёр хуш набошад.
Маҷнун, ба ҳазор боғу бустон
Бе Лайлӣ гузор хуш набошад.
Он кас ки сафар ба пеш дорад.
Шаб хоби хумор хуш набошад.
Бо коргарон расид хуршед,
Рафтан бари кор хуш набошад.
Хуршед сафедрӯй бошад,

Пирона ба кор хуш набошад.
Кас қодири касбу кор бошад,
Биншаста қарор хуш набошад.
Бе назру ниёзу чашми гирён
Рафтан ба мазор хуш набошад.
Бе ҷамъи дилу ҳаловати тан
Сӯфӣ ба хумор хуш набошад.
Дар ҳолати ғам садои ханда
Дар гӯши ғамдор хуш набошад.
Бо аҳли тамиз хурок хӯрдан
Дар рӯз ду бор хуш набошад
Бе зину лаҷому тозиёна,
Бар асп савор хуш набошад.
Ҳар байти Қадам бувад насиҳат
Рав, гӯш надор, хуш набошад![13,56]

Қофияи ғазали Хоҷа Ҳофиз «ёр», «баҳор», «лолаузор», «ҳазор», «нигор» ва «нисор»-анд ва дар он такрори қофияро намебинем. Дар ғазали Мирзо Қадам, калимаҳои «нигор», «ёр», «ёр», «гузор», «хумор», «кор», «кор», «қарор», «мазор», «хумор», «ғамдор», «бор», «савор» ва «надор» ҳамқофия шуда омадаанд. Дар ғазали пайвастшуда ду бор «ёр» ва «кор» ба сифати қофия истифода шудаанд. Ин ба он хотир аст, ки дар ғазали баъд аз асри 15 такрор омадани қофия ҳусни ғазалро чандон намекоҳонад ва Мирзо Қадам аз ҳамин нигоҳ ба такрори қофия роҳ додааст. Мусалламан, ғазалҳо ҳамвазн буда, радифашон «хуш набошад», ба мӯҳтавои онҳо сахт алоқаманду оҳанги таъкидии ҷолиберо ба вуҷуд овардааст.

Дар ниҳоди ғазали Ҳофизи лисонулғайб, ки дар назари аввал ошиқона менамояд, оҳанги орифона нуҳӯфтааст. Муҳиб бе маҳбуб, яъне «гул бе рухи ёр» ва «баҳор бе бода», яъне сархушӣ ба ҳеҷ ваҷҳ хуш нест ва ҳар чи ақл дар тасаввури худ меғунҷонад, ҳамоно нақши нигорест, ки

ошиқ гирифтораш аст. Ва дар фароварди ғазали Хоҷа Ҳофиз, яъне дар ниҳоди мақтаи он ҳамон саҳна нуҳуфтааст, ки **ҷон** пойи малах асту **муҳиб** мӯр ва **маҳбуб** Сулаймон (а) бошад. Ҳунари рони малахе бурдан саҳл аст, валекин ҳунар аст аз мӯр.

Дар ин маврид ғазали Мирзо Қадам тӯлонӣ буда, агар дар оғоз оҳанги ишқӣ, бешубҳа ишқи ирфонӣ дошта бошад [байтҳои 1,2,3], дар байтҳои минбаъда он оҳанги иҷтимоиро касб кардааст, ки ҳоҷат ба тафсил нест. Дар мақтаъи ғазал Мирзо Қадам таъкид менамояд, ки ҳар чи ӯ барои ҳаммаслакон гуфтааст, насиҳат мебошад ва оне, ки гӯши насиҳатшунав надорад, метавонад ба он эътибор надиҳад. Ҳамин намуна ва муқобилаву муқоисаи он ба мо имконият медиҳад, ки маҳорати шоирии Мирзо Қадамро дар пайравӣ аз гузаштагони ғазалсарои пешина мусбат арзёбӣ намоем. Ҳамин аст, ки бе ба ҳисоб гирифтани мактаби ғазалсароёни гузашта амри муҳол аст, ки роҷеъ ба ҳунари ғазалсароии Мирзо Қадам ибрози андеша намоем.

Марҳилаи дувум дар ғазалиёти шоир, ин сабку равиши ба худаш хос мебошад, ки он бештар ба мӯҳтавои осори лирикии ӯ ифода ёфтааст. Ин ҳам бошад, ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва динӣ даст задани Мирзо Қадам аст ва тавре дар боби гузашта дида шуд, бо ҷанбаи назарраси таълимӣ ва тарбиявӣ-ахлоқӣ бар манфиати ҷомеаи замон равона гардидааст. Ин оҳангҳо, агарчи дар осори лирикии шоирони пеш аз Мирзо Қадам зиёд дида мешаванд, дар назми ӯ ба тарзи хосаву ҷудогонае зоҳир гаштаанд. Ба хусус ба дини мубини Ислом ва аркони он таваҷҷӯҳ кардани шоир, дар ин роҳ собитқадам буданро ташвиқ намудани ӯ, дар намозу рӯзаю тоату ибодат покиза нигоҳ доштани тану ҷонро ба таъкид гӯшрас намуданаш ба аҳли Ислом алайҳи касифиҳо ва ғайра мубориза бурдан худ ба худ сабки вижаи нигориши суханварро нишон медиҳанд.

Мирзо Қадам вақте ба майдони адабиёт омаду ба эҷоди бадеӣ, гуфтани ашъори лирикӣ ва ба назм даровардани «Қасас-ул-анбиё», оғоз намуд, ки дар адабиёти ғановатманди мо то ӯ «... кайҳо формулаҳои

собити услубӣ, системаи образҳо, рамзҳои бадеӣ, воситаҳои тасвиру баён, аз ҷумла тавсиф, ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, талмеҳ, маҷоз ва ғайра дар шакли анъана идома дошт» [72,114]. Бояд гуфт, ки ӯ аз ин анъанаи камолёфта дар канор набуд ва аз чаҳор унсури шеър: мавзӯъ, вазн, қофия ва бадеъ қадри имкон истифода намудааст [16,35-47]. Аз ин рӯ, Мирзо Қадам дар тамоми осори манзумаш ҳамчун давомдиҳандаи анъанаҳои беҳтарини шоирони пешин буда, асосан аз печидагии сухан, муғлақбаёнӣ ва ороишҳои сунъӣ дар каломи бадеӣ худдорӣ намудааст. Забон ва сабки баёни вай содаву равон буда, ба мардуми одӣ нигаронида шуда, кӯшиш намудааст, ки мавзӯъро аз воқеияти зиндагӣ гирифта, ба фаҳму идроки ниёзмандони ашъораш мувофиқу ҳамоҳанг созад.

Мирзо Қадам, ки дур аз марказҳои бошукӯҳи фарҳангии замон ба камоли суханварӣ расида буд, дар ашъораш, ҳам дар «Девон» ва ҳам дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худ, аз калимаю таркибу ибораҳои мардуми маҳаллӣ ва зарбулмасалу мақолаҳо озодона истифода намудааст, ки ин ҷиҳати дигари сабки баёни ӯ дониста мешавад. Вай дар ин маврид бештар ба сабки нигориши шоирони ҳавзаи адабии Роғи Хатлон такя намуда будааст. Вақте ба эҷодиёти шоир таваҷҷӯҳи комил равад, мебинем, ки вай аз ин таъбиру ибораҳо барои пурқувват намудани абёти ҷудогона ва гузашта аз ин, бо мақсади нишон додани маҳорати суханофарии хеш ба маврид кор гирифтааст.

Дар воқеъ, Мирзо Қадам дар шеър аз шеваи гуфтугӯи роғиён, аз таъбиру мақолҳои халқӣ хеле хуб истифода бурда тавонистааст. Зарбулмасалу мақолҳое, ки шоир дар эҷодиёташ мавриди истифода қарор додааст, агарчи дар навиштаи пешиниён мавҷуданд, боз ҳам дар ин ҷо оҳангу тобиши тоза, вобаста ба мавзӯи интихобкардаи суханвари роғӣ, касб кардаанд. Барои таъйиди андеша чанд мисол меорем:

Эмин машав зи фитнаи ин золи бевафо,
Рӯзе ҳазор шавҳари дилхо-ш медиҳанд [13,54].
Мазан ҳарфе зи бебокӣ дигар дам,
Ба айби худ бибин, касро мазан санг [13,88].

Зоғ дар саҳни чаман сайри гулистон мекунад,

Булбули бехонумон дар гӯшае нолону зор [13,92].

Ҳар айб диди̅ дар ҷаҳон, аз хеш ё бегонагон,

Онро агар сози̅ аён, кардан гунаҳ бошад дигар [13,126].

Дар «Қуръон» ин ҳукми «Таврот» бошад,

Ду хоҳар дар як никоҳ ҳаром бошад [14,134].

Бояд гуфт, ки истифодаи зарбулмасалу мақолҳои болои̅, ки бо лутфу зарофати халқи̅ омадаанд, барои дарки матлаби шоир корро осонтар кардаанд, ки ҳоҷат ба тафсири зиёд нест.

Суханвар барои истифода бурдан аз зарбулмасалу мақолҳои халқи̅, дар заминаи истифода аз таъбиру ибораҳои мардуми̅ худ низ кӯшида, ки таъбиру ибораҳои тозае, монанди «ҳазормаҳзаб», «зарби таҳсин», «кӯрдида», «таби фироқ», «тири пурхун», «чашми гӯсфанд», «серу гурусна», «ҳарбу иқбол», «миллати покон», «хуршеди фитна» ва ғайра сохта, забони баёнашро ҳар чи бештар ғани̅ гардонад.

Мирзо Қадам, ки худ марди тақводор буд, дар осораш аз истифодаи калимаву таркибу ибороти араби̅ ва қуръони̅ барканор набудааст. Инро метавон ҳам дар «Девон» ва ҳам дар «Қасас-ул-анбиё»-и шоир дучор омад, ки ин ҳам аз махсусиятҳои сабкии эҷодиёти ӯст. Ин ҷо метавон чанд мисол оварем:

Ёд кардан аз сураю оятҳои қуръони̅:

Ливои ҳашматаш «Тоҳо» ва «Ёсин»,

«Фатаҳно» фатҳи боби шаҳрҳо кард [13,100].

Таркиби қуръони̅:

Оянд фариштагону рӯҳ бо олами сабзу футӯҳ,

«Фиҳо би изни раббиҳим мин кулли амрин» хайру шар [13,103].

Дар ҷои дигар:

Гуфт: - Бигӯед «ло илоҳа илаллоҳ»,

Бо шумоёнам Расулуллоҳ [14,34].

Тавре ишора шуд, дар забони осори то ба мо расидаи Мирзо Қадам унсурҳои гӯиши умумимаҳаллӣ ва хусусан, таъсири лаҳҷаи мардуми Роғ, ки муаллиф намояндаи он аст, зиёд ба назар мерасад. Шоир ба ҷойи исмҳои «бародар» ва «кӯдак» калимаҳои «биёр» ва «гӯлак»-ро хеле зебо истифода кардааст:

Кори вай тарсам, ки чун кори Юсуф
Бикунед андар халқи **биёри** Юсуф [14,207].

Ва:

Ёд аз он рӯзе, ки будам **гӯлаки** бефикру кор,
Бехабар аз хеш будам, фориғ аз гуфтугузор [13,45].

Ё ин ки Мирзо Қадам ба ҷойи калимаи «фиристодан» таркиби шевагии «роӣ кардан»-ро истифода намудааст:

Гуфт: - Ин номаҳоро навиштам,
Хостам, ки ба шумо **роӣ кунам** [14,233].

Дар байти зер калимаҳои «мерӣ» ва «балам» ба ҷойи феъли «меравӣ» ва исми «бача»-ам истеъмол гардидааст:

Рақиб гуфт, ки куҷо **мерӣ балам,**
Гуфт: - Ба омӯхтани ҷоду меравам [14,23].

Мирзо Қадам дар бештар маврид пасоянди «ро»-ро дар калима ба «а» иваз намуда, аз як тараф шеваи роғӣ ва аз тарафи дигар шеваи хатлониро истифода намуда бошад, гоҳо барои нигоҳ доштани вазни шеър аз лаҳҷаи мардуми маҳаллӣ баҳра гирифтааст:

**Юсуфа** ба ман бидеҳ, эй меҳрубон,
То шавам хуррам ба рӯяш ҳар замон [14,140].

Ва:

Ки чаро он **марда** кардӣ зиндон,
Ки чунин аз вай диҳан (д) ба ман нишон [14,187].

Ва ё:

Барад ин **ҳезума** андар сарое,
Кунам пухта таъоми подшоҳӣ [14,258).

Бо таъсири шеваи Роғу роғиёни Хатлонзамин дар баъзе байту мисраъҳои «Қасас-ул-анбиё»-и манзум гоҳо ҳазв шудани ҳамсадоҳои «д» ва «т»-ро метавон мушоҳида намуд. Чунончи:

Говҳои фарбеҳро говҳои лоғар
Хӯрдаанд, на беҳ шудаанд, на батар [14,183].

Дар ин байт аз калимаи «бадтар» ҳамсадои «д» афтодаю ҳифз гардида, шакли «батар»-ро гирифтааст ва инро ба ғайр аз шеваи гуфтугӯии роғиён, дар шеваҳо зиёди мардуми тоҷик метавон дарёфт.

Шоир феъли «мондааст»-ро дар шакли маҳаллии «мондак» кор фармудааст:

Аскари ислом **мондак** пеши Иброҳимбек,
Тахту бахти мамлакат охир киро мебинам [13,171].

Ҳамин тавр, дар нигоштаҳои Мирзо Қадам ба ҷойи **«тоб хӯрдан»-«тол хӯрдан»,** ба ҷои **«дум» - «думб»**, ба ҷойи **«гузарад»- «гузара»**, ба ҷойи **«набара»-«набарад»**, ба ҷойи **«бародар»-«биёдар»**, ба ҷойи **«нафаромадан»-«нахамбидан»** ва ғайра дар истеъмоли озоди асари манзум қарор доранд.

Мирзо Қадам дар осораш калимаҳоеро истифода намудааст ё сохтааст, ки мо онро дар ашъори шоирони пешин ва ҳамзамони ӯ дарнаёфтаем, монанди «олиҷавонмард», «покизалесӣ», «оташба», «бемурувватпеша» ва ғайра. Чунончи:

Ҳар куҷо **олиҷавонмарде**, ки соҳибном буд,
Ҳамчу Анвар – подшоҳ гулгунқабо мебинам [13,171].

Шоир ҳангоми ба назм даровардани қиссаҳои мансур барои бовариноктар ифодашавии суханаш бомаҳорат аз матнҳои мавҷуда истифода кардааст. Масалан, дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум аз калимаву таркибҳои «ровӣ», «қисса», «ривоят», «ровиён», «қавли дигар» (барои бовариноктар ё овардани варианти дигари он – Р.М.), «овардаанд», «ровиёни нақл», «ҳикояти қалил» ва ғайра борҳо истифода намудааст:

Ровиён **кардан** (д) ривоят инчунин,

Аз ҳикоятҳои рӯзи пеш аз ин [14,199].

Вақте Мирзо Қадам қиссаи Мӯсо (а)-ро ба назм медарорад, ба худ ҷиддан таъкид менамояд, ки:

Ҳикоятҳои пешин ёд овар,
Барои ҳамнишинонат дар ин дар.
Дар ин қисса чӣ санъатҳост пайдо?!
Аз он пайдоиши ҳазрати Мӯсо.
Қадам, назмаш бикун бо қадри дониш,
Ки монад ёдгоре достонаш [14,246].

Ин ҳам як паҳлӯи хусусияти сабкии осори бадеии Мирзо Қадам ба шумор меравад,ки шоир ҳини ба назм даровардани асари мавриди назар истифода кардааст.

Дар баробари нишон додани баъзе хусусиятҳои сабкии осори манзуми Мирзо Қадам ҳаминро ҳам бояд кушоду равшан таъкид намуд, ки дар эҷодиёти шоир ғалатҳои вазнӣ ва нодуруст истифода гардидани ҳусни қофия ба назар мерасад. Адабиётшинос И. Икромов ин норасоию костагиҳоро дар истифодаи шоир аз шеваи маҳаллӣ донистааст [14,23-29] ки мо ҷонибдори ин гуфта нестем. Дар ин маврид бояд гуфт, ки Мирзо Қадам баъди эҷоди асарҳояш, ба хусус «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худ, онро натавониста ё фурсат даст надода, ки дубора таҷдиди назар намояд. Инак, чанд мисол аз костагиҳои вазну қофия дар сурудаҳои Мирзо Қадамро чун намуна меорем:

Дар шабонрӯз пурсандат, ки чанд ракъат намоз,
Гӯ ҷавоб, ки сиву ду ракъат бувад, эй аҳли роз [13,66].
Назм кардем ба номи кирдгор,
То бимонад баъди ман дар рӯзгор [13,156].
Қавли дигар он, ки киштӣ се табақ,
Буд ҳар ҷинс бо ҳар як табақ [14,40].
Исмоилро дид бузург шуда-ст,
Хоҷа гуфто, ки падарат аст [14,104].

Дар ҳар чаҳор мисоли овардашуда дар навбати аввал норасоии вазни шеърӣ мушоҳида гардад, дар навбати дувум дар байтҳои севум ва чаҳорум дар баробари норасоии вазнӣ ночӯриҳои қофия низ ба чашм мерасад. Чунин мисолҳо дар офаридаҳои Мирзо Қадам зиёд буда, сабки равону содаи шоирро то андозае халалдор кардаанд.

Бо вуҷуди ин, баррасии фавқ моро ба хулосае меорад, ки Мирзо Қадам аз имконоти васеи забони адабӣ ба қадри тавону ҳайсияти худ истифода намуда, ашъори ҷолибу ибратбахш, равон ва ба дарку фаҳми хонанда наздик эҷод карда, ҳиссаи хешро дар ғановатмандии адабиёти тоҷик гузоштааст. Қадам чун ҳамаи шуарои давраи классикӣ аз фасоҳату балоғати забони арабӣ, Қуръон ва аҳодиси набавӣ, ақволи бузургон, фарҳанги маҳалливу умумиминтақавӣ огоҳ буда, онҳоро ба мавриду дар мавқеи ба худ хос ба кор бурдааст.

Гузашта аз ин, шоир ҳамеша пайи такмили дониш ва баланд кардани савияи суханофаринии хеш будааст. Ин аст, ки дар ашъори вай ду марҳилаи ташаккули сабкӣ ба мушоҳида расид, ки аввалӣ дар партави шеъри классикӣ сухан гуфтани шоир ва дигаре чун шоири мустақил ба эҷоди каломи мавзун машғул шудани вай аст. Дар муҳити басарбурдаи шоир ба чунин дастовардҳои адабӣ ноил шудан шаҳодати он аст, ки бо Мирзо Қадам истеъдоди фитрӣ ва ҳунари модарзодии суханофаринӣ ҳамроҳ будааст.

## 3.2. Хусусиятҳои бадеии ашъори Мирзо Қадам

Мусаллам аст, бадеият аз унсурҳои зотии адабиёт аст. Аз ин рӯ, эҷодкори бомаҳорат ҳеҷ наметавонад, ки аз ин муҳассанот сарфи назар кунад. Аз ҷумлаи чунин суханварон Мирзо Қадам аст, ки дар шеъраш барои офаридани маъниҳои тозаву бикр аз санъатҳои бадеӣ хеле моҳирона ва шоирона истифода намудааст.

Мирзо Қадам дар осори манзуми худ, пеш аз ҳама ба санъати бадеии тавсиф рӯ овардааст, чунки ин санъат "... аввалин, содатарин, анъанавитарин тариқи гӯиш дар шеъри форсии тоҷикӣ" [72, 150] дониста шудааст. Бале, дар адабиёти китобию шифоҳии мардуми форсигӯй ин санъати бадеӣ дар шеър мақоми шоиста дошта, корбурдаш бисёр маъмул буда, бо ин хусусияти анъанавӣ касб кардааст. Санъати **тавсифро** мо бештар дар «Қасас-ул-авлиё»-и манзуми Мирзо Қадам мебинем. Масалан, дар байтҳои зерин саҳнаи дар ойина худро дида, мағрур гардидани Юсуф (а) чунин тавсиф шудааст:

Аҳли дониш карданд инро баён,
Сабаби бандагии Юсуф аз он,
Буд он рӯзе, ки андар ойина,
Сурати худро бикард муоина.
Гуфт бо худ: - Ман, ки мебудам ғулом,
Қиматамро кас надонистӣ тамом.
Ҳусну латофати вай буд ончунон,
Ҳар таомеро, ки мехӯрдӣ ҳамон,
Дар гулӯи нозукаш менамоид,
Он таомро буд ҳар лавне падид.
Дид дар ойина ҳусни рӯи худ,
Шуд мағрури ҷамоли рӯи худ [14,155].

Дар мисоли зер шоир тавассути санъати тавсиф аввал диққати хонандаро ба лабони пуршаҳди дилбар, сипас ба дандонҳои дурру

гавҳар, сониян ба рухсораҳои тар ва ниҳоят, ба чашмони хумори маъшуқа ҷалб намудааст:

Лабони шаҳду шаккарат, дандонҳои гавҳарат,

Рухсори садбарги тарат, чашмони пурхуммор ку? [13,94]

Дар ин байт ба воситаи тавсиф симои зоҳирии маъшуқа офарида шуда, ба ин васила муносибати субъективонаи шоир низ нисбат ба зебоии маъшуқа ифода гардидааст. Тавсиф дар ин ҷо ҳамчун муайянкунандаи бадеӣ омадааст, гап дар он аст, ки “тавсиф ҳам дорои фикр ва ҳам ифодаи дараҷаи аввали эстетикӣ” [125,154] ба инобат гирифта шудааст.

Дар байти дигари ғазал шоир қомату мӯю зулфу рухи қаҳрамони лирикии худро ба таври зайл тавсиф намудааст, ки бисёр мувофиқ мебошад:

Он қаду қомати хушат, мӯҳои мушки ғулғулат,

Зулфи сиёҳи сунбулат бо рухи гулузор ку? [13,94]

Чунончи ба қаду қомат хушояндӣ, ба мӯй- мушку ғулғуладорӣ, ба зулф-сиёҳиву сунбулӣ, ба рӯй -гулъузориро васфи муносиб дида, бо ифодаи пурсиш дар айёми муайян ба куҷо рафтани ин ҳамаро аз мухотаби хеш пурсон шудааст. Дар ҳоле ки шоир, ба вуҷуд омадани ин тағйироти ногузирро медонад. Ва ин ҷо **санъати таҷоҳули ориф** низ ба маврид истифода гардидааст.

Дар намунаи зайл шоир ба тавсифи коғаз, ки беҳтарин кашфиёти бани башар асту маҳз тавассути он осори гузаштаи мо то имрӯз омада расида ва рӯйи ҳамрафта ҳазорҳо фазилатро дар худ дорад, пардохта онро “шайъи хуби ба короянда дар рӯзгор, коғазгариро хубрин касб, нигаҳдорандаи аҳду паймон, сарриштаи рӯзгори одам дар тамоми корҳо, салому паёмсасон миёни дӯстон дар ҳар диёр, ёри азизу марҳами роз” ва ғайра ба қалам додааст:

Эй он ки бувад ба кор коғаз,

Дар олами рӯзгор коғаз.

Беҳ аз ҳама касбу кори дунё,

Касбе ки бувад ба кор коғаз.

Сарриштаи рӯзгори одам,

Мебош ба куллӣ кор коғаз.

Пайғому каломи дӯст бо дӯст,

Мебурда ба ҳар диёр коғаз.

Чун ёри азизу маҳрами роз,

Бо котиби дилфигор коғаз [13,57].

Дар фароварди ғазал, шоир боз чанд тавсифи зеборо пешорӯйи хунандаи худ гузоштааст, ки зикри яке аз онҳо дар абёти боло ба ифодаи “котиби дилфигор” рафт. Тавсифоти дигари шоир дар ин ғазал: “мардуми дӯстдор, мардуми бехабар ва килки лоғар” мебошад:

Эй руқъа бигӯ зи ман саломе,

Бо мардуми дӯстдор коғаз.

Оранда хабар зи ҳар диёре,

Бо мардуми бехабар қоғаз...

Бинвишт Қадам ба килки лоғар,

Коми дили ман барор коғаз [13,57].

Ин тавсифот ба мазмуни умумии ғазал махсусан, бо коғаз таносуби вижаи маъноӣ дода шудаанд, ки аз дарёфту маъиофаринии шоир дарак медиҳад. Гузашта аз ин, дар ғазали мазкур саноеъи дигар низ истифода шудаанд.

Дар шеъри шоир паси ҳам овардани сифатҳои мусалсали касе ва чизе зиёд ба назар мерасад. Ин амалро вай барои беҳтару хубтар ба риштаи тасвир кашидани манбаи мавриди назараш ба кор бурда, аз як тараф балоғати шеъри худро таъмин карда бошад, аз тарафи дигар як навъ самимияташро нисбат ба объекти тасвир нишон додааст. Ин амали эҷодиро суханшиносони классикии мо **тансиқуссифот** гуфтаанд. Мирзо Қадам санъати мазкурро хеле зиёд ба кор бурдааст:

Бо қаноат бош бо халқи Худо,

Хурраму хандону беозор бош [13,48].

Дар ин байт мисраи дуюм сифатчинии таъкидист. Дар мисоли дигар бошад, шоир асли сифачиниро ба кор бурда, афсофи нозанинро хеле муносиб ба қалам додааст:

Ман асири чашми ҷодуят шудам, эй нозанин,

Бандаи холи лабу зулфи сиёҳи анбарин [13,93].

Дар баробар ин, дар ин байт **санъати ҳашв** низ бакор рафтааст, ки он нидои “эй нозанин” ифода шуда, аз навъи малеҳ маҳсуб меёбад. Дар шеъри шоирони бузург чун Ҳофиз навъи мазкури ҳашв зиёд ба кор рафтааст, ки мисли байти боло мазмуни умумии сухан ба он сахт вобаста мебошад.

Чун санъати тавсиф дар осори Мирзо Қадам ба санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, бароати истеҳлол, такрор, киноя, талмеҳ, саволу ҷавоб, таҷнис ва ғайра низ ба кор бурда шудааст, ки хеле бамавриду хотирмону гӯшнавозанд.

Бояд гуфт, ки дар ашъори Мирзо Қадам, хоса дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ **санъати ташбеҳ** вобаста ба равиши қисса ва дар «Девон»-и ӯ вобаста ба вижагии тасвир зиёд истифода гардидааст. Масалан, дар «Девон»-и шоир чунин омадааст:

Одамӣ бошад ниҳолу илм ҳамчун ҷӯи об,

Хуш ниҳоле, ки бувад андар лаби ҷӯяш гузар [13,76].

Дар ин мисол одамӣ ба «ниҳол» ва илм ба «ҷӯи об», ки ниҳол ба об ҳамеша ниёз дорад, ташбеҳ шудааст. Шоир барои ифода шудани ин маънӣ ва панд додан ба мухотаби худ, дар як мисраъ ду ташбеҳро ба ҳам оварда, дар мисраи баъдии байт тамоюли ногузири якеро ба дигаре ба таври мусбат ба қалам додааст. Гузашта аз ин, ташбеҳи мазкур навъи рӯшан буда, дар он чор унсури ташбеҳсоз: ташбеҳшаванда: одам ва илм; ташбеҳкунанда: ниҳолу об; ҳамчун одоти ташбеҳ ва бошаду лаби ҷӯю гузар кардан ба он сабаби монандӣ иштирок кардааст.

Ҳанӯз дар асри XII Рашиди Ватвот дар шарҳи мавҳуми ташбеҳ дар рисолаи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър”чунин навиштааст: «Ин санъат чунин бувад, ки дабир ё шоир чизе ба чизе монанд кунад дар сифате аз сифот ва аҳли луғат он чизро, ки монанд кунанд, мушаббаҳ хонанд ва онро, ки бад-ӯ монанда кунанд, мушаббаҳбиҳӣ» [3,171] ва ин ҳар ду талаботро дар мисоли болоӣ метавон дарёфт.

Дар байти зерин, шоир ба зудгузарии умр ва фурсати ками дар ихтиёрдоштани инсон таъкид варзида, шабнами рӯйи гулро ташбеҳкунандаи ин ҳолат ба қалам додааст:

Зиндагоният дар ин дунё Қадам,

Ҳамчу шабнам бар сари гулзор бош [13,48].

Ин ҷо низ шоир аз навъи рӯшани ташбеҳ истифода намудааст.

Дар мисоли зайл бошад, шоир “оина”-ро ба ҳайси ташбеҳкунанда мавриди истифода карор дода, ба ин тавассут ҳамоно хонандаи худро ба хушахлоқӣ даъват намудааст:

Бош чун оина рӯ бо ҳар баду нек ошно,

То шавӣ раҳёб дар ҳар ҷайби хубу гандае [13,42].

Манзури шоир аз ин байт он аст, ки мисли оина тоза, якрӯ ва ба ҳамагон баробар бояд буд, то дар зиндагӣ ба комёбиву фараҳмандиву раҳкушоӣ ноил гардид.

Намуна аз «Қасас-ул-анбиё»-и манзум:

Бас кушода шуд дарҳои само,

Оби гарме борида то шаш мо(ҳ),

Ҳамчу **ёли асп** буд **бориданаш,**

Баъзе қавл **шошии аспе рехтанаш** [14,41].

Дар ин мисол боридани шадиди борон, ки донаҳояш ниҳоят зич будааст, ба ёли асп ё шошии асп монанд карда шудааст. Дар ин ҷо «ҳамчу» одоти ташбеҳ аст.

Санъати дигаре ки Мирзо Қадам дар ашъори худ истифода бурда, ҳусни суханашро таъмин кардааст, **истиора** мебошад. Истиора бо он ки

ба ташбеҳ монандӣ дорад, бинобар ин онро ташбеҳи пӯшина низ номидаанд. Агар дар ташбеҳ иштироки ду ҷуз: ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда зарур бошад, дар истиора танҳо яке аз ин ҷузъиёт иштирок менамояту халос. Ин ҳам бошад, фақат ташбеҳкунанда аст. Чунончи, дар байти зайл шоир ифодаҳои “моҳи дилрабои ман ва ҷоми ҷаҳоннамои ман”-ро ки манзураш қаҳрамони лирикист, истиора кардааст:

Эй моҳи дилрабои ман, вақти хуши баҳор ку?

Ҷоми ҷаҳоннамои ман, даврони комгор ку [13, 94]?

Ғайр аз ин, байти мазкур дорои муҳассаноти дигари бадеист, ки дар **ҳусни матлаъ** ва **зуқофиятайн** будани он зуҳур ёфтааст. Агар қавофии онро пайи ҳам гузорем, шеъри дигар ҳосил мешавад, қавофии **аабб**-ро молик мегардад. Қофияҳоро шоир дар калимоти “**дилрабо, ҷаҳоннамо ва баҳору комгор”** ҷойгир кардааст, ки ҳар ду ҳам навъи муқаййяд буда, дар яке **о**-равӣ ва дар дигаре **р**-равӣ ва **о**-ридфи муфрад аст. Дар як байт корбурди чандин санъати бадеӣ аз суханвар маҳорати волоро тақозо мекунад, ки инро айни ҳол дар шеъри Мирзо Қадам ба мушоҳида гирифтем.

Аз саноеъи дигари бадеӣ, ки Мирзо Қадам дар ашъори худ бештар ба он таваҷҷӯҳ кардааст, **бароати истеҳлол** мебошад. Шоир ин санъатро ҳам дар девонаш ва ҳам дар «Қасас-ул-авлиё»-и манзуми худ мавриди истифода қарор додааст. Вай тибқи талаботи эҷоди бадеӣ ва завқи суханорфарии худ аксарвақт хонандаашро пешакӣ аз матлаби хеш дар аввали ашъори дар ин ё он жанри адабӣ офаридааш огоҳ менамояд, ки аз вижагиҳои санъати **бароати истеҳлол** маҳсуб меёбад. Чунончи дар матлаи ғазали зайл мебинем, шоир матлаби хешро ба хонандааш пешакӣ ифшо карда, таъкид намудааст, ки “ҳар касе ки соҳибтавфиқ шудааст, пас аз мутолиаи ин ғазал ба корҳои ношоиста даст намезанад”:

Як ғазал гӯям аз кардаҳои нораво,

Ҳар киро тавфиқ бошад, з-ин ҳама дорад ибо [13,41].

Маълум мегардад, ки ғазал моҳияти тарбиявӣ дорад, жанрашро низ шоир худ таъйин кардааст.

Дар матлаи ғазали зерин низ шоир аз равиши болозикр кор гирифта, чунин мефармояд:

Биншав ғазале, ки соли ҳирмон омад,

Айёми баҳору барфу борон омад [13,86].

Аммо дар ин матлаъ на тарбият, балки масоили иҷтимоъ дар бастагӣ ба ҳаводиси табиат баррасӣ шудааст. Манзури шоир аз “соли ҳирмон” соли вазнин ва бенасибист. Гузашта аз ин, **матлаъ дорои ҳусн** аст ва мусиқавияташ баланду мураддаф.

Дар мисоли зайл, шоир “бо шиква аз шайтони лаъин” забон кушода, хонандаашро ҳушдор додааст, ки аз корҳои бад иҷтиноб варзад ва ба найрангҳои душмани даркаминбудаи худ дода нашавад:

Шиквае дорам, шунав, аз дасти шайтони лаъин,

З-он ки бошад душмони инсон доим дар камин [13,82].

Чунонки мебинем, шоир дар ду мисоли мазкур бо феълҳои амрии “шунав” ва “бишнав” хитоб карда, матлабашро ба хонандаи худ ошкор намудааст ва дар мисоли дигар бошад, шакли аористии он: “**гӯям**”-ро ба кор бурдааст. Ҳарчанд шоир фанни шоириро бевосита аз устоди комиле наомӯхтааст, вале он чунонки аз мисолҳои мазбур аён мегардад, вай дар кадом навъи адабӣ сухан гуфтани худро хуб медонистааст.

Ҳамчунонки гуфта омад, санъати **бароати истеҳлол** дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми Мирзо Қадам низ нақши намоён дорад. Шоир ин санъатро мувофиқи табъу завқи худ дар аввали қиссаҳо мавриди истифода қарор додааст. Аммо бо дар назардошти он ки навъи адабии ин ҷо дигар асту мундариҷаи калом васеъ мебошад, вай ба як байт қаноат накарда, пайи ҳам чанд байтро бо санъати мавриди назари мо мувофиқ зинат бахшида, манзури хонанда намудааст. Чунончи, дар “Зикри қурбонӣ кардани Исмоил алайҳиссалом” омадааст:

Биё эй дил, бикун нахли батамкин,

Ки бошад мӯъминонро панди (у) таҳсин...

Шабе Иброҳим дар хоб дида,

Ки қурбон (ӣ) бикун, эй баргузида [14,102].

Манзури шоир аз ибораи “нахли батамкин” ҳазрати Исмоил (а) аст, ки мусалламан, идомаи қисса дар бораи эшон мебошад. Ва Мирзо Қадам бо овардани чанд байте дар оғоз аллакай, хонандаи хешро аз сужети асар воқиф сохтааст.

Дар “Қиссаи ҳазрати Лут пайғамбар алайҳиссалом” низ **бароати истеҳлол** ба маврид истифода гардидааст. Шоир нахуст аз меҳмоншавии фариштагон ба “шаҳристони Лут (а)” сухан кардааст:

Пас фариштагон ба шаҳристони Лут,

Қасд кардан (д), ки шаванд меҳмони Лут [14,120].

Дар идома сабаби ин меҳмонии фариштаҳоро ба хонадони Лут (а) шоир таври зайл ба хонандаи худ ошкор намудааст:

Ва эшон рафтанд ба шаҳристони Лут,

Ба ҳалоки қавми нофармони Лут [14,120].

Дар баёни “Қиссаи ҳазрати Шамъун пайғамбар алайҳиссалом” бо истифода аз санъати мавриди назар, хонандаашро аз рисолати пайғамбарӣ, некӣ ва диловарии симои асосии қисса огоҳ кардааст, ки рағбати мутолиаи бештари он ба хонанда падид меояд:

Чунин гуфтанд, ки Шамъуни пағамбар,

Ки буд аз некмардони диловар [14,305].

Ва ҳамчунин дар “Қиссаи ҳазрати Нӯҳ алайҳиссалом” шоир бо маҳорати том аз санъати мазкур кор гирифта, сужети қиссаро тибқи муқаррарот ба хонанда пешакӣ фаҳмондааст:

Ровӣ карда ривоят аз Расул,

Чун Расул аз Ҷабраил кард ин нуқул.

Ҷабраил аз Холиқи кавну макон,

Дар каломи Ҳақ биёвард ин баён.

Нӯро гӯянд номаш буд Шукур,

Аз барои қавми худ бигрист пур...
З-ин сабаб ӯро ниҳодан (д) Нӯҳ ном,
Номи ӯ Нӯҳ шуд андар хосу ом [14,34].

Ба ин тартиб, шоир дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худ санъати **бароати истеҳлол**ро хеле фаровон истифода карда, аз хеш маҳорати волоеро нишон додааст, ки намунаҳои фавқуззикр гувоҳи ин андеша мебошад.

Дар ашъори Мирзо Қадам аз санъати такрору саволу ҷавоб хеле зиёд ва бамаврид истифода шудааст. Чунонки байти зерин мебинем, шоир, **санъати такрор**ро дар пайвастагӣ ба **санъати саволу ҷавоб** дар хеле бамаврид истифода кардааст:

Гуфт: - Эй модар, Худоят кӣ бувад?
Гуфт: - Озар, ки нафақа медиҳад.
Гуфт: - Озарро Худояш кӣ бувад?
Гуфт: - Намруд Худояш мебувад.
Гуфт: - Намрудро Худояш кӣ бувад,
Гуфт: - Кавокиб дар самояш мебувад?...[14,66]

Шоир дар байтҳои боло тавассути вожаи «гуфт», бо он ки такрор асту ҳамзамон аз муҳимоти санъати саволу ҷавоб низ ба шумор меравад, манзараи мубоҳисавии ҷолиберо ба ваҷҳи аҳсан ба риштаи тасвир кашида, муассирии шеърашро дучанд афзудааст. Ин ҷо санъати **талмеҳи равшан** низ ба назар мерасад, ки марбут ба рӯзгори ҳазрати Иброҳим (а) аст.

Санъати дигаре ки дар ашъори Мирзо Қадам ба назар расид, **киноя** мебошад. Дар байти зерин бошад, шоир аз санъати кинояро ба маврид истифода бурдааст:

Эмин машав зи фитнаи ин**золи бевафо**,
Рӯзе ҳазор шавҳари дилхо-ш медиҳанд [13,54].

Дар ин байт шоир ибораи «золи бевафо»-ро ба маънои киноя аз дунёи бевафо овардааст, ки ҳақиқати ҳол мебошад. Зеро агар вафо дунё

медошт, макру фусунаш инсонҳоро шефта намекард, ҳамагӣ ба қадри зиндагӣ мерасидем ва шодона ба сар мебурдем. Вале ҳайҳот ки дунё ба таъбири дурусту воқеии шоир “золи бевафост”. Ин маънӣ дар шеъри пешиниён низ дида мешавад, аммо шоир онро ба таври ба худ хос манзури хонанда кардааст.

Шоир дар байти зерин бо истифода аз киноя маънои аҷиберо эҷод намудааст:

Гар хамехохи насиб аз бӯйи гул,
Бо дилу ҷон дар ҷафои хор бош [13,48].

Манзури шоир аз ифодаҳои киноявии “аз бӯйи гул” баҳра бурдан ва “ҷафои хор” будан, дар асл хубиҳоро истиқбол намудану бадиҳоро маҳкум кардан мебошад.

Дар байти дигари ба санъати мазкур эҷодшуда мебинем, ки шароб ба бехуморию бешӯру шариаш ба маънои маърифату дониш воқеъ гардидааст:

Шароби бехуморӣ кун насибам,
Ки дар вай ҳеч шӯру шарр набошад [13,55].

Маънии ин байт аз байтулгазали Хоҷа Ҳофиз, ки мегӯяд:

Шароби бехуморам бахш ё Раб,
Ки бо вай ҳеч дарди сар набошад,

гирифта шудааст. Чунин маънигириҳои хуб дар девони шоир чунонки дар фавк низ ишора шуд, кам нест. Онҳо ҳамагӣ хушоянду дилпазиранд.

Мутолиаи ашъори Мирзо Қадам нишон медиҳад, ки таваҷҷӯҳи вай дар эҷоди каломи манзум ба аъдод зиёд аст. Шоир матлаъҳои ашъораш ва ё баёни матолиби худ, ки дар жанрҳои гуногуни адабӣ фароҳам омадаанд, масъалагузориашро ба адад таъин намуда, пасон бо тартиби муайян ба шарҳу тавзеҳи онҳо пардохтааст. Чунончи, ғазелеро, ки ба аҳкоми таҳорат бахшидааст, **саёқатулаъдод**ро хеле ҷолиб марриди истифода карор додааст. Матлаи он газал ин аст:

Дар вузӯъ кардан чаҳор фарз аст, даҳ суннат бувад,

Ҳашти дигар мустаҳаб ҳафти дигар бидъат бувад [13,67].

Бо чунин масъалагузорӣ шоир дар абёти баъдии ғазал аъдодро як ба як шарҳу тавзеҳ кардааст, ки ниҳоят ҷолибу қобили таваҷҷӯҳ аст. Дар девони ашъори шоир ба ин монанд шеъру ғазалҳое ба чашм мерасанд, ки ба пуррагӣ аз санъати мавриди назар бунёд шудаанд. Азбаски санъати мазкур анвои зиёд дорад, навъи дигари онро низ дар шеъри шоир мушоҳида намудем, ки масъаларо ба адади муайян таъйин намудааст, вале дар шарҳу тавзеҳи онҳо аъдодро дубора баршуморӣ накардааст. Чунонки дар баёни хӯрдани таъом, махсусан таъоме ки ҳарорати баланду тақатфарсо дорад, тавсияҳои муҷаррабу омӯзандае пешниҳод сохтааст:

Дар ҷӯш хӯрдани таъом медон, ки ҳафт офат бувад,

Нусиёниву бебаракатӣ, ранги зарду кӯриву кар.

Ҳам об рафтан аз даҳон, ҳам қувват аз аъзо равад,

Ҳафт офатро бидон дар ҷӯш хӯрдан, эй писар [13,128].

Тавре ки аз намунаҳо ва мутолиаи ашъори шоир маълум мегардад, вай бо аъдод фикрашро огоҳона ва ба тартиб ифода карда тавонистааст. Рӯйҳамрафта, санъати дишаре ки ба саёқатулаъод шабоҳат дораду онро Мирзо Қадам дар баёни андешаҳои худ ба кор бурда, маъниофаринӣ намудааст, **тафсир** мебошад. Дар абёти зайл зиндагии ҷавонеро шарҳу тафсир кардааст, ки хеле ҷолибу диққатҷалбкунанда мебошад:

Ҷавони накӯи фармонбардор,

Буд бо модари хеш фамонбардор.

Шабро се қисм кард он покбоз,

Вақте хуфтӣ, вақте мехондӣ намоз.

Вақте бо турбати падар рафта буд,

То дами субҳ зиёрат менамуд.

Чунки рӯз шуд ба саҳро рафтӣ,

Ҳезум овардӣ варо бифрӯхтӣ.

Се қисм кардӣ яке дар роҳи Ҳақ,

Бидодӣ ба мискинони мустаҳақ.

Қисми дигар додӣ ба модари хеш,

Қисми дигар нафақа аз баҳри хеш [13,160].

Мазмуни абёти мазбур ба зиндагии Хоҷа Ҳофиз хеле шабоҳат дорад. Махсусан, замоне ки вай дар нонвойхона кор мекарду ҳаққи заҳматашро ҳамчунон ба се қисм тақсим менамуд. Шоир, ки дилбохтаи шеъри Ҳофиз буд, ба ин маъниҳо таваҷҷӯҳ кардану ба андак тағйирот ба таҳрири тоза кашидани он табиист. Ва ин ҷо баробари **санъати тафсир**, истифода гардидани **санъати талмеҳи пӯшида** низ бармалост.

Аз санъатҳои бадеии зиёде, ки Мирзо Қадам дар осораш бештар мавриди истифода қарор додааст, **санъати талмеҳ** мебошад. Роҷеъ ба ин санъати бадеӣ гузаштагону имрӯзиёни суханшинос андешаҳои ҷолиб доранд ва он ҳама ба андешаи хулосавии адабиётшинос Ансор Афсаҳов ин аст, ки «талмеҳ, ин назар андохтан, нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизе, як навъ санъати бадеист, ки зимни он шоир ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ишора менамоянд» [35,165]. Талмеҳоти истифодакардаи Мирзо Қадам аз нигоҳи мавзӯъ ва мундариҷа гуногун буда, дар маҷмӯъ, аз мавзӯъҳои ишқӣ, қиссаҳои қадимии Машриқзамин, ҳаводиси сипаришудаи таърихӣ, аҳодиси набавӣ, саргузашти подшоҳон, қиссаҳои ошиқонаи динӣ, саргузашту лаҳзаҳои хотирмону ҳикматомези пайғамбарон, асотири арабу аҷам ва ғайра иборат мебошанд. Дар байти зайл, шоир ба қиссаи Юсуф ишора мекунад, ки Зулайхо ба васвасаҳои шайтон, ҳавову ҳавас ва муносибати гайриинсонӣ дода шуда, ӯро тӯҳмат карда, аз Азизи Миср адолат хоста, Юсуфи бегуноҳро ба кунҷи зиндон будааст:

Тӯҳмати ноҳақ **Зулайхо** кард **Юсуф**ро ба худ,

Пеши он **Азизи Миср** аз дасти шайтони лаъин [13,83].

Ба ин маънӣ, шоир ба ҳавову ҳавас дода шудану ноадолатона кссеро тӯҳмат карданро маҳкум кардааст.

Дар байти дигар бошад, шоир бо истифода аз санъати талмеҳ аз ҳазрати Айюб (а) ёд кардааст:

Ҳазрати **Айюб** гуфто дар ҷавоб,
Ки шаҳид мурданд дар роҳи савоб [13,144].

Дар байтҳои зерин бошад, номҳои пайёмбарон: Мӯсо (а), Довуд(а), Сулаймон (а) талмеҳ шуда омадаанд ва зимнан, лаҳзае аз рӯзгори ибратбахши эшон пешорӯи хонанда гузошта шудааст, ки аз мазомини онҳо метавон баҳраҳои масарратбахш гирифт:

Гуфт **Мӯсо,** ки панаҳ мегирам,
Ба Худое, ки бувад дастгирам [13,158].
Ҳазрати **Довуд** дар он ҷамъ хушхонӣ кунад,
Мерасад савташ, куҷое ки бувад аҳли савоб [13,40].
Аз **Сулаймон** рафт шоҳӣ чанду вақти чокарӣ,
Кард бо моҳикашӣ аз дасти шайтони лаъин [13,83].

Дар байтҳои дигар образҳои достонҳои ишқию романтикӣ Лайлию Маҷнун низ талмеҳ шуда омадаанд:

Ошиқию ҷонгудозиҳо зи булбул ёд гир,
Ё чу **Маҷнун** рав, ба саҳрою биёбон ҷой гир[13,47].
**Маҷнун,** ба ҳазор боғу бӯстон
Бе **Лайлӣ** гузор хуш набошад [13,56].

Дар байти дигар номи Афлотун талмеҳ шуда омадааст:

Ба дунё умр агар дорӣ, ба султонию сардорӣ,
Сад **Афлотун** ҳунар дорӣ, бидон охир ҳама бекор [13,91].

Чунин рехтагарии бомашоратонаи аҷзои сухан, ки онҳоро аз ҳамдигар наметавон ҷудо кард, аз корбурди бамавқеи **муроотунназир** сарчашма мегирад. **Муроотунназир** санъати маънавиест, ки риояи ҳаққи ҳадди монандиро байни шайъи тавиршавандаи каломи бадеӣ тақозо менамояд. Суханшиносон дуруст қайд кардаанд, ки асли каломи бадеъ ва ташаккули санъатҳои бадеӣ дар адабиёт, истифодаи хуби санъати мазкур аст. Мирзо Қадам муроотунназирро дар ашъораш фаровон истифода бурда, бадеияти

каломашро таъмин ва саноеъи онро тавсеа бахшидааст. Чунончи дар байти зерин мебинем, шоир булбулу қумрӣ ва тӯтиро, ки ҳарсе паррандаанд, ба забон оварда, ҷою макону мақоми онҳоро дар боғу гулшан, сарву суману гулзор бо шакаршиканӣ таносуби маъноӣ бахшидааст:

Булбули боғи гулшанат, қумрии сарви суманат,

Тӯтии шакаршиканат, буданд дар ин гулзор ку [13,94]?

Бо ин шоир гуфтанист, ки ин дунё гузарон аст ва ҳар он чизе ки ин ҷо ҳаст, фанопазиру гузарон мебошад. Дар мисоли зайл бошад, шоир дар тасвири "нозанин" пардохта, калимаву ибораҳои "моҳи оламгир, партави рӯй, офтоб ва беҳтарин"-ро ба ҳайси муроотунназир истифода кардааст:

Моҳи оламгирро бо ту куҷо бошад тараф,

Тартави рӯйи ту аз сад офтоб аст беҳтарин [13,93].

Ин ҷо **ташбеҳи тафзил** ва дараҷаи баланди **муболиға –иғроқ** низ ба кор рафтааст. Дар мисоли зер шоир ба баёни фазоили дониш кӯшида таъкид кардааст, ки дониш беҳтарин дороист, ки савобаш аз гуфтору навиштор берун буда, онро дар ягон дафтар ғунҷондан мумкин нест. Барои ба маънии мазкур даст ёфтан, калимаҳои "дониш, савоб, дафтар, ҳисоб ва нағунҷидан"-ро таносуб кардааст:

Ба дониш он чи гӯям аз савобаш,

Ба дафтарҳо намеғунҷад ҳисобаш [13,62].

Дар абёти зайл шоир ба масоили тасаввуфӣ дахл карда, иброз доштааст, ки "роҳрав-солик бе роҳбар-пир ба манзил расида наметавонад". Ҳамчунин дар зеҳни вай бояд ҷуз расидан ба роҳи мақсуд, савдои дигаре чун "зару зевар" надошта бошад. Кору фаъолияту ҷодааш орӣ аз алоиқу ғайр бошад. Вай ба таъкиди шоир дили софу беолоишу ба ҳар гуна савол омада дошта бошад. Ҳуши фаҳми қавӣ ва гӯши шунаво насибаш бошад. Барои сайди ин маънӣ, шоир калимаҳои "раҳрав, раҳбар, савдои зару зевар, гуфтушунид ва кар"-ро мутаносибан паси ҳамдигар гузоштааст:

Хуш он раҳрав, ки бе раҳбар набошад,

Ба савдои зару зевар набошад.

Дилаш ҳозир ба ҳар гуна саволе,

Ба ҳар гуфтушуниде кар набошад [13,55].

Зимнан, бояд бигӯем, ки дар ин абёт **санъати иштиқоқ** низ ба назар мерасад. Он дар калимоти “раҳрав, раҳбар ва зару зевар” инъикос ёфтааст. Намунаи барҷастатари санъати иштиқоқ дар байти зайл аст, ки дар тақвияти мазмуни абёти боло гуфта шудааст:

Хоҳӣ, ки расӣ ба ганҷи мақсуд,

Дар мартабаи чи меҳру моҳӣ.

Рав домани пири роҳ баргир,

То роҳнамоядат ба роҳе...

Шоҳбозшаи шоҳон бигардӣ,

Сайри бикун (ӣ) ба боғи шоҳӣ [13,50].

Ғояи аслии ҳама ин гуфтаҳо он аст, ки инсон дар тамоми чорсӯйи зиндагӣ аз маслиҳату машварату раҳнамоии пир, муаллим ва устоди комил баҳравар гардад, аз ноҷуриву нобасомониҳо эмин монда, саломат ба кӯи мақсуд хоҳад расид. Ин ҷо низ ҳамаи калимаҳои мустақил байни ҳам аз ягон ҷиҳат таносуби маъноӣ доранд. Ва калимаҳои “шоҳбозша, шоҳон, шоҳӣ” бо истифода аз санъати иштиқоқ рӯйидаанд. Ҳамчунин шоир калимаҳои “рафттанд, меравем, рафтан, ёру ёрон ” иштиқоқ намуда, байти зайлро эҷод кардааст, ки мазмуни он ба ҳар шахси соҳибхирад воқеан, омӯзандаву ҳушдоркунанда мебошад:

Ҳамраҳон рафтанду мо ҳам меравем,

Пеш аз рафтан ба ёрон ёр бош [13,48].

Дар ин байт **санъати иҳом** низ ба кор рафтааст, ки дар мисраи дуюм рост омадааст. Тавсияи “ба ёрон ёр будан” аввалан ба маънои кӯмакрасони инсонҳо будан ва баъдан ба маънои корҳои некро анҷом додану номи нек гузоштан омадааст.

Дар байти зерин шоир ба хонандаи худ тавсия медиҳад, ки то ҳатталимкон аз касе қарз нагирад. Зеро қарз ба шахс бори гарон буда, метавонад паёмадҳои нохушеро пешорӯйи қарздор гузорад. Дар ғазале ки ин

мавзӯъ пайгирӣ шудааст, шоир аз **санъати тарсеъ** кор гирифта, хушояндии каломашро таъмин кардааст. Аз ҷумлаи ҳолоти ногуворе ки шоир дар бораи қарзу қарздор мефармояд, ин аст:

Қарздоронро набошад ҳоли умри зиндагӣ,

Қарздоронро набошад нангу ном бо гандагӣ...

Аз ин рӯ:

Риштае дар бар наёвию набошӣ қарздор,

Хоки хокистар наёвию набошӣ қарздор [13,84].

Бад-ин минвол, шоир дар ашъори худ аъмоли хубро аз аъмоли бад ҳамеша боло дониста, якеро тарғиб ва дигареро танқид менамояд, ки чунин равиши эҷодӣ зотан, **санъати тазо**дро дар худ дорад. Санъати мазкур дар шеъри Мирзо Қадам корбурди вофир дорад. Чунончи, дар абёти зерин мехонем, шоир хонандаашро ба шикастанафсӣ ва пок кардани нафс даъват намуда, калимаҳои тазодии “шабу рӯз” ва “амонату хиёнат”-ро ба маврид истифода кардааст:

Бувад шабҳо ба зикру рӯз соим,

Ғамаш аз хӯрданию зар набошад.

Набошад дар пайи озори мӯъмин,

Амонатро хиёнатгар набошад [13,55].

Дар байти дигар, шоир аз санъати тазод кор гирифта хушдор дода, ки дар зиндаги бояд ба қадри ҳамдигар расид. Зеро умри инсон кӯтоҳу ноёб аст. Ҳамаи он чизе ки дар олам ҳаст, бо вазидани боди тиргон-тирамоҳ хазон шуда, ба замин мерезанд ва ба муҷарради расидони фасли рабеъ - баҳор боз пайдо мешавад, вале инсон аз ин истисност. Ба тавсияи созандаи шоир:

Зинҳор, эй дӯстон, донед қадри ҳамдигар,

Чунки сангандози ҳиҷрон аст доим дар камин.

Зеро:

Тухми ҳар чизе бирӯяд аз замин дар ҳар баҳор,

Одамӣ дигар нарӯяд то қиёмат аз замин [13,90].

Мусалламан дар ин байт шоир калимоти “рӯйидану нарӯйидан”-ро, ки решаи ягона доранд, **иштиқоқ** карда, тазоди зеборо ба вуҷуд овардааст. Шоир дар байти зайл, маънии болоро тақвият додааст, ки “ба молу давлати ду-серӯзаи дунё мағрур машав, умрро ғанимат дон. Ҳароина аз паси ҷавонӣ пирӣ меояд”. Биноан, дар чунин ҳол ҳар нафасро аз ин умри гузарон ғанимат бояд донисту ба корҳои хубу созанда даст зад:

Гар даст диҳад ба ту ду-се рӯза давлат,

Давлат ба хазону пирӣ ба дунболи ҷавонӣ [13,51].

Ин ҷо калимаҳои “пирию ҷавонӣ” тазод буда, барои таъмини маънои байт ҳамаҷиҳата мусоидат кардааст. Ҳамчунин санъати такрор низ ба кор рафтааст, ки он калимаи “давлат” инъикос ёфтааст.

Дар шеъри шоир санъати дигари шеърӣ, ки аксар удабо онро барои тақвияти фикри худ истифода менамоянду бештаринашон аз зиндагӣ гирифта мешаванд, **санъати тамсил** мебошад. Дар байти зерин шоир ифодаи маъруфи “даст ба кору дил ба ёр”-ро, ки аз шиори аҳли тасаввуф аст, чун санъати мавриди назари мо кор гирифта, маънии зебоеро пешорӯйи хонанда гузоштааст. Аз тарафи дигар, вай тариқати худро бо ин ба хонандаи худ маълум сохтааст:

Касб ҳамчун фарз мебошад туро,

Дасту тан бо кор дил бо ёр бош [13,48].

Дар байти дигар шоир зиндагии инсонро дар кӯтоҳӣ “ба шабнами рӯйи гул” **ташбеҳи тафзил** намудааст, ки оназ як тараф **ҳусни мақтаи** ғазалро таъмин кардааст, яз сӯйи дигар хонандаро ҳушдор додааст, ки аз ин дар ғафлат набошад:

Зиндагонията дар ин дунё Қадам,

Ҳамчу шабнам бар сари гулзор бош [13,48].

Баррасии вижагиҳои бадеии ашъори Мирзо Қадам бармеояд, ки вай табъи волои сухангустарӣ ва диди хуби шоирӣ дошта, дар бештар маврид бо истифода аз унсурҳои асосии шеър-саноеъи бадеӣ каломи худро мӯҷаз, нишонрас, дилнишин ва марғубу хонданӣ намудааст. Вай

ҳамчунонки маълум гардид, дар шеърҳояш аз санъатҳои бадеии тавсиф, тасниқуссифот, ташбеҳ, истиора, муроотунназир, саёқатулаъдод, такрор, зуқофиятайн, ҳусни матлаъ ва мақтаъ, санъати иҳом, бароати истеҳлол, киноя, саволу ҷавоб ва монанди инҳоро бо маҳорати том ба кор бурдааст. Азбаски дар ашъори шоир санъатҳои маънавӣ нисбат ба санъатҳои лафзӣ хеле зиёд истифода шудаанд, бинобар ин метавон Мирзо Қадамро шоири маънигаро номид.

## ХУЛОСА

Аз пажӯҳиши мавзӯи мавриди таҳқиқ ба чунин натиҷа расидем:

1. Дар охирҳои асри Х1Х ва аввали асри ХХ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Бухори Шарқӣ дигаргуниҳои зиёде ба вуқӯъ пайваст. Дар ин давра, аз шимол ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва аз ҷануб кишвари Афғонистонро ба мустамликаи худ табдил додани инглисҳо ба ҳаёти адабию фарҳангии Осиёи Миёна, бахусус Бухорои Шарқӣ таъсири манфӣ расонд. Ин боиси он шуд, ки алоқаи ҳавзаҳои адабии Бадахшону Хатлон, бахусус Роғ аз ҳар ду тараф бо марказҳои муқтадири адабию фарҳангии форситаборон канда гардад. Гузашта аз ин, ғалабаи Инқилоби Октябр дар Русия ва ба давлати Шӯроҳо даромадани хоки Тоҷикистон тавонист ҳавзаҳои адабии Бухорои Шарқиро ба гирдоби фаромӯшӣ кашад.

2.Дар ин давра ҳавзаҳои адабии ин минтақа, махсусан, ҳавзаи адабии Роғ дар фаъолият бошад ҳам, фаъолияти адабии намояндагони он дар раванди адабиётшиносии тоҷик хеле хира ва ноаён арзёбӣ мегардид. Танҳо соҳибистиқлолии Тоҷикистон имконфароҳам овард, ки мо ба таҳқиқи эҷодиёти яке намояндагони соҳибдевони ҳавзаи адабии Роғ Мирзо Қадам рӯ оварем. Маълум шуд, ки Мирзо Қадам дар байни шоирони ин ҳавзамонанди: Муҷрими Роғӣ, Бисмил, Мирзо Булбул, Васлии Роғӣ, Мухлис, Абдулҳамиди Қадрӣ нақши бориз доштааст.

3. Дар рисола зиндагинома ва мероси адабии Мирзо Қадамро дар асоси ёддошту хотироти наздикону пайвандон ва шогирдони ӯ барқарор намудем. Мероси адабӣ ва ашъори тарҷумаиҳолии худи шоир ба мо имконият дод, ки соли таваллуд, ҷойи таваллуд, вақти муҳоҷирати аҳли оилаи Мирзо Қадам ба минтақаи Хатлон, замону макони фавти ӯ ва оромгоҳаш дақиқ муайян гардад. Дар ин заминаи боэътимод мероси адабии Мирзо Қадам, дастхатҳои мавҷудаи осори манзуми ӯ, мавзӯю мӯҳтавои онҳо таҳқиқу баррасӣ гардиданд.

4.Маълум карда шуд, ки Мирзо Қадам соҳиби «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзум будааст ва дар заминаи «Девон» ва «Қасас-ул-анбиё»-и

манзуми шоир муайян карда шуд, ки ӯ дар жанрҳои суннатии адабиётамон; қасида, ғазал, мухаммас, маснавӣ, рубоӣ, фардиёт асосан қувваозмоӣ намудааст. «Девон»-и шоир аз 1750 байт ва матни «Қасас-ул-анбиё»-и манзум, ки аввалу охираш аз байн рафтааст, аз 5100 байт иборат мебошад.

5.Ашъори Мирзо Қадам гуногунжанр ва гуногунмавзӯъ мебошад. Мавзӯи асосии эҷодиёти ӯ зимни масоили иҷтимоии замон фарогири андешаҳои аҳлоқӣ буда, талқини ахлоқи исломӣ дар он ҷойгоҳи алоҳида дорад. Вай тарғибкунандаи ахлоқи ҳамида дар исломи суннатист ва шоир дар ашъораш рӯҳияи динии замонашро инъикос намудааст.

6. Аз мероси адабии Мирзо Қадам, ёддоштҳои шогирдону ҳамнишинон ва фарзандонаш метавон дарёфт, ки шоир аз шахсиятҳои писандидаи ҳавзаи адабии Роғ маҳсуб ёфта, дар тамоми марҳилаҳои зиндагиаш рӯҳи баланду болидаи инсонӣ, озодагӣ ва муқовимат бо ситамгаронро доштааст. Бо ҳама камбизоатӣ Мирзо Қадам кӯшидааст, ки вақти худ ва атрофиёнашро хуш дорад. Басанда аст, ки ҳазлу шӯхиҳои ӯро бо шогирдаш Мирзо Раҳимҷон дар рӯзҳои гузаронидани базми наврӯзӣ ба ёд орем.

7. Ашъори лирикии Мирзо Қадам ва мӯҳтавои он баёнгари онанд, ки чеҳраи адабии ӯ барои ҷомеаи замон ҳамчун шахсияти зарурӣ ва некбину дурандеш равшан намоён аст. Нигоҳи вай, диди шоиронаи вай ба ҳаёти фарогири замонаш бо созу оҳангҳои иҷтимоӣ дар ҷомаи лирикӣ ҷанбаи баланди ахлоқӣ дорад.

8. Аз осори боқимондаи Мирзо Қадам «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ, ки маъхази он ҳамоно «Қасас-ул-анбиё»-и мансури муаллифаш номаълум мебошад, дар адабиёти нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри XX-и ҳавзаи адабии Роғ нақши бориз дорад. Ин асар асосан, рӯзгори пайғамбаронро бо ҳама бурду бохтҳояшон то даврони Муҳаммад пайғамбар (с), ки ин қисмати маснавӣ имрӯз гум шудаву дастрас нест, дар бар мегирад. Муқобилаю муқоисаи ин ду асари мансуру манзуми ҳамном нишон дод, ки Мирзо Қадам кӯшиш

намудааст, ки сужаҳои дар «Қасас-ул-анбиё»-и мансури мавҷударо пурра ба назм дарорад ва худ низ бо диди шоирона ба онҳо чизе илова намояд. Ин ба он маъност, ки шоир дар баробари дар асари худ равияи маснависароёни гузаштаи адабиёти тоҷикро идома додан, дар он овозу ҷойгоҳи худро пайдо кардааст.

9. Дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум шаклу мазмун ба таври мувофиқ ҷо ба ҷо гузошта шуда, бешубҳа, метавон гуфт, ки яке дигареро пурра намудааст. Дар аввал ва мобайни қиссаҳои алоҳидаи «Қасас-ул-анбиё»-и манзум омадани калимаву иборахои ба қиссагӯӣ марбут, монанди «қисса», «овардаанд», «ровӣ», «ривоят», «ровиён», «қавли дигар» бармеояд, ки шоир дар баробари истифода аз «Қасас-ул-анбиё»-и мансур бо маъхазҳои дигари ин қиссаҳо камобеш ошноӣ доштааст.

10. Дар «Қасас-ул-анбиё»-и манзум саҳми асосии Мирзо Қадам на танҳо дар ба назм даровардани асар, балки онро бо забони назми равону сода ва дур аз пардозҳои ба халқ номафҳум ба ҷомеа расонидан будааст. Истифодаи гуфтори маҳал дар он ин андешаро таъйид менамояд. Ақоиди таълимӣ-тарбиявии «Қасас-ул-анбиё»-и манзум ва рӯҳияи ахлоқии он барои ҷомеаи ҳамаи давру замонҳо созанда арзёбӣ мегардад.

11. Забони ашъори Мирзо Қадам дар «Девон» ва «Қисас-ул-анбиё»-и манзуми ӯ сода, равон ва фаҳмо буда, дур аз такаллуфот ва истифодаи калимаю таркибу таъбирҳои арабиянд. Ҷойи ишора аст, ки баъзан шоир дар вазни шеърӣ ва истифодаи қофия ба норасоиҳои ҷузъӣ роҳ додааст ва сабаби ин шояд дубора таҳрир наёфтани асарҳои ёдшуда бошад.

12. Мирзо Қадам дар баробари забони ноби тоҷикӣ, бо истифода аз гӯйишҳои мардумии маҳал ва адабиёти шифоҳӣ, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, мазмуну мӯҳтавои «Девон»-и ашъор ва «Қасас-ул-анбиё»-и манзуми худро ҳар чи бештар ғанӣ гардонида, дар ин асос ба осораш заминаҳои хубу итминонбахши маънавиро муҳайё сохтааст.

13. Маълум карда шуд, ки Мирзо Қадам ҳамеша дар пайи омӯзиш ва такмили донишҳои адабӣ будаасту дар ин замина, маҳорати сухангустарии худро тақвият додааст. Аз ин боис, дар ашъори вай ду

марҳилаи ташаккули сабкӣ мушоҳида гардид, ки яке дар партави шеъри классикӣ сухан гуфтани шоир ва дигаре чун шоири мустақил ба эҷоди каломи мавзун машғул шудани вай аст.

14. Пажӯҳиш нишон дод, ки Мирзо Қадам аз унсурҳои зотии шеър чун саноеъи бадеӣ хуб огоҳ буда, онҳоро ба ваҷҳи аҳсан дар шеъри худ истифода бурдааст. Аз ҷумла, санъатҳои бадеии тавсиф, тансиқуссифот, ташбеҳ, истиора, муроотуннназир, саёқатулаъдод, такрор, зуқофиятайн, ҳусни матлаъ ва мақтаъ, санъати иҳом, бароати истеҳлол, киноя, саволу ҷавоб ва монанди инҳо мебошад. Азбаски дар ашъори шоир санъатҳои маънавӣ нисбат ба санъатҳои лафзӣ хеле зиёд истифода шудаанд, бинобар ин метавон Мирзо Қадамро шоири маънигаро номид.

Дар муҳити басарбурдаи шоир ба чунин дастовардҳои адабӣ ноил шудан шаҳодати он аст, ки бо Мирзо Қадам истеъдоди фитрӣ ва ҳунари модарзодии суханофаринӣ ҳамроҳ будааст. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, бигӯем, ки Мирзо Қадам шоири мумтози адабиёти нимаи дуюми асри 19 ва аввали асри 20 дар Бухорои Шарқӣ ва махсусан, дар доираи адабии Роғ аст. Эҷодиёти вай бо мазмуну мундариҷаи бойи худ имрӯз низ қобили истифода буда, он ғановатмандии адабиёти кӯҳантаърихи моро афзудааст.

# КИТОБНОМА

## I. Осори адабӣ

**1.Бойгонии Мирзо Қадам.Қисме дар дасти наберагон ва ҳиссае дар дасти Искандар Икромов ва Зафар Икромов маҳфузанд.**

**2.Бурҳон, Муҳаммадҳусайн.** Бурҳони қотеъ. Ҷилди 1. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров/ Муҳаммадҳусайни Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.

**3.Ватвот, Рашидаддин.** Девон бо китоби «Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқу-ш-шеър» / Рашидаддини Ватвот. – Теҳрон, 1339.-249 с.

**4.Ғиёсиддин, Муҳаммад**. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров / Муҳаммад Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб. 1987. – 480 с.

**5.Девони Ҳофиз.** Бар асоси ҳаждаҳ нусхаи мустанад. Бо эҳтимоми Исмоил Соримӣ. – Теҳрон: Чашма, 1374. – 525 с.

**6.Қасас-ул-анбиё**. Ба эҳтимоми Алӣ Баҳоӣ ва Шариф Алӣ. – Бомбай: Муҳаммадӣ. – 340 с.

**7.Қасас-ул-анбиё.** Таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ, Аъламиён Махдуми Абдусаттор, Саидиён Исматуллоҳи Аҳрор, Амриддини Ҷалол. – Душанбе: Ориёно, 1991. – 400 с.

**8.Коран.** Перевод смыслов и комментарии Иман Валерий Пороховой. – Димаск: Центр Аль-Фуркан, 1421г. Похидгири.

**9.Лоҳурӣ, Муҳаммад Иқбол.** Куллиёти форсӣ// Таҳияи матн ва таҳқиқи илмии Алии Муҳаммадии Хуроснӣ ва Шарафнисо Пӯлодова/ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. – Душанбе: Дониш, 2013.-672 с.

**10.Лоҳутӣ, Абулқосим.** Куллиёт. Ҷилди 1 / Абулқосим Лоҳутӣ. – Сталинобод: - Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 386 с.

**11.Мирзо Қадам.** Девони ашъор. Нусхаи қаламӣ. Моли шахсии М. Сатторов.

**12.Мирзо Қадам.** Девон. Нусхаи қаламии аксӣ, ки асли он дар дасти набераи Мирзо Қадам Маднабӣ маҳфуз аст.

**13.Мирзо Қадам.** Девон// Мураттиб ва муаллифи сарсухан Искандар Икромов. Ба хатти кириллӣ баргардонанда Шерхон Ватанов/Мирзо Қадам. – Душанбе: Кишоварз, 2009.-184с.

**14.Мирзо Қадам.** Қасас-ул-анбиё// Мураттиб ва муаллифи сарсухан Искандар Икромов. Муҳаррир ва ба хатти кириллӣ баргардонанда Шерхон Ватанов/ Мирзо Қадам. – Душанбе: Кишоварз, 2010. – 336с.

15.**Розӣ, Шамси Қайс**. Ал-мӯъҷам//Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров/ Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

**16.Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин**. Девони кабир. Дар чаҳор ҷилд. Ҷилди чаҳорум// Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ/ Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. -588 с.

**17.Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ.** Куллиёт. Дастхати рақами 1594. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии ба номи академик А. Мирзоев АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**18.Шерозӣ, Ҳофиз.**Куллиёт// Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан Ҷамшед Шанбезода/ Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.

**19.Шоирони Мовароуннаҳр** (Аз Рӯдакӣ то Айнӣ). Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 608 с.

**II.Осори илмӣ**

**21.Абибов А.** Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ (асри XIX ва ибтидои асри XX) /А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1984. - 240 с.

**22.Абибов А.** Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон/ А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1971. – 199 с.

**23.Айнӣ, Садриддин.** Намунаи адабиёти тоҷик/ Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

**24.Акбаров Ю**. Қисмати инсон ва қисмати шеър/ Ю. Акбаров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 197 с.

**25.Алӣ, Аббосқулӣ**. Вазни шеър дар забони форсӣ /Аббосқулии Алӣ//Паёми навин – Теҳрон, 1352. Шумораҳои 5-6.

**26.Амонов Р**. Рубоиҳои халқӣ ва рамзҳои бадеӣ /Раҷаб Амонов – Душанбе: Дониш, 1978. – 296 с.

**27.Амонов Р**. Лирикаи халқи тоҷик / Раҷаб Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 453 с.

**28.Андреев** М.С. Таджики долина Хуф/ М.С. Андреев. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1958. – 286 с.

**29.Асрорӣ В**., **Амонов Р.** Эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик /В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1980.-304 с.

**30.Афсахзод А**. Лирика Абд-ар-Рахмана Джами (Проблема текста и поэтика) / Алохон Афсахзод. – Москва: Наука, 1988. – 376 с.

**31.Афсаҳзод, Аълохон**. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш. 1970. – 204 с.

**32.Афсаҳзод, Аълохон.** Низомии Ганҷавӣ / Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: Маориф, 1995. – 208 с.

**33.Афсаҳов А.** «Қасас-ул-анбиё» / А. Афсаҳов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 2004. – 522 с.

**34.Афсаҳов А.** Талмеҳ / А. Афсаҳов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. – Душанбе, 2004. – С. 258-259.

**35.Аҳмадов Мирзо.** Насри ахлоқӣ – тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ /Аҳмадов Мирзо. – Душанбе: Наҷот, 1994. – 153с.

**36.Бахтин М.М.** Вопросы литературы и эстетики/ М. М. Бахтин. – Москва: Художественная литература, 1975. – 470 с.

**37.Баҳор, Маликушшуаро.** Сабкшиносӣ. Ҷ.1/Маликушшуаро Баҳор. Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – 467 с.

**38.Баҳор**, **Маликушшуаро.** Сабкшиносӣ. Ҷ. 2 / Маликушшуаро Баҳор. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – 440 с.

**39.Бектош Н.** Вазни манзумаи тоҷик/ Н. Бектош. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикситон, 1936. – 16 с.

**40.Белинский В.**Г. Чанд мақола. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1966. – 88 с.

**41.Бертельс Е.**Э. История персидско-таджикской литературы/ Е.Э.Бертельс. – Москва: Восточная литература, 1960. - 556 с.

**42.Бертельс Е.**Э. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана/ Е.Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1988. – 555 с.

**43.Бобоев Ф.** Оятҳои «Қуръон» дар «Таърих»-и Абӯалии Балъамӣ / Файзулло Бобоев//Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ (маҷмӯаи мақолаҳои таҳқиқӣ). – Душанбе: Пайванд, 1998. – С. 123 – 136.

**44.Бобоев Ю.** Муқаддимаи адабиётшиносӣ /Ю. Бобоев.– Душанбе: Ирфон, 1974. – 237 с.

**45.Богорад Ю.**И. Рогские говоры таджикского языка / Ю.И. Богорад. АКД. – Ленинград, 1953. – 21 с.

**46.Брагинский И.**С. Очерки из истории таджикской народной поэзии /И.С. Брагинский. – Москва: АН СССР, 1956. – 496 с.

**47.Брагинский И.**С. 12 миниатюра/С.И. Брагинский. – Москва: Художесвенная литература, 1976. – 324 с.

**48.Гонковский Ю.**В. История Афганистана с древнейих времён до наших дней / Ю. В. Гонковский. – Москва: Наука, 1982. – 368 с.

**49.Гузашта ва имрӯзаи фарҳанги Хатлонзамин//** Гузоришҳо аз конференсияи умумиҷумҳурии «Гузашта ва имрӯзаи фарҳанги Хатлонзамин» ш. Қӯрғонтеппа, 12-13 ноябри соли 2001. Муҳаррир ва мураттиб Ҳасани Муродиён. – Қӯрғонтеппа, 2002. – 112 с.

**50.Гусев В.Е.** Эстетика фольклор /В.Е. Гусев – Ленинград: Наука, 1967. – 319 с.

**51.Ғафforова У.** Табарӣ ва мақоми ӯ дар тафсирнигории форсӣ – тоҷикӣ // Умеда Ғафforова. Номаи донишгоҳ. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Хуҷанд. 2001. - № 3. – С. 44-55.

**52.Ғафforова У.** Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Умеда Ғафforова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 400 с.

**53.Ғафуров Бобоҷон**. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав/Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
**54.Давронов С.** Сохти шеъри тоҷикӣ /С. Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 25 с.
**55.Донишвар, Абдулмуҳаммад.** Қофия ва қолабҳои шеърӣ/ Абдулмуҳаммади Донишвар. – Шероз: Маърифат, 1372, - 151с.
**56.Жирмунский В.**М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика / В.М. Жирмунский. – Ленинград. Наука, 1977. – 404 с.
**57.Зарринкӯб Абдулҳусайн.** Сайре дар шеъри форсӣ/ Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1371. – 600 с.
**58.Зеҳнӣ Т.** Санъати сухан /Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
**59.Икромов И.**, **Бобоҷонов Б.** Мирзо Қадам ва фикрҳои тарбиявӣ – ахлоқӣ дар эҷодиёти ӯ / И. Икромов, Б. Бобоҷонов // Субҳи меҳнат, 1983.
**60.Икромов И.** Абулфараҷи Рунӣ ва баъзе масъалаҳои сабки ироқӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик / Искандар Икромов. -Душанье: Ирфон, 1991. – 128 с.
**61.Икромов И**. Ганҷи нуҳуфта/ Искандар Икромов. – Душанбе: Кишоварз, 2006. – 105 с.
**62.Икромов И.** Зерпораҳо / Искандар Икромов. – Душанбе: Кишоварз, 2007. – 148 с.
**63.Икромов И.** Шоирони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик / Искандар Икромов. – Душанбе: Афсона, 2008. – 144 с.
**64.Икромова М.** Мирзолатиф Раҳимзода дар хотири дӯстон ва шогирдон /Маърифат Икромова// Чанд гавҳар аз ганҷи порсӣ / Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ – методии устодони кафедраҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик ва рӯзноманигорӣ. – Қӯрғонтеппа, 2012. – С. 42-48.
**65.Искандаров Б.**Н. Восточная Бухара и Памир во второй половина XIX в. / Б.Н. Искандаров. – Душанбе: Таджик-издат, 1962. – 354 с.
**66.Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присаединоная Средней Азии к России /Б.И. Искандаров.- Душанбе:?????????**

**67.Камолиддинов Б.** Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 120 с.

**68.Каримов** У. Мактаби вуқӯъ // Усмон Каримов. Адабиёт ва санъат. 20 январи соли 2011, № 3.

**69.Кӯчаров А.** Масъалаҳои матншиосии адабиёти тоҷик/А. Кӯчаров.-Душанбе: Маориф,1994.-144 с.

**70.Мақсудов Б.** Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ / Бадриддин Мақсудов. – Душанбе: Ирфон, 1994, - 164 с.

**71.** Дониш талабу бузургӣ омӯз (Ба пешвози 700-солагии Амир Хусрави Деҳлавӣ) / А. Маҳмадаминов // Тоҷикистони Советӣ, 1975, 09. 13.

**72.Маъсумӣ, Носирҷон.** Равнақи адабиёти тоҷик дар давраи баъд ҷанг ва омилҳои асосии он // Ниг.: Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Тартибдиҳанда Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 40-65.

**73.Мирзозода Х.** Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ /Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.

**74.Мусулмонқулов Р.** Асрори сухан/ Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе, 1980. – 152 с.

**75.Мухторӣ, Муҳаммад.** Инсон дар шеъри муосир / Муҳаммад Мухторӣ. – Теҳрон: Тӯс. – 647 с.

**76.Мухторов Абдусаттор, Раҳматуллоев, Асламшоҳ**. Таърихи халқи тоҷик / Абдусаттор Мухторов, Асламшоҳ Раҳматуллоев. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди аввал. – Москва: Интрас дорнаука, 2002. – 384 с.

**77.Муътаман, Зайнулобиддин.** Таҳаввули шеъри форсӣ/ Зайнулобиддин Муътаман. – Теҳрон: Бунгоҳи матбуотии Афшор, 1346. – 390 с.

**78.Назаров Х.** Из истории движении народних масо Афганистане в начале XX в. / Х. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1969. – 87 с.

**79.Наимов К.**К. Муджрим и литературная среда Рога в конце XIX и начале XX века/ Наимов Қудратулло Кахорович. – Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2010. – 23 с.

**80.Нарзиқул М.** Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър) / Мисҳобиддини Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 79 с.

**81.Неменова Р.**Л. Кулябские говори таджикского языка (диссертация) / Р.Л. Неменова. – Сталинобод, 1949. – 189 с.

**82.Нурова К.** Хусусиятҳои бадеӣ – эстетикии ғазалиёти Файзии Даканӣ / Кубриё Нурова. – Душанбе: Матбуот, 2013. – 212 с.

**83.Отахонова Х.** Масъалаҳои матншиносии адабиёти муосири тоҷик / Х. Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1996. – 196 с.

**84.Рахимов М.** Обычаи и обряды, связанные со смертью и похоронами у таджиков Кулябской области / М. Рахимов. – Изв.отд. общ. Наук АН Тадж. ССР, №3. – Душанбе, 1953. – С. 49-53.

**85.Раҳмонов Ш.** Мусаммат. Таҳаввул ва ташаккули он / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 172 с.

**86.Раҳмонов Ш.** Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ/ Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 144 с.

**87.Рейснер М.** Л. Эволюция классической газели на форси (X-XIV века). – Москва, 1989. – 221 с.

**88.Рипка Ян.** История персидской и таджикской литературы / Ян Рипка. Перевод И.С. Брагинский. – Москва: Прогресс, 1970. – 440 с.

**89.Саидҷаъфаров Ш.** Васфи фарзандони Хатлон /Ш. Саидҷаъфаров. // Рӯз.: Роҳи ленинӣ, 20 феврали соли 1998.

**90.Салимов Ю.** Насри ривоятӣ /Ю. Салимов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 128 с.

**91.Саломатшоева Л.З**. Философская лирика Хасана Дехлави/ Л.З. Саломатшоева. Душанбе: Дониш, 1986. – 123 с.

**92.Сатторов А.** Нуқтаи пайванд (Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ) / А. Сатторов. – Душанбе; Ирфон, 1982. – 240 с.

**93.Саъдиев Садрӣ**. Мазмун ва шакли асари бадеӣ/ Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 24 с.

**94.Сирус Бахром**. Арӯзи тоҷик/Баҳром Сирус. – Душанбе. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 288 с.

95.**Словарь литературоведческих терминов.** – Москва, 1974. – 512 с.
96.**Содиқ Розиқ.** Равзанаи субҳ / Розиқи Содиқ. – Душанбе: Шарқи Озод. – 2002. – 164с.
97.**Содиқов А.** Андешаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ / А. Содиқов. – Душанбе, 1989. – 144 с.
98.**Солеҳов М.** Арӯз ва омӯзиши он / М. Солеҳов. – Душанбе, 2005. – 110 с.
99.**Стеблева И.В.** Развитие тюрских поэтических форм в XI веке / И.В. Стеблева. – Москва: Наука, 1971. – 400 с.
100.**Сурободӣ, Абӯбакр Атиқи Нишопурӣ.** Тафсири «Қуръони карим» / Сурободӣ. – Теҳрон: Нусхаи хаттии Бунёди фарҳанг. – 1345 с.
101.**Табаров С.** Боз барои дуруст омӯхтани мероси адабӣ / С. Табаров // Ниг.: Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Душанбе: Ирфон. 1966. – С. 160 – 173.
102.**Табаров С.** Барои дуруст омӯхтани мероси адабӣ / С. Табаров // Ниг.: Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Душанбе: Ирфон. 1966. – С. 147-159.
103.**Табаров С.** Масъалаи мазмуну шакл дар намунаи лирикаи гражданӣ //. Ҳаёт, қаҳрамон, адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 221.
104.**Тилавов Б.** Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ. Тадқиқи репертуари шифоии муосир / Бозор Тилавов. Душанбе: Дониш, 1989. – 231 с.
105.**Тоиров У.** Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам/ Урватулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 576 с.
106.**Томашевсвкий Б.** В. Сталистика. – 2-е изд. Испр. Доп. /Б. С. Томашевский. – Ленинград: изд. ГЛУ, 1983. – 288 с.
107.**Фарҳанги забони тоҷикӣ**, Ҷилди II. – Москва: Советская энциклопедия. 1969. – 952 с.
108.**Фозилов М.** Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷилди 1 / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 386 с.
109.**Фурӯзонфар, Бадеуззамон**. Сухан ва суханварон / Бадеуззамони Фурузонфар. – Теҳрон: Хоразм, 1350. – 491с.
110.**Ходизода Р**. Источники к изучению таджикского литература второго половина XIXв. / Расул Ходизода. – Сталинабад. 1956. – 137с.

111.**Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ**. Рӯзгору осори адабии Абдулҳайи Муҷахарфӣ ва зарурати омӯзишу таҳқиқи он/ Алии Муҳаммадии Хуросонӣ // Меҳру Муштарӣ: маҷ. Мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2010.-С. 254-263.
112.**Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ**. Дарёи шеъри адабиёти форс-тоҷик дар Мовароуннаҳр / Алии Муҳаммадии Хуросонӣ// Меҳру Муштарӣ: маҷ. мақолаҳо /- Душанбе: Адиб, 2010.-С. 285-293.
113.**Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ**. Рӯзгор ва мероси адабии Мирзолатиф Раҳимзода / Алии Муҳаммадии Хуросонӣ// Меҳру Муштарӣ: маҷ. мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 294- 305.
114.**Ҳакимов А**. Шеър ва замон /А. Ҳакимов// маҷ.: Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1978.-252 с.
115.**Ҳакимов С**. Зинаҳои ташаккули адабиёти форс-тоҷик дар Роғ /С. Ҳакимов // Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй…: маҷ. мақолаҳо / Маводи конферонсияи илмӣ-назариявии умумиҷумҳуриявӣ бахшида ба 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Қӯрғонтеппа, 2008. – С. 185-195.
116.**Ҳакимов С**. Дараҷаи омӯхта шудани адабиёти Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик /С. Ҳакимов // Канди порсӣ: маҷ. мақолаҳо / Маводи мақолаҳои илмии устодони кафедраҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик ва рӯзноманигорӣ. – Қӯрғонтеппа, 2010. – С. 36-40.
117.**Ҳакимов С.** Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Лиқои Роғӣ /Саъдулло Ҳакимов // Чанд гавҳар аз ганҷи порсӣ / Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ – методии устодони кафедраҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик ва рӯзноманигорӣ. – Қӯрғонтеппа, 2012. – С. 37-42.
118.**Ҳодизода Р.**, **Шукуров М., Абдуҷабборов Т.** Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.
119.**Ҳодизода Р.** Шоҳин /Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1974. – 142 с.
120.**Ҳодизода Р.** Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX/ Расул Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1968. – 266 с.

**121.Ҳодизода Р.**, Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX/ Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988.-414 с.

**122.Шарифов Х.** Ислом ва адабиёти форсии тоҷикӣ // Худоӣ Шарифов. Паёми андеша. – Шумораи 3, феврали 1998. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – С. 46-60.

**123.Шарифов Х.** Балоғат ва суханварӣ. Душанбе: Сино, 2002.-278 с.

**124.Шарофова Г.** Образи занон дар насри ривоятӣ /Гавҳар Шарофова. – Душанбе: Ирфон, 2007.-160 с.

**125.Шафиев Ф.** Ашур Сафар и литературная среда Куляба второй половины XXвека/ АКД. – Душанбе, 2010. – 26 с.

**126.Шокирзода Ш.** Тавсиф дар ғазалиёти Ҳаким Саноӣ /Ш. Шокирзода. – Душанбе: Сино, 2001.-266 с.

**127.Шоҳзамони Раҳмон.** Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик. – Душанбе: Пайванд. 2010.- 310+21с.

**128.Шукуров М.** Жанри таърихӣ ва худогоҳии халқ // Ниг.: Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт. Китоби 4. Мураттиб Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 62-73.

**129.Шукуров М.** Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.IV. Насри солҳои 1945-1974/М. Шукуров. – Душанбе: Дониш. 1980.-383 с.

**130.Энсиклопедияи Кӯлоб.** – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2006. – 640 с.